ЮНУС АЗИМОВ, ҶУМЪАНАЗАР ЭШОНҚУЛОВ

# АДАБИЁТ

# 5

Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои
5-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ

*Вазорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон ба нашр тавсия намудааст*



ТОШКАНД – «O‘ZBEKISTON» – 2020

УДК: 821.512.133(075)+133(075)
ББК 83.3(0)
А 37

М у ҳа р р и р и масъул:

доктори илмҳои филологӣ, профессор Ч. Ҳамроев

Муқарризон:

С. Хӯҷақулов, А. Шерназаров – омӯзгорони кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлати Самарқанд, н.и.ф;
Д. Муқимова – омӯзгори кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Тирмиз;
М. Ходжаева – омӯзгори мактаби таълими миёнаи умумии рақами 19-уми ноҳияи Пасдарғами вилояти Самарқанд;
Ҳ. Ҳикматов – омӯзгори мактаби таълими миёнаи умумии рақами 47-уми ноҳияи Чинози вилояти Тошканд.

Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби республика чоп шудааст.

## Аломатҳои шартӣ

 – савол ва супоришҳо

 – тестҳо

 – зарбулмасалҳо

 – луғатҳо

http://eduportal.uz

ISBN 978-9943-01-740-5

© Ю. Азимов, Ч. Эшонқулов, 2011, 2015, 2020
© ХЭТН «O‘ZBEKISTON», 2011, 2015, 2020

# ДАРСИ АВВАЛ – ДАРСИ ИСТИҚЛОЛ



БАЙРАҚИ ДАВЛАТИИ РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН




ГЕРБИ ДАВЛАТИИ РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН

http://eduportal.uz

# ГИМНИ ДАВЛАТИИ РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН

*Шеъри А. ОРИПОВ*
*Оҳанги М. БУРҲОНОВ*

Серқуёш ҳур ўлкам, элга бахт, нажот,
Сен ўзинг дўстларга йўлдош, меҳрибон!
Яшнагай то абад илму фан, ижод,
Шуҳратинг порласин токи бор жаҳон!

Н а қ а р о т

Олтин бу водийлар – жон Ўзбекистон,
Аждодлар мардона руҳи сенга ёр!
Улуғ халқ қудрати жўш урган замон,
Оламни маҳлиё айлаган диёр!

Бағри кенг ўзбекнинг ўчмас иймони,
Эркин, ёш авлодлар сенга зўр қанот!
Истиқлол машъали, тинчлик посбони,
Ҳақсевар, она юрт, мангу бўл обод!

Н а қ а р о т

Олтин бу водийлар – жон Ўзбекистон,
Аждодлар мардона руҳи сенга ёр!
Улуғ халқ қудрати жўш урган замон,
Оламни маҳлиё айлаган диёр!

### Савол ва супоришҳо

1. Дар бораи гимн маълумот диҳед.
2. Байрақи давлатии Республикаи Ўзбекистон чӣ гуна аст?
3. Герби давлатӣ чист? Дар бораи он маълумот диҳед.
4. Гимнро аз ёд кунед.

http://eduportal.uz

# НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ

## Асари бадеӣ

Адабиёт ҷамъи калимаи арабии «адаб» буда, маъноҳои хулқи нек ва писандида, шарм, ҳаё, илм, дониш, ҳунар, таълимро дар бар мегирад. Адабиёт ба маънои томаш осори хаттии халқҳо аст. Адабиёт навъҳои гуногун дорад: адабиёти сиёсӣ, адабиёти техникӣ, адабиёти хоҷагии қишлоқ, адабиёти бадеӣ ва ғайра. Адабиёти бадеӣ як навъи санъат буда, воқеиятро ба воситаи калимаҳо образнок инъикос мекунад. Адабиёти бадеӣ дар заминаи эҷодиёти даҳонакии халқ, дар замонҳои хеле қадим пайдо шудааст. Аввалҳо дар шакли даҳонӣ амал карда, сонӣ баъди пайдо шудани хат шакли хаттии он низ ба вуҷуд омадааст. Намунаҳои қадимтарини адабиёти бадеӣ «Авасто», «Калила ва Димна», «Синдбоднома» ва «Ҳазор афсона» мебошад.

Адабиёт орзу, ҳавас, шавқу завқ ва ҳиссиёти ботинии инсонро ба дараҷаи ниҳоят таъсирбахш ва зебо ифода карда метавонад. Аз ин рӯ, адабиёти бадеӣ навъи сермаҳсул ва оммавигаштаи санъат ба ҳисоб меравад. Дар адабиёти бадеӣ воситаи асосии инъикос сухан мебошад.

Се ҷинси асосии адабиёти бадеӣ мавҷуд мебошад: эпикӣ (ҳамосавӣ), лирикӣ (ғиноӣ) ва драма. Ҳамоса худи воқеиятро инъикос мекунад. Дар лирика таассуротҳои аз воқеият гирифтаи инсон барҷаста ба тасвир гирифта мешавад. Драма ҳаётро дар ҳаракат ифода намуда, бе нутқи муаллиф акс мекунонад. Дар баробари ин ҷинсҳои адабӣ боз ба гурӯҳҳо низ тақсим мешаванд:

1. *Ҳамоса* – жанрҳои хурди ҳамоса (латифа, тамсил, баллада, ҳикоя, новелла), жанрҳои миёнаи ҳамоса (қисса (повест), достон), жанрҳои калони ҳамоса (роман, достони мӯҳташам (романи манзум), эпопея), гурӯҳи махсуси жанрҳои ҳамосавӣ (очерк, сафарнома, ёддошт);

2. *Лирикӣ* – ғазал, мухаммас, марсия, рубоӣ, қасида, суруд ва ғайраҳо;

3. *Драма* – драма, комедия (мазҳака), трагедия (фоҷиа).

Асарҳои бадеӣ ба назм ва наср ҷудо мешаванд. Назм калимаи арабӣ буда, маънояш ба ришта кашидан, оростан, ороиш додан мебошад. Онро каломи мавзун, шеър ҳам меноманд. Эҷодкорони назмро нозим мегӯянд. Наср низ калимаи арабӣ буда, маънояш пошидан, рехтан, пароканда кардан мебошад. Асарҳои бевазну беқофия навишташударо низ наср меноманд. Эҷодкорони насрро нависанда (носир) мегӯянд.

Як қисми калони адабиёти бадеиро адабиёти бачагона ташкил медиҳад. Ба ин гурӯҳ асарҳои бадеӣ, илмии бадеӣ, илмии фантастикӣ, ки махсус барои бачагон навишта шудаанд, дохил мешаванд. Одатан зери ин мафҳум асарҳои сершумори халқӣ, осори пандомези адабиёти классикӣ, инчунин намунаҳои адабиёти ҷаҳониро мефаҳманд.

Адабиёти бачагонаи муосири тоҷик аз устод Садриддин Айнӣ оғоз меёбад. Саҳми Мирсаид Миршакар, Абдусалом Деҳотӣ, Убайд Раҷаб, Гулчеҳра Сулаймонова, Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо, Алӣ Бобоҷон, Нӯъмон Розиқ, Болта Ортиқов, Маҳбуба Неъматзода ва дигарҳо дар бунёд ва инкишофи адабиёти бачагонаи тоҷик хеле калон мебошад.

### Савол ва супоришҳо

1. Адабиёт чиро меомӯзад?
2. Адабиёти бадеӣ гуфта чиро мегӯянд?
3. Асарҳои бадеӣ ба кадом қисмҳо ҷудо мешаванд?
4. Оиди навъҳои адабиёт маълумот диҳед.

http://eduportal.uz

# Фасли 1. САВТУ САДОИ СУРУДУ ТАРОНА

## СУРУД ВА ХЕЛҲОИ ОН

Сурудҳо як навъи эҷодиёти даҳонии халқ буда, таърихи қадимӣ доранд. Манбаъҳои пайдоиши сурудҳо гуногунанд. Яке дар ҷараёни меҳнат, дигаре дар мавриди расму оин, сеюмӣ дар лаҳзаи хурӯҷи эҳсосу ҳаяҷон ва ҳоказо эҷод ва тараннум карда мешавад. Сурудҳо ба таври якка ва якҷоя хонда шуда, дорои оҳангу мусиқӣ мебошанд. Асбобҳои мусиқии тоҷикӣ: дутор, танбӯр, най, ғижжак, доира, рубоб, чанг ва ғайра дар иҷрои сурудҳо ҳамоҳанг мешаванд. Бештари сурудҳои халқиро бо ҳамовозии дуторча ва ё доира мехонанд ва қариб ҳамеша онҳоро рақс ҳамроҳӣ мекунад. Сурудҳо шӯх ва ҳазину ғамангез мешаванд, оҳанги мусиқии онҳо ба ин хусусияти онҳо пурра тобеъ мегардад.

Дар сурудҳо мисраъ, байт ё банди гардон мешавад, ки онҳоро нақарот ҳам мегӯянд. Нақаротҳои маънидору бо суруд алоқаманд ва маънӣ надоштаи бо матни суруд ҳамоҳанг низ дучор мешаванд.

Сурудҳо аз ҷиҳати шакл ва мазмун як хел нестанд. Аз ҷиҳати шакли шеърӣ, вазн ва қофиябандӣ ҳамчун рубоӣ, дубайтӣ, мухаммас, қитъа ва ғайра қонунҳою қоидаҳои ба худ хосе надоранд. Вале ҳар кадоме аз жанрҳои мазкур суруд шуда метавонанд. Бо вуҷуди он як қисми назми халқӣ табиатан сурудананд, ки танҳо тараннум мешаванд. Масалан, бадеҳа, алла, сурудҳои маросимӣ (наврӯзӣ, бойчечак, хирманкӯбӣ, тӯй, мотам ва ҳоказо).

Дар аксарияти сурудҳо ягон воқеаи муҳими зиндагӣ нақл мешавад ва муносибати шахс ба ин ҳодиса инъикос мегардад.

Халқи мо дар бораи меҳнат, маросими тӯй, мотам, саргузашти шахсӣ, таърихи халқу ватан, васфи табиат ва ғайраҳо сурудҳои бисёр эҷод кардааст. Ин сурудҳо оҳиста-оҳиста дар байни мардум васеъ паҳн гардидаанд ва онҳоро ҳама месаро-

янд. Ба ҳамин тариқ, сурудҳо ба моли халқ табдил меёбанд. Сурудҳо аз дубайтиву рубоӣ фарқ дошта, аз 4–10 то ба 30–40 мисраъ мерасанд. Сурудҳо мундариҷа, услуб ва санъатҳои бадеии хос дошта, аз рӯйи мавзӯю мундариҷаашон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд: сурудҳои маросимӣ, сурудҳои иҷтимоӣ ва сурудҳои таърихӣ. Ҳар як намуди ин сурудҳо хусусияти ба худ хос доранд.

### Савол ва супоришҳо

1. Суруд чист? Вай ба чанд гурӯҳ ҷудо мешавад?
2. Сурудҳои халқиро чӣ гуна мехонданд?
3. Сурудҳо аз ҷиҳати шакл ва мазмун чӣ хел мешаванд?
4. Дар маҳалли зисти шумо боз чӣ гуна сурудҳо мавҷуд аст?

## НАВЪҲОИ СУРУДИ АЛЛА

Сурудҳои халқӣ бо матни содда ва оҳанги шӯху дилнишини худ ба дили бачагон тез роҳ меёбанд. Аз ин рӯ, дар байни бачагони синну соли гуногун суруду таронаҳои халқӣ бештар паҳн шудаанд. Бачагон ҳанӯз ба мактаб нарафта, як миқдор сурудҳоро аз калонсолон ёд мегиранд ва ҳангоми бозиҳои гуногун месароянду мазмуни матни онҳоро дар хотир нигоҳ медоранд. Нисбат ба жанр ва шаклҳои дигари асарҳои фолклорӣ суруду таронаҳо ба инсон дар овони кӯдакӣ бештар таъсир мерасонанд. Яке аз ин гуна сурудҳо алла аст. Алла сурудест, ки ҳангоми хобонидани кӯдак месароянд. Онро модарон вақти гаҳворачунбонӣ бадеҳатан эҷод мекунанд. Сурудҳои алларо кӯдак ҳанӯз дар гаҳвора нахустин бор аз калонсолон мешунавад. Дар суруди алла ҳиссиёти самимии калонсолон нисбат ба фарзанд, орзуҳои ширини онҳо инъикоси бадеии худро ёфтааст. Алла шакли хосе дорад ва аксарияти ин навъ сурудҳо матни ягона надоранд. Вобаста ба давру замон, ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва кайфияту рӯҳияи гӯянда матни аллаҳо тағйир меёбад. Аз ин ҷиҳат аллаҳое буданд, ки дар онҳо ғаму андӯҳ, беҳуқуқиву бечорагии модарон ё худ модару кӯдак аз

http://eduportal.uz

забони шахси калонсол, аксар модарон, сароида мешуданд. Алла аз қабили сурудҳои халқиест, ки ҳисси эстетикии кӯдакро бедор намуда, ба дарки нафосати савту овозҳои форам ва оҳанги сухан ёрӣ мерасонад.

Аллаҳо чӣ аз ҷиҳати мавзӯъ ва чӣ аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа гуногун буда, дар бораи масъалаҳои гуногуни ҳаёту зиндагӣ, дар мавзӯъҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ, таърихӣ ва ҳатто ишқӣ гуфта шудаанд. Вобаста ба ин матни аллаҳо низ ягона нестанд, вале бештар мазмуни онҳо орзуву омоли модаронро дар бораи фарзанди арҷманд ва бевосита фикру мулоҳиза, орзуву умед, ғаму ғуссаи модар ва умуман зиндагии онҳоро дар бар гирифтаанд. Мазмуни сурудҳои алла низ ҳамчун намунаҳои дигари асарҳои халқӣ бо дигар шудани ҳаёту зиндагӣ, сохти ҷамъият бетағйирот намондаанд.

Ба ҳамин тариқ, аллаҳое, ки матни онҳо дар фолклори асри XX дучор меояд, аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа, ғоя аз сурудҳои пешина ба куллӣ фарқ доранд. Дар онҳо асосан орзуи модар дар бораи солиму бардам будани фарзанд, соҳиби илму дониш гаштани ӯ ҷойи асосиро гирифтааст.

## НАМУНАҲО АЗ СУРУДҲОИ АЛЛА

Алла гӯям, ороми ҷонам, аллае,
Алла гӯям, сарви равонам, аллае.
Дар ҷӯяко об биёяд, аллае,
Дар чашмакот хоб биёяд, аллае.
Баҳоваддин ёрат шаванд, аллае,
Пирҳо мададгорат шаванд, аллае.
Забонакат бурро шавад, аллае,
Чашмонат бино шавад, аллае.
Ба дадаҷон ҳамроҳ шавӣ, аллае,
Дармонам, дастам гирӣ, аллае.
Алла гӯям, ороми ҷонам, аллае,
Алла гӯям, сарви равонам, аллае.

* * *

Бачаи ҷон, аллаё,
Нури чашмон, аллаё,
Коҳонда ҷон, аллаё,
Кардам калон, аллаё.
Алла мегӯм, аллаё.

Туӣ додар, аллаё,
Лахти ҷигар, аллаё,
Хирвори зар, аллаё,
Дурру гуҳар, аллаё.
Алла мегӯм, аллаё.

Зудтар калон шав, алла,
Ҳамдами ҷон шав, алла,
Зеби замон шав, алла,
Соҳибқирон шав, алла.
Алла мегӯм, аллаё.

**Савол ва супоришҳо**

1. Дар бораи сурудҳои алла маълумот диҳед.
2. Оё модаратон ба шумо алла гуфтааст? Онро дар ёд доред?
3. Яке аз сурудҳои ба худатон маъқулшударо аз ёд кунед.

## СУРУДҲОИ ТАЪРИХӢ

Аз давраҳои қадим ин ҷониб халқ баҳри осоиштагӣ ва фаровонии ҳаёташ мубориза бурда меояд. Қувваҳое, ки осоиштагӣ ва озодии халқро барбод карданӣ мешаванд, ба муқобилияти сахт ва шадид дучор шудаанд. Халқи меҳнаткаш зулму золимиро низ намепарастад. Вай бар зидди ҳама гуна зулм мубориза бурда омадааст. Халқ дар ин муборизаҳои қаҳрамонона ба қувва ва ғалабаи худ доимо боварӣ дошт. Шоирони халқӣ дар бораи ин ҷангҳо ва қаҳрамонони он суруду таронаҳо офа-

http://eduportal.uz

ридаанд ва сароидаанд. Ҳамин гуна суруду таронаҳое, ки дар бораи воқеаҳои таърихӣ ва қаҳрамонони он эҷод гардидаанд, *сурудҳои таърихӣ номида мешаванд*. Дар ин гуна сурудҳо ҳам унсурҳои асарҳои ҳамосавӣ ва ҳам унсурҳои назми лирикӣ ба назар мерасанд. Боз як хусусияти хоси сурудҳои таърихӣ дар он аст, ки дар онҳо масъалаҳои иҷтимоӣ барҷастатар ифода мегарданд. Воқеаҳои таърихӣ хеле равшан ва шавқангез тасвир мешаванд.

Яке аз намунаҳои барҷастаи сурудҳои таърихии фолклори тоҷик «Шӯриши Восеъ» ба ҳисоб меравад. Суруди мазкур ягона суруди нисбатан мукаммали таърихӣ дар фолклори тоҷик мебошад. Суруд аз сад банди семисраъгию чормисраъгӣ (318 мисраъ) таркиб ёфтааст.

Суруди «Шӯриши Восеъ» дар бораи яке аз калонтарин шӯришҳои деҳқонон, ки соли 1885 дар Балҷувон ва Ховалинг бо сардории қаҳрамони халқ – Восеъ бар зидди зулми амирӣ ба амал омадааст, гуфта шудааст. Шӯриши Восеъ аз калонтарин шӯришҳои деҳқонони тоҷик дар кӯҳистон ба шумор меравад. Вай решаҳои зулми ҳокимияти амириро ба ларза ва золимонро ба ваҳм оварда буд.

Дар суруди «Шӯриши Восеъ» қаҳрамони асосӣ Восеъ аст. Халқи ҷафодида дар бораи қаҳрамониҳои фарзанди худ бо як ҳиссиёти баланд месарояд. Таърифу тавсифи Восеъ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки халқи зулмдида дар симои Восеъ халоскори худро мебинад ва нисбат ба ӯ муҳаббати бепоён дорад.

Шӯриши Восеъ ба мағлубият дучор мешавад ва ин воқеаи таърихии аламнок дар дили меҳнаткашони Балҷувон ва атрофи он таъсири ҷонгудозе мегузорад. Аз ин сабаб дар фолклори ин диёр суруде бо номи «Шӯриши Восеъ» эҷод гардид, ки ҳиссиёт ва ҳаяҷони халқи мазлумро хеле равшан акс кунонидааст. Сурудҳо ва достонҳои дар бораи шӯриш ва қаҳрамони он эҷод шуда, то имрӯз аҳамияти таърихӣ ва тарбиявии худро гум накардаанд ва минбаъд ҳам гум нахоҳанд кард.

## ШӮРИШИ ВОСЕЪ

Ай ҷавру зулми мирон
Гардида мулк вайрон,
Ҷазир гаштай фақирон.

Чӣ шӯрай ин дар майдон,
Ай, қир шудан[1] фақирон,
Дайро шуд хун чу тӯфон.

Чӣ туфонай имрӯзо!
Даргирифт кӯҳу санго,
Офтов наздики моҳо.

Имрӯз аҷаб ҳангомай,
Модар зору гирёнай,
Фақиро сари сангонай.

Кӯҳҳо читу нолонай
Офтов гирифт, зулмонай,
Охири зулм вайронай.

Н а қ а р о т

Восеъ ғазост имрӯз
Ҷон мубталост имрӯз
Ғавғои рӯзи маҳшар
Дар фақирост имрӯз.

Восеъ сари сақовар,
Худуш марди ҷанговар,
Рангуш монанди хайбар.

Восеъ мега: «Ма мирум,
Мулло Назир вазирум,
Балҷавона мегирум».

«Мақсади мо на мирӣ,
Маломатум накунӣ,
Эй халқ чува меховӣ?».

«Ҷамъ шавем, эй ёрон
Асир нашем ба мирон,
Зулме дидем бепоён».

Аспи сиёи қашқа,
Восеъ сувор мехамба,
Суни кухо мегарда.

Восеъ гуфт: «Камон бигирем,
Дасти тавара биқапен,
Амлокдора бишапен»...

Восеъ хамбид Санги Мир[2]
Муқобили зулми мир,
Бояд намудан тадбир.

Восеъ рафт сӯйи Даштак[3]
Ба фақиро додаш калтак,
Ҷамъ шудан пеши Талхак[4].

Лақаё рафтан Борикдара[5]
Мекунан мира пора,
Мир тарсид, задуш наъра.

Восеъ хамбид Дараи Борик[6]
Рӯз равшан, шав торик
Мир тарсид аз халоиқ.

Восеъ рафт сӯйи Норак
Кӯпрукаш кардай порак,
Манғито шудай оворак.

Восеъ сари сангонай,
Пойи аспуш лангонай,
Худуш марди майдонай.
Аз Ҳисор омад сарбоз
Шамшера кардан пардош,
Хатлона[7] кардан тороҷ.

Гулъизор монда ҳайрон
Кӯзачаш сари сангон,
Хун мегиря чу борон.

Восеа бурдан Балҷувон,
Кашидан дар дори гарон,
Халқора кардан яксон.

Дарвоза чуви тутай
Саллаи Восеъ кавутай,
Куштануш рӯзи ҳутай.

Эй Акрами хунхӯр!
Сари Восеъро бубур!
Бурида даррав бухур!

Дарвоза чуви бедай,
Саллаи Восеъ сафедай,
Дили онеш ноумедай.

Гулъузор монда ҳайрон,
Кӯзачаш сари сангон,
Хун мегиря чу борон.

Отама бурдан Бухор,
Пӯшондан ҷомаи гулдор.
Кашидануш суни дор,
Вой алами Гулъизор.

Маҳрум мондум ай падар,
Ибрат шава ба дигар.
Дод ай дасти ситамгар!
Вой алами Гулъизор.

## Луғатҳо

1. **Ҷазир гашта** – ҷазир гаштан, яъне хонахароб шудан, қир шудан.
2. **Санги Мир** – дар ҷониби ҷанубии қалъаи Балҷувон майдони васеи санглох воқеъ буда, дар таги қалъа санги азиме будааст, ки он ҷоро чунин меномидаанд.
3. **Даштак** – номи мавзее дар Қалъаи Балҷувон.
4. **Талхак** – номи сой дар ҷониби Даштак.
5. **Борикдара** – номи дарае дар тарафи шарқии Балҷувон. Борикдараро Дараи Борик ҳам меномиданд.
6. **Хатлон** – номи қадимии вилояти Кӯлоб.

## Савол ва супоришҳо

1. Сурудҳои таърихӣ чӣ гуна хусусият доранд?
2. Суруди «Шӯриши Восеъ» ба кадом муносибат эҷод шудааст?
3. Бандҳои ба худатон маъқулшудаи сурудро таҳлил кунед.
4. Сурудро ифоданок хонед.

http://eduportal.uz

## ЧИСТОН

Чистон ба гурӯҳи жанрҳои қадимтарини эҷодиёти даҳонакии халқ дохил мешавад. Вай аз саволи «чист он?» ба вуҷуд омадааст. Он дар адабиёти классикӣ бо номи «луғз» вомехӯрад. Дар ҳаёти маънавии халқ, хусусан, бачагон чистонгӯӣ ва чистонёбӣ мавқеи калон дорад. Чистон монанди дигар жанрҳо – суруд, афсона, латифа, тезгӯяк ба одамон як олам завқи бадеӣ мебахшад. Одатан одамон дар вақтҳои истироҳат бо чистонгӯиву чистонёбӣ машғул мешуданд. Бачагон низ дар мавриди мувофиқ чистонгӯӣ мекарданд. Яке чистон мегӯяд, дигарон ҷавобашро меёбанд. Касе, ки ҷавоби чистонро аз ҳама пеш меёбад, сазовори таҳсину офаринҳо мегардад.

Агар чистон душвор бошад, шӯхикунон гӯяндаро саволборон мекунанд:

– Ҷондор аст ё беҷон?
– Ҳалол аст ё ҳаром?
– Дар ҳамин атроф аст ё не?
– Хурд аст ё калон?
– Сахт аст ё мулоим?
– Дар куҷоҳо мешавад?

Баъди ба ин саволҳо ҷавоб гирифтан, бачагон кӯшиш мекунанд, ки дар доираи он ҷавобҳо предмети пинҳоншударо фикр карда ёбанд. Агар бо вуҷуди ин бачагон ҷавоби чистонро наёбанд, он гоҳ гӯянда чизе талаб мекунад: шаҳр, деҳа, боғ, дарахт ва монанди инҳо. Вале бачагон ба додани ин чизҳо ба осонӣ розӣ намешаванд, гӯё чизи бисёр зарур, қимат ва азизашонро аз даст медода бошанд. Аммо дар ин ҳолат маҷбур мешаванд, ки чизе ваъда кунанд ва баъд аз ин ба шунидани ҷавоби чистон ноил мешаванд.

Чистонҳо бо тарзҳои гуногун эҷод мешаванд. Дар як гурӯҳи чистонҳо танҳо вазифаи ашё зикр мегардад: «Гови зард ишками гови сиёҳро мелесад» (*алав* ва *дег*), «Ғуломи сиёҳаки мо, хонапояки мо» (*қулф*).

Чистонҳое низ ба назар мерасанд, ки дар онҳо садои ашё ба назар гирифта шудааст. Онҳо садои дар, милтиқ, табар, соат, садои по, даст, шамол, асбобҳои рӯзгору хоҷагӣ ва монанди инҳоро инъикос мекунанд. Масалан: «Осмон – ялаққӣ, замин – тараққӣ» (*каланд*).

Рӯзона бисёр такрор шудани садои дар ва шабона як бор садо дода, то саҳар хомӯш мондани он дар чистони зерин басо диққатангез тасвир шудааст ва такрори овозҳои якранг (ш, а, п, б) ба чистон оҳанги хос ва гӯшнавоз ато кардааст:

Рӯз – шап, шап,
Шаб – як шап. (*Дар*)

Баъзе чистонҳо дар асоси шумора сохта шудаанд, ки онҳоро чистонҳои «арифметикӣ» мегӯянд. Дар ин гуна чистонҳо ҳар як рақами номбаршуда аҳамияти махсус пайдо мекунад ва барои ёфтани ҷавоби чистонҳо ҳамчун асос хизмат мекунад. Масалан:

«Худаш якта, чашмаш садта».
(*Элак*)

* * *

«Дар як хонача шаст ходача».
(*Гӯгирд*)

* * *

Аҷоиб як дарахт дидам дар ин боғ,
Ки як тан дораду дувоздаҳ шох.
Ба ҳар як шохаш он сӣ барг дорад,
Сафед як рӯ, сияҳ рӯйи дигар дорад.
(*Сол, моҳ, рӯзу шаб*)

Чистонҳоро аз ҷиҳати мазмун ва шаклашон ба ду гурӯҳ – содда ва мураккаб тақсим мекунанд. Чистонҳои содда аз чанд калимаи саволомез иборат буда, бо як-ду сифати предмет сохта мешаванд: «Сандуқча – пури мехча» (*анор*), «Тобистон бозор, зимистон мазор» (*ток*), «Аз саг паст, аз асп баланд» (*зин*), «Дар об меравад, тар намешавад» (*соя*). Дар ин гуна чистонҳо хусусиятҳои предмет ниҳоят кӯтоҳ баён мегардад.

Дар чистонҳои мураккаб хусусиятҳои предмет ба воситаи маҷоз, ташбеҳ, истиора, тавсиф ва ғайра тасвир карда мешаванд. Чунончи:

Гуле дидам, ки он бехор бошад,
На дар дашту на дар бозор бошад.
На кас ӯро харад, на кас фурӯшад,
Ҳамеша бар сараш бозор бошад.

(*Илм*)

Чистонҳо бо зиндагӣ, ҳаёти маънавию маишӣ ва таърихии халқ робитаи узвӣ доштани фолклорро бори дигар собит мекунанд. Онҳо маҳсули зиракӣ, мушоҳидакорӣ ва фаросати халқанд. Чистонҳо дар муайян намудани шабоҳату ҳамрангии чизҳо ва ҳодисаҳои олами беруна, дарёфтани хусусиятҳои хос ва фарқияти чизҳо зеҳни комилро ба кор андохтани мардумро нишон медиҳанд. Ҳар сифатеро, ки дар чистонҳои халқӣ тасвир ё ишора мешавад, ба хубӣ тасаввур кардан мумкин аст, зеро дар он акси табиат, зиндагӣ, муҳити мушоҳидашаванда вуҷуд дорад. Осмон ва сайёраҳо, паррандаю ҳашарот, растаниҳо, инсон ва узвҳои он, предметҳои рӯзгор, олами меҳнат, техника ва бисёр чизҳои мансуби маориф, маданият, илм мавзӯи чистонҳо қарор мегиранд.

## Намунаҳо аз чистонҳо

Гилеми калони ранга,
Дарунаш пури танга.

* * *

Мепарраду болаш нест,
Мегардаду пояш нест,
Ҷингиласар, мӯяш нест,
Ранг дораду бӯяш нест.

* * *

Даҳон дораду забон надорад,
Садто бизанӣ, фиғон надорад.

* * *

Худаш як ваҷаб,
Ришаш даҳ ваҷаб.

### Савол ва супоришҳо

1. Чистон чӣ гуна жанр аст?
2. Дар бораи анъанаҳои чистонгӯӣ нақл кунед.
3. Шумо низ бо дӯстонатон чистонгӯӣ мекунед ё не?
4. Ҷавоби чистонҳои болоиро ёбед.

## ЧИСТОН-АФСОНА ВА ЧИСТОН-МАСЪАЛА

Хелҳои чистон ниҳоят бисёр аст. Одамон барои шавқовар ва самаранок гузаштани вақташон чистонҳои гуногуншакл-ро эҷод мекунанд. Дар байни чистонҳо дар шакли афсона ва масъалаҳои математикӣ офарида шудани хелҳои он низ мушоҳида мешавад. Ин хел чистонҳо аз чистонҳои муқаррарӣ ҳаҷман калон мебошанд. Хониши ин гуна чистонҳо ба хонанда завқу шавқ мебахшад ва дар навбати худ аз онҳо фикрронии мантиқиро талаб мекунад. Хонанда чистон-афсонаро қироат

http://eduportal.uz

карда, дар баробари фаҳмидани мазмуни афсона ҷавоби чистонро низ бояд ёбад. Дар ёфтани ҷавоби чистон-масъалаҳо бошад, тафаккури математикӣ лозим аст.

### Духтари подшоҳ

*Чистон-афсона*

Буд, набуд, як подшоҳ буд. Подшоҳ духтаре дошт, ки бо ақли расо ва ҳусни беназири худ машҳури олам гардида буд.

Як вақте аз се мамлакати бузург се шаҳзода ба духтар талабгор шуда омаданд. Духтар ҳар сеи онҳоро ҷеғ зада гуфт:

– Ман касеро ба худ шарики зиндагӣ интихоб мекунам, ки пурқиматтарин чизи дунёро ёфта, ба ман тақдим кунад.

Шоҳзодагон ба ҷустуҷӯи чунин чиз баромада рафтанд. Яке аз онҳо кофта-кофта як аспи парранда ёфт, ки дар як нафас оламро тай менамуд, шоҳзодаи дуюм оинаи ҷаҳоннаморо ба даст овард. Шоҳзодаи сеюм себе ёфт, ки себи ҳаёт мегуфтанд ва ҳар кас онро хӯрад, гӯё умраш дароз мешуд.

Дар вақти бозгашт онҳо дар як шаҳр ба ҳам вохӯрда, аз чизҳои ёфтагиашон хабардор шуданд. Баъд онҳо хостанд, ки аз аҳволи духтар хабар гиранд. Ба оинаи ҷаҳоннамо назар андохта диданд, ки духтар ба бемории марговар гирифтор аст. Ҳамон замон ҳар се ба аспи парранда савор шуда, ба ёрии духтар шитофтанд.

Асп дар як нафас онҳоро ба манзил расонид. Себро зуд ба духтар доданд. Духтар онро хӯрда, аз марг халос шуд.

Вақте ки духтар сиҳат шуд, ҳар се шаҳзода даъвои домодӣ карданд. Шаҳзодаи якум мегуфт, ки агар аспи ман намешуд, маликаро наҷот додан мумкин набуд. Шаҳзодаи дуюм мегуфт, ки агар оинаи ҷаҳоннамо намешуд, бемории маликаро магар фаҳмида метавонистем? Шаҳзодаи сеюм мегуфт, ки агар себ намешуд, малика аз марг халосӣ надошт.

Пас малика кадом шаҳзодаро ба худ шарики зиндагӣ интихоб кард?

## Чистон-масъала

### 1

Ба як деҳқон лозим омад, ки як гург, як гӯсфанд ва як банд алафро аз дарё гузаронад. Аммо заврақ хеле хурд буд ва якбора гузаронидани ҳар сеи он илоҷ надошт. Илова бар ин, агар дар ин ҳолат гургу гӯсфанду алафро якҷоя ба заврақ бор мекард, дар вақти рондани заврақ гӯсфанд алафро ва гург гӯсфандро хӯрда мемонд. Пас чӣ бояд кард? Деҳқон фаҳмид, ки фақат як илоҷ ҳаст: онҳоро якта-якта аз дарё гузаронидан лозим. Вале чӣ хел?

Агар аввал гургро гузаронад, гӯсфанд алафро хӯрда мемонад. Агар аввал алафро гузаронад, гург гӯсфандро хӯрда мемонад, агар аввал гӯсфандро гузаронида, баъд алафро барад, вақти барои гург баргаштанаш гӯсфанд алафро мехӯрад, агар гургро барад, вақти барои алаф бозгаштанаш, гург гӯсфандро мехӯрад.

Деҳқон бисёр фикр намуд ва охир тадбире ёфта, ҳар кадоми онҳоро якта-якта аз дарё гузаронид ва дар айни ҳол ҳеҷ талафоте ба амал наомад.

Деҳқон чӣ тадбир кард?

### 2

Рӯзе аз як мӯйсафед пурсиданд:

– Бобоҷон, писаратон чандсола шудааст?

– Набераам чандрӯза, ки шуда бошад, писарам ҳамон қадар ҳафта зиндагӣ кардааст.

– Набераатон ба чанд расидааст?

– Ман чандсола, ки бошам, вай ҳам ҳамон қадар моҳ зиндагӣ кардааст.

– Шумо чандсола шудаед?

– Ману писару набераам, – ҳар се якҷоя расо ба 100 даромадем. Ана акнун ҳисоб карда фаҳмед, ки синну соли ҳар якеи мо чӣ қадар аст?

## 3

Ду сол пеш аз ин ман аз додарчаам се баробар калон будам, ҳозир ман аз ӯ фақат ду баробар калон ҳастам. Ман ба чанд даромадам ва додарчаам чандсола аст?

## 4

Ду села кабӯтар, як қисмашон дар лаби бом ва як қисмашон дар рӯйи ҳавлӣ. Агар аз кабӯтарҳои дар лаби бом нишастагӣ яктааш ба поён фуроянд, миқдори ҳар ду села баробар мешавад. Агар аз поён ба боло як кабӯтар бароянд, миқдори болоиҳо ду баробар зиёд мешавад. Дар боло ва поён чандтогӣ кабӯтар буд?

### Савол ва супоришҳо

1. Чистон-афсона гуфта чӣ гуна чистонҳоро мегӯем? Шумо низ чистон- афсона медонед?
2. Хусусияти ба худ хоси чистон-масъалаҳо дар чист?
3. Ҷавоби чистон-афсона ва чистон-масъалаҳоро бо ёрии омӯзгор ёбед.

## ТЕСТҲО

**1.**  **-и давлатии Республикаи Ӯзбекистон кай тасдиқ шудааст?**

А. 2-юми июли соли 1992
Б. 18-уми ноябри соли 1991
В. 18-уми сентябри соли 1991
Г. 18-уми ноябри соли 1992

https://eduportal.uz

**2. Кадом рамзи давлатии Республикаи Ӯзбекистон 18-уми ноябри соли 1991 тасдиқ гардидааст?**

А.  Б.  В.  Г. 

**3. Мурғи Ҳумо дар**  **чиро ифода мекунад?**

А. Бахту иқбол
Б. Субҳу саодат
В. Тинҷию осоиштагӣ
Г. Молу давлат

**4. Муаллифи гимни давлатии Республикаи Ӯзбекистон кист?**

А.  Б.  В.  Г. 

**5. Дар кадом банд ҷавоби чистон дуруст нишон дода шудааст?**

«Худаш якта, чашмаш садта»

А.  Б.  В.  Г. 

http://eduportal.uz

# Фасли 2. ДАР ОЛАМИ АФСОНАҲО

## АФСОНА – НАМУДИ ҚАДИМТАРИНИ ЭҶОДИ БАДЕӢ

Афсона аз қадимтарин жанрҳои эҷодиёти даҳонии халқ, яъне фолклор ба шумор меравад. Қисми зиёди афсонаҳо мазмуни фантастикӣ доранд, вале асоси ғоявии онҳоро ҳақиқати ҳаёт ташкил медиҳад. Дар афсонаҳо бештар орзу ва хаёлоти ширини меҳнаткашон акс ёфтааст.

Афсона дар ҳаёти бачагон аз замонҳои қадим нақши калон гузошта омадааст. Гузаштагони хирадманд ва дурандеши мо мисли ҳамаи халқҳои ҷаҳон манфиатҳои маънавии афсонаҳоро дар тарбияи фарзанд чуқур дарк намуда, онҳоро дар як китоб гирд овардаанд ва «Ҳазор афсона» номидаанд. «Ҳазор афсона» яке аз қадимтарин китоби афсонаҳои халқист. Баъдтар дар асоси ин қабил афсонаҳо «Ҳазору як шаб» барин маҷмӯаи ҷаҳоншумули нақлу афсонаҳо ба вуҷуд омад.

Падару модарон ва модаркалону бобоён дар ҳама замон ба воситаи афсонаҳое, ки дар онҳо ҷонварон амал мекунанд, ба бачагон тарзи зиндагиро меомӯзонданд. Агар гунҷишкаки танбал аз меҳнат нагурехта, дар вақташ барои худ хонаи мустаҳкаме месохт, дар зимистон хору зор ва нобуд намешуд («Гунҷишкаки гапнодаро»). Афсонаҳо хурдтараконро бо ҷараёни меҳнат шинос мекунанд. Пахтаро аввал ресмон мекунанд (одамони махсус ба ин кор машғул мешаванд), ресмонро пеши бофанда мебаранд, бофандагон аз он матоъ тайёр мекунанд, матоъро мебуранд, онро дӯзанда медӯзад.

Дар афсонаҳои тоҷикӣ тасаввуроти қадимии мардум дар бораи муттасил зидди якдигар амал кардани ду қувва, ки яке номи Ҳурмуз– худои некӣ ва дигар номи Аҳриман – худои бадиро ба худ гирифтааст, осори равшан дорад. Дар онҳо бадӣ дар симои гурги хунхор, деви одамхӯр, подшоҳи золим, вазири бадхоҳ, рӯбоҳи маккор, мори заҳрдор, фили бераҳм ва ғайра, некӣ дар симои писари камбағал, кали айёр, парӣ,

духтари донишманду ҷасур, писаракони чаққону ҳушёр ва монанди онҳо муҷассам мешавад.

Афсонаҳо ҳақиқати зиндагиро ба шуури бачагон мерасонанд. Қаҳрамонони афсонаҳои халқӣ аз паси чизҳои ба инсон зарур ба ҷойҳои дур сафар мекунанд, азоб мекашанд, қариб, ки нобуд мешаванд, вале ақибнишинӣ намекунанд.

Афсонаҳои халқӣ чунин фикрро ба диққати бачагон мерасонанд, ки барои аз одамони золим, беадолат ва беномус қасос гирифтан нотарс ва чаққону ҳушёр будан лозим аст.

Ҳар кас, ки меҳнат кунад, аз ҳама зӯртар аст, оне, ки меҳнат намекунад, ба хӯрдан ҳақ надорад. Ба чунин хулоса меоваранд «Аз ҳама кӣ зӯр?», «Мурғ, мурғобӣ ва муш» барин афсонаҳои халқӣ.

Мардум дар афсонаҳои худ ҳангоми тасвир кардани одамони зираку пухтакор ба ҳоли соддалавҳон хандидаанд, нодонӣ ва кӯтоҳандеширо ҳаҷв кардаанд ва ба ин восита ба бачагон омӯхтаанд, ки зиндагӣ мураккаб ва пур аз задухӯрду мубориза, пур аз ҳодисаҳои ғайричашмдошт аст, вай фаҳму донишро тақозо мекунад. Агар бузичаҳои мағруру якрав каме ақлу фаросат медоштанд, дар рӯйи кӯпруки борик сар ба сар шуда, ба дарё афтода нобуд намешуданд («Ду бузича»).

Афсонаҳои халқӣ ба тарбияи завқи бадеии хурдтаракон хизмат кардаанд. Вале хизмати онҳо бо ин маҳдуд намешавад. Ба воситаи афсонаҳо мардум ба фарзандони худ ахлоқи нек меомӯзанд, беҳтарин хислатҳои инсонӣ: меҳнатдӯстӣ, шуҷоат, накӯкорӣ, покдилӣ, садоқатро тарбия мекунанд. Афсонаи «Кайкак» нисбат ба атрофиён ҳисси дилсӯзӣ доштанро тарғиб менамояд. Кайкак аз беэҳтиётии худ ба даруни шири ҷӯшон афтода, нобуд мешавад. Канаяк рӯю мӯй канда, ба хотири дӯсти қаринаш мотам мегирад. Афсона бо суханони зерин хотима меёбад: «Ана ҳамин хел Канаяк дар ғами дӯсташ азодор шуду Алошақшаққа парашро партофта, чанор баргашро рехта, Бузак шохҳояшро шикаста, оби равон лойолуд шуда, ба дарду алам шарик шуданд».

Ҳамин тавр, аксарияти афсонаҳо дар худ ақидаҳои панду ахлоқии халқро муҷассам намудаанд, ки баҳри тарбияи насли наврас хизмати беминнат мекунанд.

### Савол ва супоришҳо

1. Дар бораи жанри афсона маълумот диҳед.
2. Аҳамияти тарбиявии афсонаҳо дар чӣ зоҳир мешаванд?
3. Чаро хурдсолон афсонаро дӯст медоранд? Сабаби инро худатон мустақилона шарҳ диҳед.
4. Кадом афсонаҳоро медонед? Дар ин бора ба ҳамсинфонатон нақл карда диҳед.

## САВОБИ НИМТА НОН

Буд набуд, дар як деҳ марде буд. Аввали ҳар баҳор замоне, ки барф об мешуду оби замин мепарид, ҷуфт меронду замин шудгор мекарду дон мепошид. Тобистон гандум медаравиду хирман мекӯфту ҳосил мебардошт. Ҳамин хел рӯз мегузаронид он марди деҳқон.

Боре нӯги сипораш дар мағзи замин ба як чизи сахт бархӯрду дармонд. Марди деҳқон ин чӣ бошад гуфта, сипорро берун кашиду заминро кофту сандуқчае намоён шуд. «Эй кош, дар дарунаш чизи қиматбаҳо бошад», – гуфта сандуқчаро боло кашида, ба як сӯ гузошт. Дар бинии сандуқча калид овезон буд. Шитобон қулфро кушода, сарпӯши сандуқчаро бардошт. Бардошту шах шуда монд.

Дар даруни сандуқча кулча зада море хобида буд. То марди деҳқон ба худ омад, ки мор сар бардошту боло шуду ба ӯ часпиду ба гарданаш печид. Деҳқон тамоми овозашро сар дода, фарёд кард. Дар он саҳрои нопайдоканор касе овозашро нашунавид.

Баъд аз дур чанге намоён шуду садои пойи аспон ба гӯш расид. Панҷ аскари савори аспи маст шамшерҳояшонро бозӣ доронда, пеш омаданду гӯё нохост деҳқонро дида монда гуфтанд:

– Эй мард, чаро ин мор ба гарданат печидааст?



http://eduportal.uz

Деҳқон воқеаи шудагиро гуфта дод.

– Ҳозир мо туро халос мекунем! – гуфта аскарон деҳқонро печонда гирифтанд. Ҳар андоза, ки онҳо наздик мешуданд, мор гулӯи деҳқонро сахттар мефишурд. Деҳқон фарёд зад:

– Ақиб равед, ки ин мор маро хафа карда мекушад.

Аскарон қадре ақиб рафта буданд, ки мор халта шуд, деҳқон нафаси сабук кашид.

Аскарон диданд, ки коре карда наметавонанд, ба деҳқони бечора хайрбод гуфтанду ба роҳи худ рафтанд. Деҳқон чӣ кор карданашро намедонист, ба ҷуз дод гуфтан илоҷи дигар надошт.

Муддате гузашту боз аз куҷое сӣ нафар аскари савори аспони маст шамшерҳояшонро бозӣ доронда, расида омаданду деҳқонро дида гуфтанд:

– Эй мард, чаро ин мори дароз ба гарданат печидааст?

Деҳқон воқеаи шудагиро гуфта дод.

Сӣ аскар:

– Ҳозир мо туро халос мекунем! – гуфта деҳқонро печонда гирифтанд. Ҳар андоза онҳо наздик мешуданд, мор гулӯи деҳқонро сахттар мефишурд. Боз деҳқон бо садои баланд фарёд зад:

– Ақиб равед, ки ин мор маро хафа карда мекушад!

Аскарон қадре ақиб рафта буданд, ки мор халта шуд, деҳқон нафаси сабук кашид.

Ин сӣ аскар ҳам диданд, ки коре карда наметавонанд, ба деҳқони бечора хайрбод гуфта, ба роҳи худ рафтанд.

Деҳқон тарсону ҳайрону ҳаросон, чӣ кор карданашро надониста истода буд, ки писараке пайдо шуда, пешаш омада пурсид:

– Эй бобо, чӣ шуд, чаро ин мори калон ба гарданат печидааст?

Деҳқон воқеаи шудагиро гуфта дод.

– Дурӯғ нагӯ, бобо, – гуфт писарак, – ин мор ин қадар калон, сандуқча ин қадар хурд.

Баъд писарак рост ба чашмони мор нигоҳ карда гуфт:

– Ҳеҷ мумкин не, ки ту мори ин қадар калон, дар даруни ин сандуқча ғунҷида бошӣ!

Мор гӯё гапи ӯро фаҳмида бошад, тоб хӯрда, гардани марди деҳқонро сар доду фишшас зада фаромад ва ба сандуқча даромада, кулча зад. Писарак сарпӯши сандуқро таққӣ пӯшиду қулфашро маҳкам карда, ба бобои деҳқон гуфт:

– Ана ҷонатон халос шуд, бобо, сандуқчаро гӯр кунеду дигар хеҷ гоҳ берун накашед!

Деҳқон ҳайрон шуда гуфт:

– Эй писар, аввал панҷ, сонӣ сӣ аскар шамшерҳои бараҳна дар даст ин ҷо омада, гирди маро печонда, ҳеҷ кор карда натавонистанду ту аз куҷо пайдо шудӣ, ки ҷони маро халос кардӣ?!

– Бобо, гӯш кунед! – гуфт писарак, – он панҷ аскари савори аспони масту шамшер дар даст савоби панҷ вақт намози ту, он сӣ савоби сӣ рӯзи рӯзаи ту буданд, ман савоби нимта ноне ҳастам, ки як замоне ту сари як ятимбачаро сила карда ба ӯ дода будӣ.

Писарак ин гапро гуфту аз пеши чашмони бобои деҳқон нопадид шуд.

Бобои деҳқон донист, шумо, азизон, ҳам бидонед, ки дар ин олам аз некию марҳамати одам ба касони мӯҳтоҷу бенаво беҳтар савобе нест.

### Савол ва супоришҳо

1. Афсонаро ифоданок хонед. Мазмунашро нақл карда диҳед.
2. Бобои деҳқон аз саҳро чӣ ёфт?
3. Деҳқон аз мор чӣ гуна халос шуд?
4. Аз афсона чӣ хулоса баровардед?

## ЭРАҶИ ТИЛИСМШИКАН

### (Шикасти тилисм)

Буд, набуд, як замоне дар Хатлонзамин Сафар ном марди ҳунарманде буд. Вай барои осиёбҳои мамлакат, барои сутуни деворҳои қасру қалъаҳо санг метарошид. Як замоне ба ватани



http://eduportal.uz

онҳо лашкари хунрезу бераҳми дев ҳуҷум овард. Сангтарош ҳамроҳи ҳамватанони худ ба зидди ҷанги девҳо рафта, чанд вақт дар майдонҳои ҳарбу зарб корнамоӣ карда, охир ба дасти девҳо асир афтод.

Солҳо мегузаштанд, вале аз ӯ дараке набуд.

Писари сангтарош – Эраҷ, ки он вақт яксола буд, бепадар калон шуд. Эраҷ аз хурдӣ осори шуҷоат ва доноӣ аз худ зоҳир мекард, чолокӣ ва ҳусни одоби ӯ ҳайратангез буд. Модараш ӯро ба мактаб монд. Эраҷ дар мактаб аз ҳама нағзтар мехонд. Ҳаммактабиёнаш ӯро дӯст медоштанд. Ҳангоми дамгирӣ ва танаффусҳо гирди ӯ ғун шуда, сӯҳбат меоростанд.

Эраҷ калон шуд, як ҷавони тануманди чорпаҳлӯ шуд, қадаш баланд ва бозувонаш мустаҳкам.

Баҳор расид, Наврӯз омад. Мардум либоси идона пӯшида, дар идҷо – майдоне, ки дар канори деҳа воқеъ буд, ҷамъ шуданд. Бузкашӣ, чавгонбозӣ, гӯштингирӣ сар шуд. Навозандагон навохтанд, ҳофизон сароиданд, ширинкорон бозиданд.

Эраҷ ба майдони чавгон даромад, чанд бор аз болои асп гӯйро ба дарвозаи ҳариф зад. Ғулғулаи таҳсину офарини мардум ба ҳаво печид.

Тирандозӣ сар шуд. Чун нишон як ангуштаринро овехтанд. Бисёр ҷавонон тиру камон гирифта, ба нишон тир андохтанд. Танҳо тири ду нафар аз ангуштарин гузашта рафт.

– Ин душвор нест! – гуфт Эраҷ. – Тирандоз, агар ҳунарманд бошад, се тирро ба ҳамдигар медӯзад.

– Ту, ки ин хел мегӯӣ, – гуфтанд мардум, – ҳунаратро нишон деҳ.

Эраҷ тиру камон гирифта, пойи чапашро ба замин тиргак карда, китфашро ақиб бурда, як тир ба дарахт зад, тири дуюмаш ба тани тири якум ва тири сеюмаш ба тани тири дуюм рафта даромад.

Боз ғулғулаи таҳсину офарин ба осмон рафт.

Рӯзи дуюми ид Эраҷ ба аскарбозӣ таклиф кард. Ҷавононро ба ду гурӯҳ ҷудо карда, як гурӯҳро лашкари «душман», гурӯҳи

http://eduportal.uz

дигарро лашкари ватан эълон намуд. Эраҷ лашкари ватанро сарвар шуда, чунон кард, ки лашкари ватан «душман»-ро ба ғафлат монда ба онҳо зарба зад.

Аз ҳар тараф садои карнаю нақораю доира баланд шуд, гӯштингирӣ оғоз ёфт. Паҳлавонони деҳаи Эраҷ бо паҳлавонҳои деҳаҳои дигар гӯштӣ гирифтанд ва ҳама мағлуб шуданд.

Эраҷ ба майдон даромад.

Паҳлавони деҳаи ҳамсоя дид, ки як навҷавони понздаҳ-шонздаҳсола ба ӯ талабгор шудааст, нописандона гуфт:

– Ту бачаӣ, бо бачагон гӯштӣ гир!

Ин гап ба Эраҷ сахт расид:

– Бачаам ё не, ба ин кордор мабош! Зӯр бошӣ, ҳунаратро нишон деҳ! – гуфт Эраҷ ва дасти ҳарифашро гирифта чунон пеш кашид, ки аз ӯ ду-се қадам гузашта рафт. Паҳлавон ҷиддӣ будани ин гӯштинро фаҳмида, ба Эраҷ даровехт. Эраҷ аз миёни ӯ гирифта, ба тарафи худ кашида бардошту аз болои сари худ гузаронида, ба замин гузошт.

Мардум ғирев бардоштанд, каф кӯфтанд. Садои карнаю сурнай нашъаи ғалабаро ифода кард.

Бегоҳӣ, вақте ки ид ба охир мерасад, бисёр касон, аз ҷумла солхӯрдагон пеши Эраҷ омада, ӯро муборакбод мекарданд.

– Падарат марди шуҷоъ буд, ту аз вай камӣ надорӣ, – гуфтанд онҳо ва дуо карданд, ки соҳибзафар бошад, ватанро ба душман надиҳад.

Эраҷ ин гапҳоро шунида, бори нахуст дар бораи падараш ҷиддӣ фикр кард.

«Ман то ин вақт дар бораи падарам дурустакак фикр накарда будам, – аз дил гузаронид Эраҷ. – Падарам дар асорат асту ман беғаму бепарво гаштаам».

Ҳамин лаҳза гӯё ба гӯши ӯ садое расид: «Эраҷ! Ман дар қафасам, озодам кун!»

Ранги Эраҷ канд ва дар чеҳрааш изтироб падид омад, чашмони калони ҷаззобаш лолагун шуданд. Ғарқи фикру хаёл ба хонааш омад.

Модари дилогоҳаш сабаби парешонии аҳволи фарзандашро фаҳмид ва бо чашмони гирён ӯро ба оғӯш кашида, аз ҷабинаш бӯсиду гуфт:

– Азизам, ниҳоли бахтам! Чӣ шуд, ки дар ин рӯзи Наврӯз, ки ҳама хурсанду шоданд, ту афсурдаю ғамгинӣ?

– Модарҷон! – гуфт Эраҷ. – Мардум падарамро ёд карданд ва садои ӯ ба гӯшам расид, ки мегуфт: «Ман дар қафасам, озодам кун!».

Модар маъюс шуд. Ӯ ба ҷуз тасалло додани фарзанд илоҷи дигар надошт:

– Падарат бо марҳамати Парвардигор озод шуда меояд. Баъд писаракам, – гуфт, – чӣ суд аз он ки мо ғам мехӯрем?

Эраҷ оҳи сард аз дили пурдард кашиду гуфт:

– Магар вай худ метавонад озод шавад?! Аз рӯзе, ки ман худамро шинохтаам, ӯро надидаам, дигар маро тоқат намондааст.

Модар гуфт:

– Падарат марди ҳунарманд, сангтароши номдор буд. Девҳо ин хел одамро намекушанд, аз ҳунараш истифода мекунанд. Мегӯянд, ки падаратро рӯз кор мефармоянду шаб ба қафас меандозанд.

Суханони модар байтеро ба хотири Эраҷ овард, ки дирӯз дар идҷо аз забони ҳофизон шунида буд:

Булбул зи ҳунармандӣ гирифтори қафас шуд,
Аз беҳунарӣ бин, чӣ фароғат дорад зоғ.

Эраҷ дар бораи девҳо нақлҳо шунида буд. Мегуфтанд, ки девҳо махлуқҳои бадҳайбатанду бераҳм. Чашмонашон даҳони шаҳкоса барин калон-калон, гӯшҳояшон мисли гӯши гов, сӯрохии биниашон мисли қубур ва даҳонашон монанди ғор аст. Одамизодро бад мебинанд, асир гирифта бо худ мебаранд. Дар кӯҳи азиме қалъае сохта будаанду ҳар замон аз қалъа берун рафта, ба бошишгоҳҳои одамон ҳуҷум мекунанд. Мекушанду ғорат мекунанду мебаранд.

Эраҷ тамоми шаб ҷангро бо девон хоб дид. Дар ин ҷанг худро гоҳ дар саҳроҳои пур аз оташ ё дар пушти симурғ, гоҳ бо дев даст ба гиребон, гоҳ дар ғоре ва ё дар сари кӯҳи баланд медид ва гоҳ дастонашро қанот карда, дар ҳаво мепарид.

Пагоҳ бо ҳоли хаста аз хоб бедор шуд, ғами асирии падараш дар дилаш шиддат гирифта буд. Шамшерашро гирифта, ба миёнаш басту камонашро ба китфаш овехта, ба модараш гуфт:

– Хайр, модари азиз, ман рафтам.

Модараш чӣ гуфтанашро надониста, ҳайрон монд. Ҳамсоягон гумон карданд, ки Эраҷ мисли ҳарвақта ба шикор меравад.

– Хайр, саломат бозгард! Шикорат бобарор шавад. Мунтазирем, бовар дорем, ки зуд бозмегардӣ, – гуфтанд онҳо.

Эраҷ хандид ва модарашро бӯсида, ба аспи худ савор шуду ба тарафи саҳро ронд.

Чанд шабу рӯз кӯҳу саҳро тай карда, ба лаби чашмае аз асп фаромада дам гирифт. Ӯ ғарқи хаёл нишаста буд, ки ногоҳ дар доманаи кӯҳ пирамардеро дид.

Эраҷ хеста ба назди ӯ рафт. Пирамард ба Эраҷ эътибор надод, зери лаб дуое мехонд. Эраҷ бодиққат ба рӯйи ӯ нигарист: хушсурат ва баландқомат буд. Эраҷ салом дод. Пирамард сар бардошта, ҷавоби салом доду пурсид:

– Аз куҷо меоӣ, куҷо меравӣ?

– Ман сайёҳ ҳастам, сайругашт мекунам, – гуфт Эраҷ, – вале ман мехостам донам, ки шумо барои чӣ дар ин ҷойҳо, ки пойи одамизод нарасидааст, танҳо гаштаед?

– Ман қасди ҷанг бо девонро дорам, – гуфт пирамард.

Эраҷ ин гапро шунида, аз ҷой ҷаста хесту аз дил гузаронид, ки «ин аст раҳнамо ва мададгори ман!».

– Ман ҳам барои ҷанг бо девон ин ҷо омадаам, – гуфт Эраҷ.

– Аҷаб! – гуфт пирамард. – Ту медонӣ, зафар бар девон кори осон нест!

– Медонам! – гуфт Эраҷ.

Танҳо касе, ки тарсро намедонад, фикри ақибнишинӣ намекунад, аз баҳри ҷонаш мегузарад, қодир аст бо девон рӯ ба рӯ шавад.

Эраҷ сар ҷунбонда, изҳори қабули гуфтаҳои ӯро кард. Пирамард баъд аз ин шамшери худро баровper, ба Эраҷ доду гуфт:

– Писарам, ин шамшер мӯъҷизаҳо дорад: аввалан, ба ҳар оҳане ё пӯлоде занӣ, бурида мегузарад, дуюм, захми онро ҳеҷ даво сиҳат карда наметавонад. Мана, ин дафтар ҳам азони ту, ҳар мушкиле пеш ояд, роҳи ҳалли он дар ин дафтар навишта шудааст.

Эраҷ дафтарро кушода дид. Он иборат аз чанд варақи сафед буду халос. Ҳайрон шуд, аммо чизе нагуфт.

– Он чӣ ба ту лозим аст, дар дафтар сабт шудааст ва дар зарурат намудор мешавад, – шарҳ дод пирамард.

Эраҷ хайрухуш карда, ба аспи худ савор шуда ба тарафе, ки пирамард нишон дод, раҳсипор гардид. Субҳ ба домани кӯҳе расид, ки он ҷо қалъаи баланди сиёҳ намудор буд ва дар муқобили қалъа чандин даста аскар бо байроқҳо саф ороста буданд. Эраҷ ба канор рафту мунтазири пешомадҳо шуд.

Ҳамин ки офтоби оламтоб оламро мунаввар сохт, аз тарафи лашкари одамизод садои карнаю табл баланд гашт. Ҳамин вақт дарвозаи қалъаи сиёҳ кушода шуда, чандин ҳазор ҳайкали даҳшатангез карнай навохта, ба муқобили одамизод равон шуд. Аз карнайи онҳо садои ҳайвонҳои дарранда мебаромад. Аз ин садои даҳшатнок аспи Эраҷ рамид ва маҷбур шуд, ки ба асп савор шуда, онро нигаҳ дошта истад.

Дар ин миён аз тарафи одамизод ҷавони зебои танумандӣ аспсавор ба майдон баромад, танаш оҳанпӯш буд, дар сар кулоҳи оҳанин дошт. Вай каманду камон ба китф, найзаю шамшер ба даст гирифта, ба муқобили ӯрдуи дев истода, ҳариф талаб кард.

Аз тарафи девон як нафар филсавор, ки ба сар санги осиё бардошта буд, бо гурзи ҳафтмани сараш шабеҳ ба каллаи гов

ба майдон даромад ва чунон наърае кашид, ки аспон рамида, ба ду по хестанд ва замин ҷунбид.

Ҷавон чун худро ба муқобили деви кӯҳпайкар дид, аспашро пеш ронда, бо шамшер ҳамла кард.

Дев низ филро ба ҳаракат оварда, шамшери ӯро бо сипар рад намуду ба сари ӯ бо гурзи худ чунон бошиддат зад, ки камари аспаш шикаст, замину кӯҳ ларзида рафт. Ба ҷавон аз тарафи лашкар аспи дигар расониданд.

Ӯ худро зуд ба болои асп гирифт ва бо шамшери даҳгазӣ ба китфи рости дев бошиддат зад, ки аз паҳлӯи вай гузашт ва дев мисли кӯҳ ба замин афтод. Баъд аз он ҷавон чанд деви дигарро, ки пай дар ҳам ба майдон медаромаданд, ҳар кадомро бо як зарб мағлуб кард.

Ногоҳ аз ӯрдуи дев Ҳенгил ном деве, ки аз ҳамаи девон чандин маротиба бузургтар буд, ба майдон даромада, ба ҷавон ҳамла кард ва ба сараш каманд андохт, ӯро аз рӯйи зин канда карда, ба қалъа кашида бурду худ боз берун шуда, миёни набардгоҳ баргашт.

Ҳар паҳлавоне, ки зидди ӯ меҷангид, ё дастгир, ё кушта мешуд.

Эраҷро дигар тоқат намонд, ба аспаш чунон қамчин зад, ки аспаш дар як тохт аз болои сари дев парида гузашт. На ӯрдуи дев, на лашкари одамизод то ҳол чунин родмарди чо-локро надида буд.

Эраҷ аспи худро дар атрофи дев чор бор чарх занонда, ба муқобили дев истод ва гуфт:

– Бисёр вақт ин тараф орзуи нест кардани туро дар дил доштам ва чӣ хуш, ки имрӯз ба ту расидам.

Ҳенгил ханда карда гуфт:

– Ту агар марди майдон мебудӣ, сипару зиреҳ медоштӣ.

Эраҷ гуфт:

– Он чӣ ба ман лозим аст, дар ту ҳаст ва он аз они ман мешавад.

Дев барошуфт ва ба ӯ ҳуҷум кард. Эраҷ ба як зарб рӯ кашида гирифта, ба замин партофт. Дев хост бо гурз ба

сари Эраҷ бизанад, ки Эраҷ худро канор кашид. Гурзи дев, ки агар ба кӯҳ мезад, кӯҳ садпора мешуд, ба замин даромада рафт.

– Акнун навбати ман! – гуфт Эраҷ ва аспашро пеш ронд.

Ду пойи асп ба китфи фили дев расид. Пас бо шамшери аз пирамард инъомгирифтааш ба сари Ҳенгил чунон зад, ки афтоду дигар аз ҷой нахест.

Лашкари одамизод табли шодӣ зад ва ба лашкари дев ҳамла овард. Як идда девҳо кушта шуданд, иддаи дигар асир афтоданд.

Акнун қалъаи девонро забт кардан лозим буд. Сардори лашкари одамизод Фирӯзи далер фармон дод:

– Ҳуҷум ба қалъа!

Ин замон аз тарафи қалъаи сиёҳи девон оташе бархосту ба борони санг даромехта, ба сари лашкари одамизод фурӯ рехт. Лашкари одамизод наметавонист пеш равад. Зери оташи пурдуд олам торик шуд, касе касеро намедид. Аз ин ҳол лашкари одамизод ба таҳлука афтод.

Эраҷ, ки ба қалъа расида буд, зери оташу санг монд. Илоҷи пеш рафтан набуд. Ногоҳ дафтарчаро ба хотир овард ва онро аз ҷайбаш гирифта, кушод. Дар саҳифаи он хате пайдо шуд:

«– Эй Эраҷ, бо панҷ нафар ҷавони далер ба паси қалъа рав, дар он ҷо байни ғоре деви оташнафас нишастааст, аз пушти сараш рафта, ба банд гир. Ҳушёр бош, чашмаш ба ту наафтад».

Эраҷ ҳамон замон бо панҷ нафар ба ақиби қалъа гузашта, деврo ба банд гирифт. Ногаҳон раъду барқ ба амал омада, ба кӯҳу саҳро ғулғула андохт ва борони сахт борид.

Лашкари одамизод ба қалъа зада даромад.

Эраҷ бо чанд ҷавон ба сӯйи маҳбасхонаи девон рафт. Ҷавонон қулфҳои бузурги маҳбасхонаро шикаста, дарун даромаданд. Маҳбусон бо ранги паридаю чеҳраи зард ноҷунбон мехобиданд ва аз ҳаёт умедашонро канда буданд. Онҳо ода-



монро дида, ҷон гирифта, аз ҷо хестанд ва ашки шодӣ рехта пешвоз гирифтанд.

Эраҷ ба рӯйи ҳар маҳбус як-як нигоҳ мекард, вале азбаски падарашро намешинохт, намедонист, ки кадоми онҳо падараш мебошад.

Вай ба тарафи чап нигоҳ кард, ба назараш дар қафаси оҳанин як марди зебо гоҳ дар ҳолати одами зинда ва гоҳ дар шакли ҳайкали сангӣ намудор мешуд. Эраҷ ба қафас ҳуҷум кард. Қафас ногоҳ ба ҳаракат даромада, ӯро ақиб ронд.

Эраҷ фаҳмид, ки ин ҷо деви ҷодугаре ҳаст ва ин қафас дар дасти ӯст. Эраҷ деви оташнафасро оварда, илоҷи шикастани қафасро пурсид.

– Зери қафас шере хобидааст, ки агар чашми ӯро кӯр кунӣ, қафас аз ҳаракат бозмеистад ва ҷоду вайрон мешавад, – гуфт дев.

Эраҷ ба зери қафас даромад, шере дид мисли аждаҳо бузургу бадҳайбат. Шер ҷавони далерро шамшер дар даст дида, наъра зада, ба ҳамла тайёр шуд. Вале Эраҷ бо ҷасорати тамом ба сари шер чунон зад, ки ҳамон лаҳза чашм пӯшиду ба замин афтод. Қафас аз ҳаракат монд. Эраҷ қафасро шикаста, марди асирро озод кард.

Ду ҷавони паҳлавон қалъаи сиёҳи девонро таку рӯ карда, байни маҳбусон марди хароби нимҷонро дарёфтанд.

Эраҷ ӯро зуд ба ҳавои тоза, ба офтобрӯя баровард. Фурсате нагузашта он мард чашмонашро кушода нафаси амиқ кашид.

– Шумо кистед, аз куҷоед, чикораед? – пурсид Эраҷ.

Мард ба чеҳраи Эраҷ зеҳн монду нафаси сабук кашида гуфт:

– Ба назарам гарм менамоӣ, эй писар, аввал ту бигӯ, ки кистӣ, аз куҷоӣ?

Эраҷ кӣ буданашро гуфта дод.

Мард:

– Оҳ писарам, Эраҷам! – гуфта, ӯро ба оғӯш кашид.

Ба ҳама маълум шуд, ки ин ҳамон сангтароши машҳурест, ки дар ҷангҳои зидди душманон қаҳрамониҳо нишон дода, оқибат асири девон шуда буд. Акнун ӯ озод шуд ва аз нав ба халқ хизмат карда метавонад.

Ана ҳамин хел Эраҷи далер ҳам девҳои одамхӯрро нест карду ҳам падарашро аз марг халос карда, ба зодгоҳаш бозгашта, солҳои дароз шоду хуррам умр ба сар бурд.

### Савол ва супоришҳо

1. Афсонаро ба истҳо риоя намуда, ифоданок хонед.
2. Дар бораи хислатҳои қаҳрамони афсона Эраҷ нақл кунед. Кадом рафтори ӯ ба Шумо бештар маъқул шуд?
3. Эраҷ бо девон чӣ гуна ҷангид?
4. Аз афсона чӣ хулоса баровардед?

## НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ

### Муболиға

Дар асарҳои бадеӣ санъатҳои бисёр ба кор бурда мешаванд. Онҳо асарро хонданибоб ва шавқовар мекунанд, ба хонандагон як олам завқи эстетикӣ мебахшанд. Бе санъатҳои бадеӣ асарҳо арзиши бадеии худро гум мекунанд. Муболиға низ яке аз ҳамин гуна санъатҳоест, ки асарҳои бадеиро хонданибобу гуворо мегардонад. Он гуфтаҳое, ки ба рост будани онҳо боварии кас намеояд, муболиға ном дорад. Муболиға ҳар хел мешавад. Дараҷаи баланди онро иғроқ мегӯянд.

Эҷодкорон дар асарҳои хеш муболиғаро барои таъсирнок баромадани ҳодисаю воқеаҳои тасвиршаванда ба кор мебаранд. Муболиға барои таъсирбахшу диққатангез шудани хулқу атвор ва рафтору кирдори қаҳрамонҳои асар истифода мешавад.

Санъати муболиға дар афсонаҳо бештар ба назар мерасад. Масалан, дар афсонаи «Эраҷи тилисмшикан» чунин гуфтаҳои муболиғаомезро мехонем: «Аз тарафи девон як нафар филсавор, ки ба сар санги осиё бардошта буд, бо гурзи ҳафтмании

сараш шабеҳ ба каллаи гов ба майдон даромад ва чунон наърае кашид, ки аспон рамида, ба ду по хестанд ва замин ҷунбид».

### Савол ва супоришҳо

1. Муболиға чист?
2. Эҷодкорон чаро аз муболиға бисёр истифода мебаранд?
3. Аз афсонаи «Эраҷи тилисмшикан» гуфтаҳои муболиғаомезро ёбед.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Яке аз жанрҳои насрии эҷодиёти даҳонии халқ буда, асоси онро воқеаю саргузаштҳои бофтаю хаёлӣ ташкил медиҳад, чӣ ном дорад?
   - Чистон – масъала
   - Муболиға
   - Афсона
   - Суруд

2. Ба Эраҷ ки дафтареро медиҳад, ки роҳи ҳалли ҳар як мушкилӣ дар он навишта шуда буд?
   - Модараш
   - Ҳенгил дев
   - Падараш Сафар
   - Пирамард

3. Яке аз намудҳои санъати бадеие, ки аз ҳад берун таърифу тавсиф кардани чизеро мефаҳмонад, чӣ ном дорад ва онро бо мисолҳо фаҳмонда диҳед?
4. ______________________________
5. Боби «Дар олами афсонаҳо» кадом мавзӯъҳоро дарбар гирифта, мазмуну мундариҷаи онҳо аз чӣ иборат будааст?
6. ______________________________

http://eduportal.uz

# ЧИНГИЗ АЙТМАТОВ



Чингиз Тӯрақулович Айтматов нависандаи барҷастаи мақоми ҷаҳонидоштаи қирғиз мебошад. Вай 12-уми декабри соли 1928 дар деҳаи Шакари Қирғизистон дида ба дунё кушодааст. Аз хурдӣ дар дасти модаркалонаш дар зери таъсири анъанаҳои миллии қирғиз тарбия меёбад. Дар оилаашон ба ду забон – қирғизӣ ва русӣ сухан мекарданд. Ин анъана ба эҷодиёти серпаҳлӯи ӯ низ таъсири калон расонидааст. Аз ин сабаб аксари асарҳои Чингиз Айтматов якбора ба ду забон – қирғизӣ ва русӣ эҷод шудаанд. Асарҳои адиб ба 170 забони халқҳои ҷаҳон тарҷума шуда, маҳбубият пайдо кардаанд. Махсусан, асарҳои «Рӯ ба рӯ», «Ҷамила», «Дилбари сарвқомати ман», «Муаллими аввалин», «Роҳи каҳкашон», «Алвидоъ, Гулсарӣ», «Киштии сафед» дар миёни хонандагони халқҳои ҷаҳон маҳбубияти хоса доранд. Дар ин асарҳо талқини ҳаёт ва ҳаётдӯстӣ, инсонпарварӣ, меҳру муҳаббати самимӣ, одаму одамгарӣ, ватандӯстию ҷавонмардӣ васеъ тарғиб гаштаанд. Аз ин ҷост, ки дар асоси асарҳои болоӣ кинофилмҳои бадеӣ ба навор гирифта шудаанд.

Айтматов ба пешрафти романнависии ҷаҳон низ саҳми арзанда гузоштааст. Романҳои «Рӯзе, ки ба асрҳо баробар аст» («Дуроҳаи бӯронӣ»), «Қиёмат» ва «Тамғаи Кассандра» дар таърихи романнависии ҷаҳон ҳодисаи наве буд. Дар онҳо ғояҳои умумбашарӣ, тақдири Замин-Модар, сохтани одами сунъӣ ва муаммоҳое, ки алҳол тамоми башариятро ба ташвиш андохтааст, ниҳоят моҳирона ба қалам гирифта шудаанд.

Нависандаи соҳирқалам дар аксари асарҳояш зиндагии халқи оддиро, ки ҳамеша ҳалол ва фидокорона меҳнат мекунад, хеле дилчаспу шавқовар ба қалам гирифтааст. Як қатор қаҳрамонҳои асосии асарҳои нависанда бачагоне ме-

бошанд, ки дар дил як олам орзуҳои ширин ва мақсадҳои наҷиб доранду баҳри амалӣ гардонидани он аз ҳеҷ гуна душвориҳо намеҳаросанд. Ҳамин гуна ҳолат дар қиссаи «Киштии сафед»-и ӯ барҷастатар мушоҳида мешавад. Дар асари мазкур таҷрибаи наслҳо ва анъанаҳои маънавии миллат тасвир ва тавсиф ёфта, арзиши олии ибрати ахлоқии халқ таъкид шудааст. Ғояи марказии ин асар мубориза и некӣ аз болои бадӣ мебошад. Ин ғоя ба воситаи образи писарбачаи 7-солае, ки вайро падару модараш партофта рафтаанду бо бобояш зиндагӣ мекунад, кушода дода мешавад. Писарбача як умр орзу мекунад, ки падари дар киштии сафед шино карда истодаашро бинад. Вай ду афсона дошт. Яктоашро бобояш ба ӯ гуфта буд ва он афсонаи «Момогавазни чамбаршох» ном дошт. Дуюмашро худаш офарида буд. Дар охири қисса писарбача бовариашро ба одамон гум мекунад, ҳатто бобои дилбанду ғамхораш ҳам гуноҳ содир мекунад – гавазнро кушта, эътиқоди бача, орзуҳои вайро барбод медиҳад. Писарбача ба мавҷудияти некӣ дар ин дунё бовар накарда мемонад ва ба пешвози «Киштии сафед» шино мекунад.

Нависандаи номдор Чингиз Айтматов 10-уми июни соли 2008 дар шаҳри Нюремберги Германия дар синни 79-солагӣ чашм аз дунё пӯшидааст.

### Савол ва супоришҳо



1. Дар бораи Чингиз Айтматов чиҳоро медонед?
2. Кадом асарҳои нависандаи қирғиз дар байни хонандагон бештар маҳбубият пайдо кардааст?
3. Дар романҳои Айтматов кадом ғояҳои умумбашарӣ барҷастатар ба қалам гирифта шудаанд?
4. Қиссаи «Киштии сафед» чӣ гуна асар аст?

## МОМОГАВАЗНИ ЧАНБАРШОХ

### (Порча аз қиссаи «Киштии сафед»)

Ин воқеа замоне ба вуқӯъ омада буд. Дар замони гузаштаи дури дур, дар замоне, ки ҷангал бештар аз алаф буд ва оби кишвари мо зиёдтар аз хушкӣ, дар канори дарёи калону сард бо номи қирғизон қабилае зиндагӣ мекард. Он дарёро Онасой меномиданд. Вай аз ин ҷо ба дуродур, ба тарафҳои Сибир ҷорӣ мешавад. Ба он ҷо аспсавор дар се солу се моҳ мерасӣ. Акнун ин дарёро Енисей мегӯянд, он вақт Онасой меномиданд. Дар ин бора суруде ҳам буд:

Онасой, аз ту рӯде пахно ҳаст?
Онасой, аз ту мулке зебо ҳаст?
Онасой, аз ту ғаме дунё ҳаст?
Онасой, аз ту рӯҳе воло ҳаст?

Рӯде пахно нест аз ту, Онасой,
Мулке зебо нест аз ту, Онасой,
Ғами дунё нест аз ту, Онасой,
Рӯҳе воло нест аз ту, Онасой...

Ана чунин дарё буд, дарёи Онасой!

Он вақт дар Онасой халқҳои гуногун зиндагӣ мекарданд. Аҳволашон танг буд, зеро як умр бо душмандорӣ ҳаёт ба сар мебурданд. Қабилаи қирғизро душманони зиёде иҳота карда буданд. Гоҳо яке ҳуҷумовар буданду гоҳе дигаре, ҳолатҳое мешуд, ки худи қирғизон ҳам ба болои дигарон тохт овар-да, молашонро мебурданд, манзилгоҳҳоро оташ мезаданд ва мардумро мекуштанд. Ҳамаро, ҳар он кас, ки рост ояд, мекуш-танд. Ҳамин хел як замон буд. Одам ба одам раҳм намекард. Одам одамро қир мекард. Кор то ба ҷое расид, ки кишоварзе, чорвопарваре, шикорчие пайдо нашуд. Зиндагӣ бо яғмогарӣ

осонтар бишуд: омаду кушту бурд. Ва аммо ба хун бо хун дучанд ҷавоб бояд гуфт, ба қасд қасди сахт бояд кард. Ва ҳар қадар ин фурӯтар равад, хунҳои зиёд мерехт. Ақли мардум хиратар мешуд. Ва касе пайдо намешуд, ки душманонро ба сулҳу салоҳ орад. Каси аз ҳама боақлтар ва нектар оне ҳисоб мешуд, ки душманро торумор карда тавонад, ба қабилаи бегона, то ҷонзоди охирин шикаст оварда тавонад, молашро ғорат кунад ва сарваташро ба яғмо барад.

Дар тайга мурғаки аҷоибе пайдо шуд. Шаб то субҳ шикваомез месуруду мегирист, шоха-шоха гузашта пешгӯӣ мекард: «Мусибати азиме пеш меояд! Мусибати азиме пеш меояд!» Ва ҳамин тавр ҳам шуд. Он рӯзи мудҳиш фаро расид.

Он рӯз дар Онасой қабилаи қирғиз пешвои кӯҳансоли худро ба хок месупурд. Кулчеи баҳодур солҳои зиёд сарварӣ мекард, ба юришҳои зиёде мерафт, дар бисёр муҳорибаҳо шамшерзанӣ мекард. Дар ҷангҳо саломат мемонд, аммо соати марги ӯ низ фаро расид. Ҳамқабилагон ду рӯз пурандӯҳ бизистанд ва рӯзи сеюм ҷамъ омаданд, ки ҷасади пешворо ба хок супоранд. Аз рӯйи анъанаи кӯҳан бояд, ки ҷасади пешворо ба роҳи охирин, ба соҳили Онасой, ба ҷариҳо, ба хамиҳо мебурданд, то ки аз баландӣ рӯҳи майит аз дарёи момой – Онасой ҳаво бигирад, охир «она» – модар ва «сой» – маҷрои дарёст. Бо ин роҳ мебурданд, то ки бори охирин рӯҳи ӯ суруди Онасойро бисарояд:

Онасой, аз ту рӯде паҳно ҳаст?
Онасой, аз ту мулке зебо ҳаст?
Онасой, аз ту ғаме дунё ҳаст?
Онасой, аз ту рӯҳе воло ҳаст?

Рӯде паҳно нест аз ту, Онасой,
Мулке зебо нест аз ту, Онасой,
Ғами дунё нест аз ту, Онасой,
Рӯҳе воло нест аз ту, Онасой...

Мебоист дар пуштаи оромгоҳ назди гӯри кушода баҳодурро тори сарҳо бардошта, ба ӯ чаҳор тарафро нишон медоданд: «Ана рӯдат. Ана осмонат. Ана заминат. Ана мо, ки ҳамроҳи ту аз як реша ба дунё омадаем. Мо ҳам омадаем, ки туро гусел кунем. Ором бихоб!». Ба ёдгори наслҳои оянда дар сари гӯри баҳодур тахтасанге гузошта шуд.

Дар рӯзҳои дафн юртҳои тамоми қабилаҳо дар соҳил занҷирсурат қатор шуданд, то вақти ҷасади ӯро сари хок бурдан ҳар оила тавонад дар остонаи худ истода, бо баҳодур видоъ кунад, туғи сафеди мотамӣ ба замин таъзим кунаду назди он навҳагарию гиря кунанд. Ва сипас якҷоя ба юртаи дигар раванд, ки он ҷо ҳам меноланду мегирянду туғи сафеди мотамӣ хам мекунанд ва ҳамин зайл то охири роҳ, то худи пуштаи сари хок такрор мешавад.

Пагоҳии он рӯз, вақте ки ҳамаи тайёриҳо ба сомон расида буд, Офтоб аллакай роҳи рӯзонаро мепаймуд. Дар сари хода туғи думи аспдорро бароварда буданд, афзолу асбобҳои ҷангии баҳодур – найзаву сипарро ҳам бароварда буданд. Аспи ӯ бо ҷули мотамӣ пӯшида шуда буд. Карнайчиҳо барои навохтани карнайҳои ҷангӣ, нағоразанҳо барои задани нағорадуҳул чунон тайёрӣ медиданд, ки то тайга ҷунбад, то ки мурғон села-села ба осмон бипаранд ва зерубам садо бароварда давр бигарданд, то ки ҳайвоноти ваҳшӣ хурхуркунон миёни анбӯҳи дарахтон бигурезанд, то ки алаф ба замин парчин бишавад, то ки садо аз кӯҳе ба кӯҳе биравад. Занони овозандоз мӯйҳояшонро парешон карданд, ки гирёну нолон дар ҳақи Кулчеи баҳодур гӯяндагӣ кунанд. Ҷавонмардон ба як зону нишастанд, ки дар китфони пурқувваташон ҷасади фонии ӯро бардоранд. Ҳама мунтазир ва омодаи бурдани баҳодур буданд. Валекин дар канори беша барои худоӣ нӯҳ модиёни қурбонӣ, нӯҳ барзагови қурбонӣ, нӯҳ карат нӯҳ гӯсфанди қурбонӣ бастагӣ буданд.

Ва аммо он ҷо ҳодисаи каснодидае рух дод. Онасоиҳо ҳар қадар байни худ душманиҳо дошта бошанд ҳам, дар рӯзҳои

дафн ба ҳамдигар ҳамлаварар шуданро нохуб медонистанд. Вале ҳоло лашкари бузурги душманон, ки дар ин сапедадам қирғизҳои пурдарду аламро иҳота карда буданд, ба якборагӣ аз камингоҳҳо чунон ҷаста баромаданд, ки ҳеҷ кас фурсати пой ба рикоб бурдан ва ё ароқ ба даст гирифтан накард. Задухӯрди каснодидае сар шуд. Ҳамаро аз як сар мекуштанд. Душманон пешакӣ ҳамин тавр фикр карда буданд, то ки бо як зарба кори ин қабилаи қирғизони диловарро тамом кунанд. Ҳамаро сар заданд, то ки каси аз ин рӯзи ғазо ёд мекардагӣ намонад, то ки интиқомҷӯ набошад, то ки вақт бо реги равон нақши гузаштаро бипӯшонад. Буд ё набуд...

Одамро зодану ба воя расонидан душвор, аммо куштан осони осон. Бисёриҳо аллакай чок-чоку оғуштаи кӯли хун хобида буданд, бисёриҳо аз захми найзаву шамшер амон ёфта, худро ба дарё андохтанд ва дар амвоҷи Онасой ғарқ шуданд.

Қад-қади соҳил, қад-қади фарозу шебҳо дар масофаи як чақрим юртҳои қирғизон аланга гирифта месӯхтанд. Ҳама чизро хароб карданду сӯхтанд. Ҷасади маҷрӯҳонро ба Онасой андохтанд. Душманон шодмонӣ мекарданд: «Акнун ин заминҳо аз они мо! Акнун ин бешаҳо аз они мо! Акнун ин галаҳо аз они мо!»

Душманон бо ғаниматҳои зиёде бирафтанд, вале пай набурданд, ки ду кӯдак – писарак ва духтарак чӣ хел аз беша баргаштанд. Ин бачаҳои шӯху гапногир аз зодагонашон пинҳонӣ, саҳарӣ ба наздиктарин беша рафта буданд, ки барои сабадбофӣ химча биёранд. Бозӣ-бозӣ нафаҳмида монданд, ки чӣ хел ба даруни беша даромада рафтанд. Ва вақте ки садои доду фарёди ҷанговаронро шунида пас гаштанд, падару модар ва хоҳару бародарони худро зинда дарёфта натавонистанд. Кӯдакон безоту беқабила монданд: онҳо гирёну нолон аз як сӯхтагоҳ ба сӯхтагоҳи дигар битохтанд ва дар ҷойе як ҷони зиндаро надиданд. Ҳамон лаҳза ятим шуданд. Дар дунёи равшан танҳо монданд. Аммо дар дуродур аз чанг абре хеста буд, душманон ғаниматҳои дар тохтҳои хунин ба даст овардаашон ва рамаю галаҳоро пеш андохта мебурданд.

Кӯдакон ғубори аз зери наъли аспҳо ба осмон хестаро дида, аз пайи он афтиданд. Кӯдакон гирёну нолон бар асари душманони қаттол тохтанд. Фақат кӯдак метавонист чунин рафтор кунад. Ба ҷойи он ки аз қотил пинҳон шаванд, онҳо аз дунболашон афтиданд, ки дарёбанд. Ба ҳар тариқе танҳо намонанд, коре карда аз ин ҷойи ғоратшуда ва малъун дуртар раванд. Писараку духтарак даст ба даст гирифта аз пайи ғоратгарон метохтанд, зорӣ мекарданд, ки бозистанд, тавалло мекарданд, ки ҳамроҳ гиранд. Вале дар ин ғулғула, шиҳаю садои суми аспон ва дар ин авҷу ҷӯши тохт садои пасти онҳоро куҷо мешунаванд?

Писараку духтарак маъюсу ноумед дурудароз тохтанд. Вале расида натавонистанд. Сипас ба замин афтиданд. Тарсиданд, ки ба атроф нигаранд, тарсиданд, ки аз ҷояшон биҷунбанд. Барояшон даҳшатовар буд. Ба ҳамдигар ҷафс шуданд ва надонистанд, ки чӣ хел хобашон бурд.

Беҳуда нагуфтаанд, ки ятим ҳафт толеъ дорад. Шаб ба хайр гузашт. Ҳайвоноти ваҳшӣ ба онҳо нарасиданд. Аъҷубаҳои ҷангалӣ онҳоро кашола карда набурданд. Чун бедор шуданд, саҳар буд. Офтоб медурахшид. Мурғон илҳон мекарданд. Кӯдакон бархостанд ва боз бар асари рабудагон шуданд. Раҳорaҳ меваю решаҳо бичиданд. Онҳо рафтанду рафтанд ва рӯзи сеюм дар кӯҳе қарор гирифтанд. Нигоҳ мекунанд, ки дар поён, дар марғзори фарохе базми ҷамшедие барпост. Чанд юрт гузоштаанд, шумурда намешавад. Чанд гулхан месӯзад, шумурда намешавад, дар атрофи гулхан чанд одам ҳаст, ҳисоб надорад. Духтарон дар арғунчак бод мераванд, суруд мехонанд. Паҳлавонон барои дилхушии халқ уқобона давр мегарданд, ҳамдигарро ба замин мезананд. Он душманон ғалабаашонро ид мекарданд.

Кӯдакон худдорӣ карда натавониста, аз кӯҳ фаромаданд. Соҳибон ба омадаҳо тааҷҷуб карда, тӯда-тӯда онҳоро ҳалқа гирифтанд:

– Шумо кистед? Аз куҷоед?

– Мо гуруснаем, – ҷавоб доданд писараку духтарак. – Ғизое бидиҳед.

Онҳо кӣ будани кӯдаконро аз шеваашон шинохтанд. Ба ғалмағал даромаданд. Баҳс карданд, ки ин оилаи аз марг наҷотёфтаи душманро ҳамин замон бикушанд ё ба назди хон бубаранд? То баҳсу талош карданд, ки занаки раҳмдиле пайдо шуда тавонист, ки ба бачаҳо як бурдагӣ гӯшти пухтаи асп диҳад. Онҳоро то назди хон кашола карда бурданд, вале кӯдакон аз хӯрок ҷудо шуда наметавонистанд. Онҳоро ба юртаи сурхи баланд, ки дарбонон табарҳои нуқрагин ба даст меистоданд, бурданд. Аз қароргоҳ хабари пуризтиробе даррасид: маълум нест, ки аз куҷо бачаҳои қабилаи қирғиз пайдо шуданд? Ин чӣ маънӣ дорад? Ҳама базму бозиро партофта, як издиҳоми бузург сӯйи юртаи хон тохтанд. Хон дар як лаҳза дар болои намади мисли барф сафед бо ҷанговарони номии худ карру фарр карда менишаст. Бар қимиз асал омехта мехӯрд, мадҳияро гӯш мекард.

Чун хон фаҳмид, ки барои чӣ ба наздаш омадаанд, ба хашму ғазаб даромад: «Чӣ хел ҷуръат кардед, ки маро безобита кунед? Магар мо қабилаи қирғизро решакан накардаем? Барои чӣ шумо гурехтед, ҷонҳои тарсу? Бингаред, ки дар наздатон кист? Эй пиразани Чӯтуру Ланг! – хитоб кард хон. Ва вақте ки  аз байни издиҳом баромад, ба вай гуфт: – Инҳоро ба тайга бубар ва ҳамчунон бикун, ки тухми қабилаи қирғиз пок шавад. Бирав. Пиразани Чӯтуру Ланг,ончунон бикун, ки ман мехоҳам...»

Пиразани Чӯтуру Ланг хомӯшона итоат карда, аз дасти писару духтарак гирифта, онҳоро дуртар бурд. Онҳо ба беша дуру дароз рафтанд, баъд ба соҳили Онасой, рӯйи ҷарии баланд баромаданд. Пиразани Чӯтуру Ланг дар ин ҷо бачаҳоро боздошт, онҳоро паҳлӯи ҳам сари бора гузошт. Ва пеш аз он ки онҳоро ба паст тела диҳад, муноҷот кард:

– Эй дарёи азим, Онасой! Агар кӯҳро ба қаъри ту биандозанд, кӯҳ мисли санг метобад. Агар санавбари садсоларо

ба обат биандозанд, онро мисли пароха мебарад. Дар оби худ ду зарра рег – ду фарзанди одамиро қабул бикун. Барои онҳо дар рӯйи замин ҷой нест. Оё ман ба ту гӯям, Онасой? Агар ки одамон ситора мешуданд, дар осмон ҷой намешуд. Агар ки одамон моҳӣ мешуданд, дарёю баҳр намерасид. Оё ман ба ту гӯям, Онасой? Бигир онҳорову бубар! Бигузор онҳо ин дунёи манфури моро дар тифлиашон тарк гуфта, бо дили соф, бо виҷдони кӯдаконаи бо андешаи бад ва кори носазо доғдорнашуда раванд, то ки азоби одамиро нафаҳманд ва сабабгори азоби дигаре нашаванд. Бигир инҳоро, бигир инҳоро, Онасойи кабир...

Писараку духтарак зор-зор мегирянд. Вақте ки аз сари бора ба паст нигаристан даҳшатовар аст, магар ин бачаҳои пиразан ғами дарёро доранд. Дар жарфнои он мавҷҳои пурдаҳшат ҷорӣ мешаванд.

– Бачаҳо, бори охир ҳамдигарро ба оғӯш кашед, видоъ бикунед, – гуфт пиразани Чӯтуру Ланг ва худ остин барзад, то ки онҳоро аз сари бора бо дастонаш партояд. Ва чунин мегӯяд: – Хайр, маро бубахшед, бачаҳо. Қисмат ҳамин будааст. Ҳарчанд, ки ман ин корро бо ихтиёри худ намекунам, – аммо барои беҳбудии шумо...

Танҳо ин суханҳоро гуфта буд, ки аз наздикӣ садое омад:

– Сабр бикун, эй кабира, эй оқила, кӯдакони бегуноҳро нобуд насоз!

Пиразани Чӯтуру Ланг баргашта нигоҳ кард – ҳайрон монд, назди ӯ момогавазни марал меистод. Чунон чашмони калон-калоне дорад, ки бо олам-олам ҳасрату маломат менигаранд. Худи момогавазн фалла барин сафед, шикамаш мисли шиками уштурбача бо пашми бӯрранг пӯшида. Шохаш як олами зебоӣ – паҳн ба мисли шохи дарахти тирамоҳӣ...

– Ту кистӣ? Чаро бо забони одамӣ гап мезанӣ? – пурсид пиразани Чӯтуру Ланг.

– Ман момогавазнам, – ба ӯ ҷавоб дод вай. – Ман барои он ин зайл гап задам, ки маро бифаҳмӣ, дигар хел маро намефаҳмӣ, гӯш намекунӣ.

– Ту чӣ мехоҳӣ, момогавазн?

– Кӯдаконро раҳо бикун, эй зани кабира, эй оқила. Хоҳиш мекунам, ки онҳоро ба ман диҳӣ.

– Онҳо ба ту чӣ лозиманд?

– Одамон дугоники ман, ду бачаи маро бикуштанд. Ман барои худ фарзанд меҷӯям.

– Ту инҳоро сер кардан мехоҳӣ?

– Бале, зани кабира ва оқила.

– Оё ту инро дуруст фикр кардӣ, момогавазн? – бихандид он пиразани Чӯтуру Ланг. – Охир онҳо одамизоданд. Онҳо калон мешаванд ва бачаҳои туро мекушанд.

– Вақте ки онҳо калон мешаванд, бачаҳои маро кушта наметавонанд, – ба вай ҷавоб дод марал-модар. – Ман ба онҳо модар мешавам ва онҳо ба ман – фарзанд. Магар онҳо бародарону хоҳарони худро куштан мехоҳанд?

– Оҳ, ин тавр нагӯ, момогавазн! Ту одамонро намедонӣ! – сар ҷунбонд пиразани Чӯтуру Ланг. – Нафақат ба ҷонварони беша, балки онҳо ба ҳамдигар ҳам раҳм намекунанд. Барои он ки худат дуруст будани суханони маро донӣ, ман ин ятимонро ба ту медодам, вале медонам, ки одамон ин кӯдакони туро ҳам мекушанд. Ин қадар азоб ба ту чӣ лозим?

– Ман ин кӯдаконро ба ҷойи дур мебарам, ки касе ҷустуҷӯ намекунад. Ба кӯдакон раҳм бикун, эй зани оқилаю кабира, раҳояшон бикун. Ман ба онҳо модари мушфиқ мешавам... Пистонҳоям моломоли шир аст. Шири ман барои кӯдакон мегиряд. Кӯдаконро мехоҳад.

– Агар ин тавр аст, чӣ илоҷ, – андеша ва тараҳҳум бикард пиразани Чӯтуру Ланг, – бигир инҳоро ва зудтар бибар. Ин ятимонро ба кишвари дури худ бубар. Ва аммо, агар онҳо дар роҳи тӯлонӣ бимиранд, агар онҳоро роҳзанони дучоромада бикушанд, агар ин кӯдакони одамизодаи ту ба сарат рӯзи сиёҳ оранд, гила аз худат.

Момогавазн пиразани Чӯтуру Лангро миннатдорӣ кард. Ва ба писараку духтарак гуфт:



http://eduportal.uz

– Акнун ман модари шумоям ва шумо бачаҳои ман. Ман шуморо ба кишвари дур, ба ҷое мебарам, ки байни кӯҳҳои барфпӯшу сербеша, баҳри гарм – Иссиқкӯл истодааст.

Писараку духтарак шодмон гашта аз пайи момогавазни Чанбаршох тез битохтанд. Ва баъд монда шуданд, суст гаштанд, аммо роҳи дур аз як канори дунё ба канори дигари он мерафт. Агар ки момогавазни Чанбаршох онҳоро бо шири худ сер ва шабҳо канор гирифта гарм намекард, гумон буд, ки онҳо дур рафта тавонанд. Хеле рафтанд онҳо. Ватани собиқашон Онасой қафотар мемонд, аммо то ватани нав, то Иссиқкӯл боз роҳи зиёде буд. Тобистону зимистон, баҳор, тобистон ва тирамоҳ онҳо аз байни ҷангалзорҳои анбӯҳ, биёбонҳои тафсон, регҳои равон, аз рӯйи кӯҳҳои баланд ва рӯдҳои пуртуғён роҳ паймуданд. Аз пасашон тӯдаи гургон таъқиб мекарданд, аммо момогавазни Чанбаршох бачаҳоро ба дӯши худ бардошта, аз чашми ҳайвонҳои хунхӯр дур кард. Сайёдони тирандоз фарёдкунон аз пайи онҳо метохтанд: «Момогавазн бачаҳои одамиро рабуд! Дарёб! Бидор! Ва дартоз тир меандохтанд ва аз онҳо – аз ҳомиёни даъватнашуда момогавазни Чанбаршох бачагонро рабуд. Ӯ аз тир ҳам тезтар медавид, танҳо пичиррос мезад: «Маҳкам бидоред, баррагонам, таъқиб мекунанд!».

Билохира, момогавазни Чанбаршох барраҳои худро ба Иссиқкӯл овард. Онҳо дар сари кӯҳ бозистода ҳайрон монданд. Атроф қаторкӯҳҳои барфпӯш ва байни кӯҳҳо бешаи сарсабз, чашмрас баҳре мавҷ мезанад. Ба рӯйи оби кабуд мавҷҳои сафед мерақсанд, бод онҳоро аз як канор ба канори дигаре меронад. Аввалу охири Иссиқкӯл пайдо нест. Аз як канораш Офтоб барояд, дар канори дигар шаб аст. Дар атрофи Иссиқкӯл чӣ қадар кӯҳ аст, ҳисоб карда намешавад ва аз паси ин кӯҳҳо боз чӣ қадар кӯҳҳои барфпӯш кашол аст, инро ҳам дарёфта наметавонӣ.

– Ватани нави шумо ҳамин аст, – гуфт момогавазни Чанбаршох. Ҳамин ҷо зиндагӣ мекунед, замин меронед, моҳӣ медоред, чорво мепарваред. Дар ин ҷо ҳазорҳо сол зиндагӣ

ва амонӣ кунед. Ҳаётатон давом мекунад ва тухматон зиёд мегардад. Наслҳои оянда шеваи шуморо, ки ба ин ҷо овардед, фаромӯш нахоҳанд кард, бигузор барои онҳо ба забони худашон сухан гуфтан суруди гуворо бошад. Ончунон бизиед, ки одамӣ мехоҳад. Ман ҳам ҳамин ҷо тамоми умр ҳамроҳи шумо, ҳамроҳи фарзандони фарзанди шумо мемонам...

Ба ҳамин тариқа, писараку духтарак тухмие аз қабилаи қирғиз барои худ дар ин Иссиқкӯли шодмону ҷовидон ватани тозае пайдо карданд.

Вақт зуд мегузашт. Писарак марди пурқуввате шуд ва духтарак зани расое. Онҳо издивоҷ карданд ва зану шӯй шуданд. Аммо модаргавазни Чанбаршох Иссиқкӯлро тарк нагуфт, дар бешаҳои ҳамин ҷой зиндагӣ мекард.

Боре ҳангоми сапедадам баногоҳ Иссиқкӯл туғён кард, ғулғула афканд. Занак фарзанд ба дунё овардан мехост, аммо азоб мекашид. Мардак тарсид. Тохта болои шох баромад ва бо овози баланд фарёд зад:

– Куҷоӣ ту, эй момогавазни Чанбаршох? Мешунавӣ, ки чӣ хел Иссиқкӯл туғён мекунад? Духтарат таваллуд мекунад. Зудтар биё! Эй момогавазни Чанбаршох, ба мо мадад кун...

Ва он вақт аз дур садои марғуладоре ба сони садои зангӯлаҳои корвон ба гӯш расид. Ва он садо торафт наздиктар меомад. Момогавазни Чанбаршох тозон меомад. Вай аз дастаи гаҳвора шохаҳо гузаронида, дар шоххояш гаҳвора бардошта меомад. Гаҳвора аз чӯби тӯс буд ва дар рави он зангӯлаи нуқрагин садо медод. Ва то дер вақт он зангӯла дар гаҳвораҳои музофоти Иссиқкӯл садо медод. Модар гаҳвора меҷунбонад, зангӯлаҳои нуқрагин садо медиҳад, гӯё ӯ, ки момогавазни Чанбаршох дар шоххояш гаҳвораи тӯсин бардошта, аз дур шитобон меомада бошад.

Ҳамин ки момогавазни Чанбаршох ба фарёд даррасид, зан ҳам фарзанд таваллуд кард.

– Ин гаҳвора барои бачаи сарнахустини шумо, – бигуфт момогавазни Чанбаршох. – Боз ба шумо фарзанди зиёде мешавад. Ҳафт писару ҳафт духтар!

Падару модар хушнуд гаштанд. Онҳо нахустфарзанди худро ба хотири момогавазни Чанбаршох Буғубой ном ниҳоданд. Буғубой ба воя расид. Аз тоифаи қипчоқҳо нозанинеро ба занӣ гирифт ва насли Буғу – насли момогавазни Чанбаршохро афзун кард. Дар Иссиққӯл қавми буғуҳо нуфуз пайдо карданд ва пурзӯр шуданд. Буғуҳо момогавазни Чанбаршохро чизи муқаддас донистанд. Дар болодарии юртҳои буғуҳо ҳамчун аломат шохи маралро мезаданд, то ки аз дур намояд, ки ин юрт ба қавми Буғу тааллуқ дорад. Вақте ки буғуҳо ҳуҷуми душманро зада бармегардонанд, вақте ки дар пойгаҳу асптозиҳо иштирок мекарданд, фарёде ба миён меомад: «Буғу!». Ва мудом буғуҳо ғолиб мебаромаданд. Ва он гоҳ дар бешазорҳои Иссиққӯл маралҳои сафеди шохдор гаштугузор мекарданд, ки аз ҳуснашон ситораҳои осмон рашк мебурд. Онҳо фарзандони момогавазни Чанбаршох буданд. Касе ба онҳо намерасид, касе онҳоро озоре намедод. Агар ягон буғу маралро бинад, аз асп фаромада ба вай роҳи гузар медод. Ҳусни маҳбубаро ба ҳусни марали сафед баробар мекарданд...

То даме, ки як шахси хеле бадавлат ва номдор, ки лак-лак сад ҳазорон гӯсфанду ҳазор-ҳазор асп дошту ҳама дар атрофи ӯ ба чӯпонӣ омада буданд, намурд, аҳвол ҳамин хел буд. Писарони ӯ худоии бошукӯҳе доданд. Дар худоӣ аз гӯшаю канори олам обрӯмандон ва номдоронро хабар карданд. Барои меҳмонон дар канори Иссиққӯл як ҳазору сад хиргоҳ гузоштанд. Ҳисобе надошт, ки чанд сар мол кушта, чӣ қадар қимиз нӯшида буданд, чӣ қадар хӯрокҳои қашқарӣ дода шуда буд. Барои писарони бой муҳимаш ин буд: бигузор одамон донанд, ки баъди марги ӯ, чӣ хел меросхӯрони давлатманду сахӣ мондаанд, чӣ хел ӯро ҳурмат мекунанд ва чӣ хел поси хотир медоранд... («Э-э, писарам, бад аст, ки мардум на бо ақл, балки бо сарват худнамоӣ кунанд!»).

Ҳофизон ба аспҳои йӯрға савор, аз тӯҳфаҳои бахшидаи писарони марҳум, телпаки пӯсти самурӣ ба сар ва ҷомаҳои адраси инъомшуда ба бар шоду хандон гашта, гоҳи рафтан пешзабонӣ карда, марҳум ва меросхӯрони ӯро месуруданд.

– Дар зери чархи гардун боз дар куҷо чунин саодатмандӣ ва чунин худоии сернозу неъматро мебинӣ? – месарояд яке.

– Аз рӯзи пайдоиши олам мисолаш рӯй надодааст! – месарояд дигаре.

– Дигар дар ҳеҷ куҷо, фақат дар мо падару модаронро эҳтиром мекунанд, шаъну шарафи онҳоро пос медоранд, номи муқаддасашонро мӯҳтарам медонанд, – месарояд сеюмӣ.

– Эй, ҳофизони пургӯй, ин ҷо чӣ мағал мекунед? Магар дар олам арзандатар аз ин саховат сухан ҳаст, арзандатар аз шӯҳрати мардум сухане ҳаст? – месарояд чаҳорумӣ.

Ба ҳамин тариқа, онҳо шабу рӯз мусобиқа мекарданд. («Э-э, писар, бад аст, вақте ки ҳофизон мусобиқаи калимабозӣ кунанд, онҳо аз ҳофиз ба душмани суруд бадал мешаванд»).

Он чанд рӯзи худоии пуршукӯҳро онҳо ҳамчун ид тантана карданд. Писарони мутаккабири бой бисёр мехостанд, ки дигаронро пахш карда, дар олам аз ҳама пештозӣ кунанд, то ки шӯҳраташон ба тамоми офоқ равад. Ва онҳо фикр карда дарёфтанд, ки дар гӯрхонаи падар шохи маралро бигузоранд, то ҳама бидонанд, ки ин дахма аз он ҷадди эшон аз қавми момогавазни Чанбаршох аст. («Э-э, писарам, ҳанӯз дар давраҳои қадим одамон мегуфтанд, ки давлат ғурур мезояд ва ғурур беақлӣ»).

Писарони бой хостанд, ки ба хотири падар ин кори гӯшношунидаро бикунанд ва чизе онҳоро боздошта натавонист. Гуфтанду карданд. Сайёдонро бифиристоданд, онҳо маралро куштанду шохашро буриданд. Шохҳои сеоршина мисли болҳои кушоди уқоб буданд. Шохҳои марал ба писарон писанд омаданд. Ҳар кадом ҳаждаҳтоӣ шоха доштанд, ки аз ҳаждаҳсола будани гавазн гувоҳӣ медоданд. Онҳо ба устоҳо фармуданд, ки шохро ба пештоқи гӯрхона зананд.

Мӯйсафедон ба ҳайрат афтоданд:

– Аз рӯйи кадом қоида маралро куштед? Кӣ ҷуръат кард, ки ба насли момогавазни Чанбаршох даст бардоред?

Ва меросхӯрони бой ҷавоб мегардониданд:

– Марал дар хоки худамон кушта шудааст. Ва ҳар чизе, ки аз пашша то шутур дар қаламрави мо мегардаду мехазаду парвоз мекунад, аз они мост. Ва мо медонем, ки ба моли худ чӣ тавр муомила кунем. Дафъ шавед!

Хизматгорон мӯйсафедонро тозиёна зада, ба аспҳо чаппа шинонида шармандавор ронданд.

Ва аз ҳамин ҷо сар шуда рафт... Ба сари насли момогавазни Чанбаршох бадбахтии бузурге омад. Қариб, ки ҳама дар бешаҳо марали сафедро шикор мекардагӣ шуданд. Ҳар як буғу дар гӯрхонаи гузаштагон шохи гавазн гузоштанро қарзи худ донист. Акнун ин чиз кори хайр ва эҳтироми махсусе ба ёди марҳумон ҳисоб мешуд. Ва ҳар кас, ки шохро ба даст оварда наметавонист, ӯро ношуду нолоиқ медонистанд. Шохи маралро хариду фурӯш, захира ва баҷо мекардагӣ шуданд. Аз қавми момогавазни Чанбаршох касоне ҳам пайдо шуданд, ки бо ҳунари худ шохи маралро сармояи даромад карда, ба пул ҳам мефурӯхтанд. («Э-э, писар, ҷое ки пул ҳаст, барои сухани хуб ва зебоӣ ҷой нест»).

Дар бешаҳои Иссиққӯл барои маралҳо айёми қатл расид. Ба онҳо раҳм карда намешуд. Гавазнҳо гурехта ба кӯҳҳои дастнорас мебаромаданд ва дар он ҷой ҳам онҳоро дастгир мекарданд. Аз пайи онҳо сагони шикориро сар медоданд, ки маралҳоро пеш карда ба камингоҳ баранд, то бехато парронанд.

Маралҳоро гурӯҳ-гурӯҳ нест мекарданд, бо подаашон нобуд месохтанд. Бо шарту гарав, кӣ ҳамин хел шохҳоро ба даст меорад, кӣ чанд шох зиёд дошта бошад, гӯён мепарронданд.

Ҳамин зайл марал намонд. Кӯҳҳо холӣ шуданд. Садои марал на шабу на саҳар шунида намешуд. Дар бешаю марғзорон наменамуд, чӣ хел чарад, чӣ зайл шохҳояшро ба пушт партофта метозад, чӣ тарз мисли мурғи бапарвозомада аз ҷариҳо парида мегузарад. Касоне низ ҳастанд, ки тамоми умр боре ҳам маралро надидаанд? Танҳо дар бораи вай афсонаҳо шунидаанд ва шохашро дар гӯрхонаҳо дидаанд.

Ва бо момогавазни Чанбаршох чӣ воқеа рӯй дод?

Хафа шуд вай, аз одамизод сахт хафа шуд. Мегӯянд, ки ҳамин ки аз дасти тиру сагони шикорӣ гавазни ҷондоре намонд ва вақте ки гавазнҳои мондаро ба ангушт шумурдан душвор набуд, момогавазни Чанбаршох ба қуллаи баландтарини кӯҳ баромада, бо Иссиқкӯл видоъ кард ва охирин фарзандони худро аз ағбаҳои баланд гузаронида, ба кишвари дигар, ба кӯҳҳои дигаре бурд.

Дар рӯйи замин чунин корҳо ҳам мешаванд. Афсона ҳам поён ёфт. Хоҳ бовар кунӣ, хоҳ не.

Вақте ки момогавазни Чанбаршох бирафт, қавл дод, ки дигар ҳеҷ гоҳ барнамегардад...

*(Тарҷумаи Сорбон)*

**Савол ва супоришҳо**

1. Афсонаро бодиққат хонед ва мазмунашро ба наздиконатон нақл карда диҳед.
2. Чаро афсона «Момогавазни чанбаршох» ном гирифтааст?
3. Дар афсона чӣ гуна ғоя пеш ронда шудааст? Шумо аз он чӣ хулоса баровардед?
4. Сабаби Иссиқкӯлро тарк кардани момогавазни Чанбаршох дар чист?



## ПАНДУ ҲИКМАТҲО

- Ба омӯхтани илм ҳарис бошед.
- Ҳеҷ кор бе илм макунед.
- Ҳеҷ сухан бе илм магӯед.
- Сухани ҳақро бузургтар аз осмону замин бидонед.
- Ҳосили илм аст, ки зиндагӣ омодатар бошаду зеботар: Ҳосили ахлоқ он ки зиндагӣ хуштар бошаду пурмаънитар.
- Дар илму ҳунар шарти аввал истеъдод аст, дуюм устод, сеюм саъю кӯшиш, ғайрат, аммо ин саввумӣ аз он ду дигар воҷибтар аст.

*Муҳаммади Ҳиҷозӣ*



http://eduportal.uz

## АДАШ ИСТАД



Адаш Истад зодаи Самарқанди бостонӣ аст. Вай соли 1946 дар Ӯрташиқ ном деҳаи Самарқанд, дар оилаи хизматчӣ ба дунё омадааст. Азбаски аз хурдӣ бачаи зираку хушзеҳн буд, мактаби миёнаро бо баҳои аъло хатм кард. Баъди хатми мактаб ҳуҷҷатҳояшро ба факултаи филологияи ӯзбеку тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд супурд. Аз овони донишҷӯияш ба эҷоди бадеӣ шавқу рағбати беандоза дошт ва аз ин рӯ, дар ин айём чандин ҳикояҳои фантастикии эҷодкори ҷавон дастраси хонандагон гашта буд. Вай қаламашро дар рӯзноманигорӣ сайқал додааст. Эҷодкор чанд муддат дар ҳафтавораи «Адабиёт ва санъат», рӯзномаи «Овози Самарқанд» дар вазифаҳои масъул хизмат кардааст. Фантастика дар эҷодиёти Адаш Истад мавқеи калон дорад. Вай тамоми истеъдод ва қувваи эҷодиашро ба ин роҳ сарф намуда, ба муваффақиятҳои калон ноил гашт. Адиб ба муштариёнаш «Мавҷи хаёлот», «Дарахти пахтачормағз», «Баъди ҳазор сол», «Суруди офтоб», «Замир», «Чароғи сеҳрнок», «Парвози меъмор» барин китобҳоеро тӯҳфа намуд, ки миёни хонандагони хурду калон маҳбубияти ба худ хос пайдо кардаанд. Адиб бо ин китобҳои худ ба пешрафти фантастикаи тоҷик саҳми босазо гузоштааст.

Дар асарҳои фантастикии нависанда тақдири инсон бо замину осмон пайваста, ба тасвир гирифта мешаванд. Вай кӯшиш мекунад, ки мавқеи илмро дар тақдири инсон вобаста бо характер ва кирдору рафтори ӯ ба қалам гирад. Ин чиз бузургии инсонро нисбати ҳама мавҷудоти рӯйи дунё ба таври ба худ хос инъикос мекунад.

Афсонаи «Овозаи Рустам» ба таърихи ибратомӯзи халқ бахшида шудааст. Дар он ҷасорату ватандӯстии фарзандони шуҷои халқ ниҳоят барҷаста ва ҷолиби диққат тасвир шудааст.

### Савол ва супоришҳо

1. Дар бораи роҳи ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Адаш Истад нақл кунед.
2. Адаш Истад чӣ гуна асарҳо навиштааст?
3. Мавзӯъҳои асосии асарҳои нависанда кадомҳоянд?

## ОВОЗАИ РУСТАМ

Ровиёни соҳирсухани бостон дар боби зиндагии пурташвиши айёми пиронсолии Рустами Достон қиссаҳои яке аз дигаре аҷибтар гуфтаанд. Аммо муаллифи ин сатрҳо дар натиҷаи хондани дастхатҳои қадимаи суғдӣ, ки шомили корнамоиҳои бемонанди Рустаманд, ҳикояти тозаро рӯйи коғаз овардааст.

Як ровии номаълуми суғдӣ дар чармпорае чунин менигорад, ки Рустами Достон баъди ҳалокати фоҷиавии писари азизаш – Сӯҳроб аз муҳориба дасту дил бишуст. Ҷангҳои дилбазан ва бародаркушии қавмҳои ҳамзабони эронинажод, ки асосан барои пойдории тахти подшоҳон ва талоши молу мулк карда мешуданд, ба дилаш тамоман заданд. Ӯ заминҳои бисёри аз шоҳон тӯҳфа гирифтааш, тамоми чизу чораи рӯзгори худро ба мардуми камбағал баробар тақсим карда, танҳо бо як сару тан ба оворагардӣ оғоз намуд. Рустам бо камонаш мурғони даштиро шикор карда рӯз мегузаронд. Ӯро дигар қуввати бардоштани гурзи гаронаш намонда буд. Кулаҳхӯдашро низ дар куҷое фаромӯш карда, танҳо бо сипари сабуки мисӣ мегашт, ки дар он сурати шеру офтоб ҷило медоду ӯро бо ин нишона дар ҳама ҷо хурду калони Эрон зуд мешинохтанд.

Ӯ ба бачаҳо дар бораи ҷангҳои гузашта, аз ҷасорати ҳамватанон барои ҳимояи Ватан ҳикоя мекард. Бачаҳо бошанд, аз ҳикояҳо мамнун шуда, як бурда нон ва як тоқӣ мавиз ё меваро бо ӯ ба ҳам медиданд.

– Ман аз ин сарои дурушт ба ғайри тани фартути худ чизи дигар бо худ намебарам, – мегӯяд. – Шӯҳрату диловариҳои ман ба шумо мерос мемонад.

– Бобо, шумо дигар ба ҷанг намеравед? – мепурсиданд бачаҳо.

– Э, бачаҳои азизам, – мегуфт Рустам, – ҷанг бозӣ нест. Ҷанг қиссаҳои шавқовар нест. Ҷанг марговар аст! Вайро касе орзу намекунад!

Аз вақте ки як қисми калони лашкари девони хунхорро яксони замин намудаму ду-се нафари зиндамондаашро то Кӯҳи Қоф пеш кардам, солҳои бисёр гузаштанд. Девон табиатан нисбат ба инсон бисёртар таваллуд мекунанд. Бисёр сертухманд. Тахмин мекунам, ки агар онҳо бадбахтии ҷангҷӯиро ба бачаҳои худ нафаҳмонида бошанд, саломат бимонам, боз бо лашкари бешумори девони сиёҳкори бадбӯй рӯ ба рӯ мешавам...

Ҳамин тавр ҷавоб медод Рустами Достон ба саволи бачаҳои кунҷков ва хабар надошт, ки девони сиёҳ дар шаҳре бо сеҳру ҷоду байни сарбозон даромада, онҳоро кару кӯр намуда, ҳарисона ба макидани хуни инсон сар кардаанд.

Вақте ки номабари суғдиён ба Сиистон расид, Рустами Достонро дар зери сояи беде хобида дид. Аз Рустами Достони машҳур, ки дар борааш қиссаҳои бисёре байни халқ паҳн шуда ва мардум ӯро кӯҳпайкару шерафкан тасаввур мекарданд, бо асорати пирӣ осоре намонда буд. Номабари ҷавон аввал тааҷҷуб кард, ки номаро бидиҳад ё не, зеро ки Рустами лоғари ришсафед ҷавшани даридаву зангбастаро аз тани фартути худ кашида, сӯе гузошта ва сипар зери сар дар як ҳолати хастагиву бечорагӣ мехобид. Номабар атрофро бо диққат мушоҳида карда, аз Рахши афсонавию гурзи даҳмании Рустам нишоне надида, зиёдтар ҳайрон шуд. Дар ботинаш яъсу ноумедӣ роҳ ёфт ва аз дил гузаронд: «Ҳаққо, овозаи Рустам беҳ аз Рустам аст».

Мегӯянд, ки хоби пирон дароз нест. Зеро кас чӣ қадар зиёдтар умр бинад, он қадар пурташвиштар мегардад. Дили Рустами пир ҳангоми хобиданаш бедор буд. Ва ё ҳис мекард, ки касе беҷуръатона наздик мешавад ва дудила аст: бедор кунад ё не?

Аввал як чашми Рустам кушода шуд, ӯ аз чеҳраи номабар осори ғаму аз либосаш мусофири роҳи дур буданашро дарёфт.

– Сабил монад пирӣ, – гуфт Рустам бо овози ғафс ва даст ба чашми пӯшида бурда, пилкашро бо ангушт бардошта, онро низ кушоду ба даст такя намуда нимхез шуд. Он гоҳ номабар наздик рафта, салом дод, лӯлаи номаро аз ҷайб ба даст гирифт ва зону зада хитоб кард:

– Падари меҳрубони мо! Девони сиёҳ ба кишвари Суғд битохтанду Мароқандро поймол намуданд. Аз ҷӯйҳо об, аз лабҳо табассум гум шуд.

– Уф... – гуфт Рустами Достон, – боз ҷанг сар шуд? Аз ин ҷанг одамизод кай халос мешуда бошад?

Рустам дасти пирона, вале ҳанӯз бақувваташро дароз карда, номаи чармиро гирифт ва кушода ба он нигариста гуфт:

– Хатҳои шиноси бародарони ҷонии ман – суғдон... Ку, бихон, чашмони ман хира шудаанд.

Номабар дасти Рустамро бӯсида, номаро гирифт ва бо ҳаяҷон хонд:

«Номаи мардуми Суғд ба ҷаҳонпаҳлавон Рустами Достон.

Рустамо, ҷаҳонпаҳлавоно, ҳамватано, ҳамхуно, ҳамдило, ҳамзабоно, ҳамҷигаро!

Доимо бардаму бақувват бошӣ ва ба кишвари мо чун Офтоби ҷовидон нур пошӣ!

Меҳру муҳаббати бузурги моро нисбат ба ту чизе наметавонад ғунҷоиш бидиҳад. Мо ба ту – падар ва бародари бузурги худ арз мекунем: Рӯзҳои равшани мо ба шабҳои тира мубаддал гаштаанд. Киштзорони сабз зард, бӯстонҳо ҳама хазон шудаанд. Шири модарони мо сиёҳ ва мӯйҳои кӯдакону ҷавонони мо сафед гардидаанд. Мардум ҳама безабонанд ва наметавонанд, ки чизе бигӯянд ва девони хунхорро дашном кунанд. Ранҷи суғдиён бешумор аст. Мо умедворем, ки ба ёрии суғдиён мешитобӣ, то ки лашкари девони сиёҳро торумор ва саркардаи онҳоро несту нобуд бикунӣ. Мо ҳоло дар





зимистони яхинем ва чеҳраи нуронии туро чун офтоби навбаҳорон интизорӣ мекашем!»

– Ҳмм... – гуфт Рустам сар хорида. – Махсусан, безабон шудани онҳо кори нохубест. Акнун чӣ тавр мардум муттаҳид шуда, зидди адӯ меҷанганд? Забон, ки нест, касе наметавонад онҳоро даъват кунаду ба ҷанг барад. Вале ту чӣ тавр аз сеҳр халос шудӣ, ки гап зада метавонӣ?

– Баробари дидани чеҳраи мубораки ту аз ҷоду халос шудам ва қулфи забонам кушода шуд, – гуфт номабар.

– Меравам! – гуфт Рустам бо қатъият ва аз ҷой хеста қоматашро рост гирифт. – Рахш мурдааст. Вале аспи дигар меёбам. Ту бошӣ, бишитоб ва ба диёри худ хабар расон, ки Рустам меояд. Вай очаи зори девҳоро нишон медиҳад!

Номабар чанд рӯз роҳ паймуда, ба Мароқанд расид ва дар бозори пуродам ҷор зад:

– Ҳой, мардум! Гӯш кунед ба ман! Ман дар зодгоҳи Рустами Достон будам. Ба вай номаи шикоятии шуморо бурдам. Рустам ба ман чунин гуфт: бишитоб ва мужда расон, ки

Рустам меояд! Девони сиёҳ сарҳои аз тан ҷудои худро дар осмони ҳафтум хоҳанд дид!

Бо шунидани ин хабари хуш қулфи даҳони ҳама кушода шуд.

– Рустам меояд! – шодона бонг зад тамоми мардуми бозор. Гӯшҳои қулфакзадаи сипоҳиён кушода ва чашмони пардаи сеҳргирифтаи онҳо бино шуданд. Баъди соате тамоми шаҳр фарёд зад:

– Рустам меояд! Оне, ки аз пӯсти деви Ҳафтсар барои худ камарбанд сохта буд!

Ин хабар аз деҳа ба деҳа, аз шаҳр ба шаҳр расида, дар дили девони сиёҳ зилзила меандохт:

– Рустам меояд! Магар намедонед, ки чандин лашкари девонро зада гард-гард кардааст!!!

Девон танҳо як рӯз тоқат карданд, воҳимаи хабари омадани Рустам он қадар зӯр буд, ки ҳамаи онҳо аз тарс барги бед барин ларзиданд. Субҳи рӯзи дигар тамоми девони сиёҳ думҳоро хода карданд. Онҳо савори хуку рӯбоҳу гургу мору лошахӯрон гурехтанд. Абрҳои сиёҳи осмон низ пароканда шуда, офтоби зарнисор намоён гардид. Дар ҷӯйҳои хушкида об ҷорӣ шуд. Ҳамин дам аз дарвозаи шаҳр мӯйсафеди мусофире савори хари сафед даромад, ки на гурз дошту на сипар. Ӯро касе намешинохт. Аз пирамарди оддӣ фарқ надошт, лекин Рустами Достон буд. Мардум дафу чангу най навохта, май нӯшида, дар кӯчаҳо рақсида, мағлубияти девони сиёҳро ҷашн мегирифтанд. Рустам пиёда шуда, байни мардуми дилшод баромад ва бо онҳо якҷоя рақсидан гирифт. Вай баъди чанде аз шахсе пурсид.

– Мӯҷиби ин иду шодӣ чист?

– Эй, муйсафед, магар мусофирӣ, ки хабар надорӣ? Рустам меояд! Девҳо гурехтанд!

Ин тавр бошад, зудтар ба Сиистон баргаштан лозим, – фикр кард Рустам.

– То ки маро ба ин фартутӣ мардум набинанд ва рӯҳафтода нашаванд.

Ӯ хари худро ёфта савор шуд ва аз шаҳр баромад.

Танҳо пеш аз рафтан дар паҳлӯи дарвоза ба девори шаҳр бо халачӯбаш чунин навишт:

«Бародарон! Ман омада будам! Рустам».

Дар таги дарвозаи шаҳр ба пешвозгирии Рустам тайёрӣ медиданд, чанд нафар ба роҳ об зада мерӯфтанд. Яке аз онҳо нидо кард:

– Ҳой, муйсафед! Дар таги по пилмида нагард! Рустам меояд!

Рустам лабханде карду роҳ гирифт сӯйи Сиистон, бо дили пур аз фараҳ.

### Луғатҳо

**Бостон** – кӯҳна, қадимӣ
**Кулаҳхӯд** – тоскулоҳ, кулоҳи ҷангӣ
**Фартут** – солхӯрда ва аз кор монда
**Ҷавшан** – навъе аз либоси ҷангӣ
**Мӯҷиб** – сабаб, боис
**Адӯ** – душман, бадхоҳ

### Савол ва супоришҳо

1. Афсонаро бо овози баланд ифоданок хонед.
2. Хислатҳои Рустами Достонро як ба як такрор кунед.
3. Мақоли «Овозаи Рустам беҳ аз худи Рустам» чӣ маъно доштааст?
4. Аз афсона чӣ хулоса бардоштед?

# НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ

## Нақлу ривоятҳо

Ривоят жанри мустақили адабиёти шифоҳӣ аст, ки дар он сухан роҷеъ ба ҷойҳою шахсони таърихӣ, пайдоиши ин ё он воқеаи таърихӣ меравад. Дар жанри қисса низ чунин ҳолатро мушоҳида намудан мумкин аст. Агар дар қисса воқеа ва ҳодисаҳо муфассалтар, бо бадеияти нисбатан пурратар инъикос ёбанд, дар ривоят асосан хусусияти ахбориро доро мебошанд. Қисса аз чанд лавҳа ва сужети бадеӣ иборат буда, мазмун ва мундариҷаи хосе дорад, ҳамчун як асари комилан бадеӣ ба пеши назар ҷилвагар мешавад. Ривоят ҳамагӣ як, ду ё се лавҳаи кӯтоҳи иттилоотиро дар бар мегирад.

Дар ривоят ақидаи мардум дар бораи зиёратгоҳҳо, ёдгориҳои қадимии таърихӣ, сардорон ва ходимони намоёни давлатӣ, пешвоёни барҷастаи илму адабиёт, паҳлавонон ва ғайра нақл карда мешавад. Аз ин рӯ, дар гуфтугӯи одамон гоҳо ба ҷойи калимаи «ривоят» калимаи «нақл» омада ва гоҳо ҳардуи ин калима якҷоя барои ифодаи як фикр  хизмат мекунанд.

Нақлу ривоятҳо дар замони мо низ ба вуҷуд омадаанд ва онҳо ҳамчун намунаи эҷодиёти халқи муосир дониста мешаванд, аммо онҳо ҳоло хеле кам ҷамъ карда шудаанд.

Дар бисёр нақлу ривоятҳо дар бораи қаҳрамонию корнамоиҳои паҳлавонон ва шахсони таърихӣ маълумот дода мешавад. Масалан, оиди паҳлавонию ҷангҳои Рустами Достон бо девҳою душманони кишвар, оиди Хоҷаи Хизр, оиди табибию донишмандии Луқмони Ҳакиму Абӯалӣ ибни Сино ва корнамоиҳои дигар шахсони таърихӣ ривоятҳои фаровоне мавҷуданд.

### Савол ва супоришҳо

1. Ба жанри ривоят таъриф диҳед.
2. Фарқи жанри қиссаро аз ривоят гуфта диҳед.
3. Дар бораи кадом шахсони таърихӣ ривоятҳо гуфта шудаанд?



http://eduportal.uz

## РИВОЯТҲО ОИДИ ЛУҚМОНИ ҲАКИМ

### Шикорчӣ, ду кабӯтар ва Луқмони Ҳаким

Дар замонҳои хеле қадим дар сарзамине подшоҳе будааст, ки илму донишро хеле парасторӣ менамуд. Дар дарбори ӯ шикорчие хизмат мекард, ки шоҳро аз гӯшти сайд доимо таъмин менамуд.

Яке аз рӯзҳои охири тирамоҳ баъд аз барфи аввалин шикорчӣ сӯйи кӯҳ ба шикори навбатӣ мебарояд. Ногоҳ аз қуллаи кӯҳ тармае кӯчида ӯро мебарад. Тарма пас аз чанд метр ба поён ҳаракат кардан ногаҳон ба даруни ғоре пинҳон мегардад. Шикорчӣ аз зарбу воҳимаи тарма беҳуш мегардад. Пас аз чанд вақт ба ҳуш омада, худро тамоман дар олами дигар мебинад. Дар он дунёи наве, ки тамоми муҳит сабзу хуррам буд, барои истироҳат зери дарахтеро интихоб намуда, менишинад ва аз он зебоӣ ҳаловат мебарад. Ногаҳон сӯҳбати байни якдигарии ду кабӯтарро мешунавад, ки дар болои шохи дарахт нишаста буданд. Онҳо бо забони ба мард фаҳмо ҳарф зада, ба якдигар мегуфтанд, ки ин одамизод аз дунёи дигар омадааст ва бо вай чӣ хел бояд рафтор кард?

– Биё, аввал аз худи одам пурсон шавем, – ҷавоб дод кабӯтари дуюм. Бо ин мақсад аз одамизод пурсиданд:

– Бигӯед, шумо дар кадом олам: дар ин ҷо ё дар дунёи дигар зиндагонӣ кардан мехоҳед?

Шикорчӣ ҷавоб дод:

– Ман дунёи худро мехоҳам, вале афсӯс, ки имконияти ба дунёи худ баргаштанро надорам.

Яке аз кабӯтарон аз марди омада боз пурсид:

– Агар шумо ба дунёи худ баргаштанро хоҳед, мо ба шумо кӯмак мерасонем.

Кабӯтар боз ба мусофири аз ҷаҳони дигар омада муроҷиат намуда гуфт:

– Ғам махӯред, барои ба он дунё баргаштан ба шумо тӯшаи лозимиро ҳам медиҳем.

Кабӯтари дуюм бошад, як пиёла орди гандумро оварда ба ҷайби марди омада андохт ва аз ӯ хоҳиш намуд:

– Чашмонатонро пӯшед ва ба атроф назар нанамоед, мо шуморо ба маконатон мерасонем.

Шикорчӣ чашмонашро пӯшид ва баъди чанд дақиқа пас аз чашмонашро кушодан худро дар он қуллаи кӯҳе дид, ки аз он ҷо ӯро тарма фурӯ бурда буд. Мард бо тарсу ваҳм ва нобоварона ба атроф назар карда дид, ки аллакай дар ин ҷо фасли баҳор оғоз ёфтааст. Кабӯтарҳо аз назди шикорчӣ ғоиб шуданд. Мард хурсандона роҳи шаҳрашро пеш гирифт. Ҳангоме ки ба гӯшаи шаҳраш расид, дид, ки дар ин ҷо марде замини худро шудгор мекунад. Деҳқон шикорчиро дида ҳайрон шуд ва ба ӯ савол дод:

– Ту ин муддат дар куҷо будӣ, ки мо аллакай худоии туро додем ва ҳама туро дар он дунё ҳисоб кардем...

Ҳангоме ки мард ба шаҳр расид, атрофиён шикорчиро дида хурсанд шуданд ва хабари зиндаву саломат баргаштани ӯро ба шоҳ расониданд ва аз ӯ шодиёна талаб мекарданд...

Подшоҳ аз зиндаву саломат баргаштани шикорчӣ хурсанд шуд ва ӯро ба назди худ даъват карда, аз аҳволи ӯ пурсон гардид. Шикорчӣ ҳамаи воқеаро, ки аз сар гузаронида буд, пурра ба шоҳ нақл кард. Баъди аҳволпурсӣ ордеро, ки он ду кабӯтар дода буданд, бароварда пеши подшоҳ ниҳод. Подшоҳ ордро ба нонпаз дод, ки алоҳида хамир карда нон пазад. Бо фармони подшоҳ нонпаз он ордро алоҳида хамир карда, аз он кулчае тайёр намуд ва ба танӯр часпонд.

Дар назди дарбори подшоҳ хоркаше мезист, ки ҳар рӯз аз ҷангал хор ва ҳезум мекашонд. Аз маъракаи дарбориён ба хоркаш ҳар рӯз ҳар кас аз пеши худ, таги табақ луқмае ба ӯ медоданд. Ва маҳз аз ҳамин сабаб номи ӯро Луқмак меномиданд (яъне аз луқма – луқмахӯр). Он рӯз, ки нонпаз орди овардагии шикорчиро хамир карда, кулчаро ба танӯр мечаспонд, ҳамин Луқмак дар пеши танӯр нишаста ба дегдон ҳезум меандохт. Ногаҳон кулчаи аз орди шикорчӣ тайёр кардашуда

ба болои хокистари танӯр афтид. Нонпаз аз ин ҳодиса ба ҳарос афтида, аз тарсу ваҳм доду фиғон бардошт ва ба сараш муштзанон хитоб кард:

– Хонаам сӯхт. Акнун ба подшоҳ чӣ мегӯям? Луқмак он кулчаи афтодаи хокистаролуд ва нимпухтаро ба доманаш андохта ба нонпаз гуфт:

– Аҷоиб одам будаӣ. Подшоҳ аз куҷо медонад, ки нон аз кадом орд пухта шудааст?

Нонпаз маҷбур шуд, ки аз сари нав аз орди худ хамир карда, кулчаи дигар бипазад ва онро ба дастархони подшоҳ бигузорад. Подшоҳ онро хӯрд, вале дар тану рӯҳи ӯ ягон навигарӣ ва дигаргуние ба амал наомад ва гумон кард, ки орди аз ҷаҳони дигар оварда ва нони аз он тайёр шуда, аз орди нону намаки заминаш ҳеҷ фарқе надорад.

Луқмак бошад, он кулчаи ба хокистар олудаoriginal тоза карда, ба хӯрдан шурӯъ намуд.

Пас аз тановул кардани нон дар рӯҳу вуҷуди ӯ як ҷунбише ба миён омад, ақлу ҳушу хотира ва фаҳмишаш доир ба ҷаҳону муҳити атроф тамоман дигар шуд. Дигар ҳар як растанӣ ба вай сари таъзим фурӯ меовард ва ба кадом иллати инсон даво будани худро ҳикоя мекард. Паррандаҳо ба Луқмак хабарҳои гуногуни дунёро нақл мекарданд. Баъд аз чанд рӯз овозаи донишмандиву ҳамадонии Луқмак ба зудӣ дар ҳама ҷо паҳн гашт. Беморони гуногун аз тамоми гӯшаву канори ҷаҳон ба назди ӯ мерафтанд. Луқмак ҳамчун пизишки моҳир ва ҳозиқ ба онҳо доруву дармон медод. Шахсони нотоб аз дасти сабуки ӯ сиҳат мешуданд. Номи Луқмак ҳамчун донишманд машҳур гашт. Одамон бо ҳурмату эҳтироми баланд номи ӯро аввал Луқмон, пас аз он Луқмони Ҳаким номиданд. Мардум аз тамоми кишварҳо ба назди Луқмони Ҳаким бо умеди шифо меомаданд. Ҳакими бузург якеро бо панд, дигареро бо даво, сеюмиро бо суханҳои меҳрубононаи худ кӯмак мерасонд. Вазъият ба ҷойе расид, ки одамон ба дарбору назди подшоҳ камтар мерафтанд. Ҳамин тавр, обрӯи Луқмони Ҳаким аз қадру қимати

подшоҳ баландтар гардид. Чунин вазъият ба подшоҳ ва махсусан, ба аҳли дарбор хуш намеомад. Онҳо бо нафрату ғазаб ба Луқмон назар мекарданд.

Вазирон ва маслиҳатчиёни подшоҳ ин ҳолатро дида, ба подшоҳ таъкид карданд, ки Луқмони Ҳаким бо шӯҳрату ҳамадонии худ имрӯз ё фардо оқибат тахти подшоҳиро аз дасти шумо мегирад. Барои сари роҳи онро гирифтан шумо бояд дар бораи Луқмони Ҳаким ягон чораи ҷиддиро пешниҳод намоед. Подшоҳ ҳамон замон сухани вазиронашро гирифт ва фармон дод, ки Луқмони Ҳакимро бо ду писараш ба зиндон андозанд. Ҳамин тавр, Луқмони одилу хайрхоҳ – муаллифи панду ҳикмат, дӯстдори халқҳои бечораву заҳматкаш ба зиндон афтид. Баъди чанд сол ҳарду писари ӯ бо азобу машаққати зиёде дар зиндон аз олам чашм пӯшиданд.

Баъди мотами ду фарзанд дар зиндони торику камҳаво саломатии Луқмон хеле бад ва чашмонаш қариб нобино шуданд.

Рӯзе подшоҳ хӯрок мехӯрд ва дар вақти таомхӯрӣ тасодуфан як устухон дар гулӯи вай дармонд. Табибони дарбор ва табибони номдори кишварҳои ҳамсоя барои ба шоҳ мадад расонидан даъват шуданд. Вале илоҷи дарди шоҳро ҳеҷ кас намеёфт. Оқибат шоҳ маҷбур шуд ба вазирони худ фармояд, ки Луқмони Ҳакимро аз зиндон ба назди ӯ биёранд, то ки чорае дарёбад. Вазирон сухани шоҳро тарафдорӣ намуда гуфтанд, ки дар ҳақиқат ғайр аз Луқмони Ҳаким дигар ҳеҷ кас дарди аз ҳад гузаштаи шуморо даво карда наметавонад. Подшоҳ аз ноилоҷӣ маҷбур шуд фармон диҳад, ки Луқмонро аз зиндон озод намуда, ба сари бистараш биёранд, то ки он ҳакими ҳозиқу ҳамадон онро даво намояд. Вакилони шоҳ ба зиндон рафта, хабар ва мақсади озод шуданашро ба Луқмон расониданд.

Луқмони Ҳаким ба вакилони шоҳ гуфт: – Чашмонам аз сабаби дар зиндони торик рӯзҳову солҳои дароз хобидан суст шуданд ва ман набояд аз ин торикии зиндон якбора ба равшанӣ бароям. Илтимос, аввал дари зиндонро боз кунед, то ки ман

дар муддати як ҳафта худро ба ҳавои равшану тозаи берун мутобиқ созам. Дар акси ҳол ман аз ин торикӣ баромада наметавонам. Соҳибзиндон бо фармони дарбориён ин амрро иҷро кард. Баъди як ҳафта Луқмони Ҳаким бо чашмони бино ба хонаи худ баргашт, вале аз сабаби тамоман беҳолу бемадор буданаш имконият надошт, ки ба дарбор рафта, шоҳро муолиҷа намояд. Баъд аз даҳ рӯзи дамгирӣ вай каму беш ба худ омад, дар пойҳояш қувват пайдо шуд ва назди шоҳ рафт. Шоҳ дар ин муддат аз сабаби гуруснагиву ташнагӣ хеле лоғару бемадор шуда буд. Дарду гуруснагии бардавом саломатии шоҳро хеле хароб намуда буд.

Луқмони Ҳаким чунин ҳолати шоҳро дида, ба вай хитоб намуд:

– Дард, гуруснагиву ташнагӣ, бехобиву беҳолӣ тани шуморо лоғару фартут намудааст. Аз ин сабаб давои дарди шумо хеле мушкил шудааст, вале имконияти табобати иллататон ҳоло аз миён нарафтааст ва он асосан ба амру розигии шумо вобаста аст.

Шоҳ: – Бигӯ, илоҷи дарди ман дар чист? Ва барои дур кардани он чӣ бояд кард?

Луқмони Ҳаким: – Ба шумо бояд бигӯям, ки танҳо марги писаратон ба дарди аз ҳад гузаштаатон метавонад дармон шавад...

Подшоҳ: – Чӣ тавр марги писарам?

Луқмони Ҳаким: – Шумо агар ба буридани сари писари худ розӣ шавед, сиҳату саломат хоҳед шуд. Агар ба ин розӣ нашавед, дигар илоҷе нест.

Подшоҳ ба Луқмони Ҳаким назар андохта, бо ғазаб хитоб кард:

– Фаҳмидам. Шумо аз ман интиқоми фарзандони худро, ки дар зиндон мурдаанд, гирифтан доред! Акнун мехоҳед, ки писари маро аз ҳаёт маҳрум намоед...

Луқмони Ҳаким оромона ҷавоб дод: – Розӣ набошед, ихтиёр ба дасти бахтиёр. Дигар ягон илоҷе барои шифо ёфтанатон нест.

Шоҳ ба дарбориёни худ фармон дод, ки Луқмони Ҳакимро аз даргоҳаш биронанд. Дарбориён чунин ҳам карданд. Шоҳ худ ба худ бо садои хеле паст пайи ҳам такрор мекард:

– Бигузор ман бимирам, вале барои наҷоти ҳаёти худ ҳаргиз фарзанди азизи худро қурбон нахоҳам кард.

Аз байн боз ду рӯзи дигар гузашт. Бемории шоҳ бадтар шуд. Дарду тангии нафас ӯро боз бисёртар азоб медоданд. Оқибат ҷон ба лаб омаду маҷбур шуд, ки ба қурбон намудани фарзанди худ розӣ шавад. Ӯ ба вакилон фармон дод, ки ба зудӣ Луқмони Ҳакимро ба назди ӯ оранд.

Онҳо ба зудӣ Луқмонро пайдо карда, ба назди шоҳ оварданд.

Луқмони Ҳаким баробари омадан фармуд, ки дар пеши назари шоҳ чодир кашанд. Пас фармуд, ки шоҳзодаро аз назди падараш ба паси он чодир шинонанд, то ки чӣ тавр қатл кардани фарзандашро набинад.

Дили подшоҳ аз ин лаҳзаи мудҳишу ғамангез тез мезад. Аз тарафи дигари чодар Луқмон таъкид намуд, ки як бузро пинҳонӣ ба он ҷо оварда, гузоранд, дасту по ва даҳонашро сахт банданд ва сарашро гиранд. «Ҷаллод» аз рӯйи супориши Луқмон амал карда, бузро сар зад. Бузи бечора ҷон медод ва хуррос мезад. Подшоҳ садои хурроси вазнини бузро шунида, чунин пиндошт, ки сари писарашро буридаанд. Аз ғами фарзанд андӯҳгин шуда, бо шиддат ва садои баланд фарёд мезад:

– Оҳ, писарам ҷавонмарг шуд... оҳ... оҳ, оҳ, писарам.

Ҳангоми бо овози баланд оҳу фарёд задани шоҳ устухон аз гулӯи ӯ парид ва ба замин афтид. Пас аз раҳо ёфтан аз устухон, шоҳ боз дод зада, хитоб кард:

– Сад афсӯс, ки писари худро аз даст додам. Алвидоъ, писараки азизи ман...

Дар ҳамин лаҳза Луқмони Ҳаким чодирро аз пеши шоҳ гирифт. Шоҳ писари зиндаву саломати худро дида, аз ҳад зиёд хурсанд шуд ва хитоб кард:

http://eduportal.uz

– Илоҳо, ҳазор шукр, ки ҳам устухон аз гулӯям афтод ва ҳам писарам зинда монд. Ӯ ба Луқмони Ҳаким наздик шуда, дар назди ӯ  сари таъзим фуруд овард.

Подшоҳ аз марг раҳо ёфта, ба Луқмон тӯҳфаҳои зиёд дод, инчунин ба ӯ рутбаи вазириро пешниҳод намуд. Вале Луқмони Ҳаким ҳам аз дарбор ва ҳам аз боигариҳо рӯ гардонд. Вай ба кулбаи вайронаи худ баргашт. Камбағалон аз зиндон озод шудани ӯро бо хурсандӣ пешвоз гирифтанд. Луқмони Ҳаким бошад, то охири умраш ба халқ ҳамчун пизишк ва хирадманд хизмат кард.

Пас аз вафоташ аз ӯ ба одамон панду ҳикматҳои бисёре боқӣ монд.

**Савол ва супоришҳо**

1. Ривоятро овоз бароварда ифоданок хонед.
2. Шикорчӣ чӣ гуна саргузаштро аз сар гузаронд?
3. Чаро Луқмон якбора донову ҳаким шуд?
4. Луқмони Ҳаким чаро ба ивази бадӣ некӣ кард?
5. Аз ривоят чӣ гуна хулоса баровардед?

## ҲИКМАТҲОИ ЛУҚМОНИ ҲАКИМ

Луқмони Ҳаким дар фарҳанги бостониву ғании форсу тоҷик чун табиби ҳозиқ мақому манзалати муайяне дорад.

Роҷеъ ба ӯ дар эҷодиёти шифоҳии мардум як идда нақлу ривоятҳо арзи вуҷуд кардааст. Ҳикоёти пандомези бисёре аз номи Луқмони Ҳаким паҳн гардидааст, ки дар тарбияти насли наврас аҳамиятноканд. Дар поён аз он намунаҳо меорем:

### Рӯбоҳ ва Шер

Вақте рӯбоҳе аввалин бор шереро дид, ба ҳадде тарсид, ки наздик буд аз тарс бимирад. Дафъаи дуввум аз дидани шер ошуфтаю парешон шуд, вале монанди пештара аз шер натарсид.

http://eduportal.uz

Дар мулоқоти саввум рӯбоҳ он қадар диловар шуд, ки назди шер рафт ва бо ӯ ба сӯҳбат пардохт.

Ошноӣ ва наздикӣ самимият бор меоварад.

## Писари шиновар

Писареро, ки дар соҳили дарёча машғули шино буд, мавҷе аз об даррабуд ва наздик буд ғарқ шавад. Писар ба нолаву фарёд сар кард. Раҳгузаре омад ва рӯйи санги бузурге истода писаракро танбеҳ дод:

– Эй писари шӯху бебок, вақте шиноварӣ намедонистӣ, чаро дар ин дарёча дохил шудӣ? Оё падару модар надорӣ, то ба ту насиҳат мекарданд ва ё шояд ба насиҳати бузургони худ гӯш намедиҳӣ?!

Писарак, ки наздик ба ҳалокат буд, аз миёни об фарёд карда гуфт:

– Лутфан аввал аз ғарқ шудан наҷот бидеҳ, баъд аз он маро сарзаниш кун.

Насиҳат бидуни кӯмак бефоида аст.

## Харчанг ва рӯбоҳ

Харчанге соҳили дарёро тарк гуфт ва марғзореро маскани хеш қарор дод. Рӯбоҳи бисёр гуруснае, ки аз он ҷо мегузашт, харчангро гирифта хӯрд. Харчанг дар охирин лаҳзаи ҳаёт ба худ гуфт: «Ман воқеан сазои худро дидам, зеро ман, ки табиатан мебоист дар об зиндагӣ кунам, чаро дар хушкӣ омадам?!»

Қаноат сабаби саодат аст.

### Савол ва супоришҳо

1. Ҳикматҳои Луқмони Ҳакимро бодиққат хонед. Кӯшиш кунед, ки мазмунашро хуб дарк намоед.
2. Хулосаи ҳар як ҳикматро бо ёрии устодатон шарҳ диҳед.

http://eduportal.uz

## АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО



Абӯалӣ ибни Сино соли 980 дар деҳаи Афшонаи Бухоро ба дунё омадааст. Падараш Абдуллоҳ аслан аз Балх буда, дар замони ҳукмронии Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ ба Бухоро меояд. Модараш Ситорабону зодаи деҳаи Афшонаи Бухоро буд. Абӯалӣ бачаи тезҳуш буд, ҳар чизи дида ё шунидаашро аз хотир намебаровард. Вай хеле бармаҳал хондан ва навиштанро омӯхт. Кӯшиш мекард, ки ҳама чизро донад, аз ҳама илмҳои олам бохабар бошад. Дар даҳсолагиаш сарфу наҳв ва илми адабро хуб омӯхтааст.

Падари Абӯалӣ низ одами донишманд буд, илми ҳисоб, ситорашиносӣ ва фалсафаро медонист, вале дониши Абӯалиро қонеъ гардонида наметавонист. Гоҳо дар байни падар, Абӯалӣ ва бародараш дар хусуси ин ё он масъалаи илмӣ баҳс барпо мегардид. Падар ва бародари Абӯалӣ як тараф ва худи ӯ мавқеи дигарро ишғол мекард. Дар баҳсу мунозираҳо ӯ доим ғолиб мебаромад.

Абдулло заковати фарзанди худро дида, кӯшиш мекард, ки ӯро аз илмҳои замонааш баҳравар созад. Бинобар ин Абӯалӣ аз донишмандони замонаш Нотилӣ ва Исмоили Зоҳид асосҳои мантиқ, фалсафа, фиқҳ ва риёзиётро аз бар мекунад. Дар охир ба омӯзиши тиб шурӯъ намуда, ин илмро ба хубӣ омӯхтааст.

Абӯалӣ ҳар як китоберо, ки ба дасташ меафтод, хеле бодиққат мутолиа мекард ва боз аз паси ҷустуҷӯи китоби нав мешуд. Шӯҳрати ӯ рӯз то рӯз зиёд мегашт.

Дар яке аз рӯзҳо подшоҳи давлати Сомониён Нӯҳ бинни Мансур ба касалии сахте мубтало мегардад. Табибони шоҳ дар муолиҷаи касалии ӯ оҷиз монданд. Ӯро Ибни Сино табобат кард ва дар назди султон соҳиби эътибори калон гардид. Ба ивази ин хизмати босазояш барои аз китобхонаи подшоҳ истифода бурдан иҷозат пурсид. Султон ин хоҳиши ӯро қонеъ

гардонд. Ибни Сино тамоми китобҳои ноёби китобхонаро хонда баромад.

Натиҷаи чунин саъю кӯшиш буд, ки дар муддати кӯтоҳ Ибни Сино ҳамчун донишманди замонаш обрӯю эътибор пайдо кард.

Абӯалӣ ибни Сино ҳамагӣ 56–57 сол умр дид ва 17–18 соли он ба таҳсили илм сарф шуд. Солҳои боқимондаи умраш низ солҳои барояш пурташвише буданд. Вале дар чунин як мӯҳлати кӯтоҳ  чунон асарҳое эҷод кард, ки номашро ба қатори бузургони фарҳанги ҷаҳонӣ дохил намуданд.

Абӯалӣ ибни Сино тамоми илмҳои замонаашро медонист ва доир ба ҳамаи онҳо асарҳои барҷаста эҷод кардааст. Асарҳои ӯ ба фалсафа, тиб, табиатшиносӣ, ситорашиносӣ, мусиқӣ ва ғайра бахшида шудаанд. «Ал қонун», «Китобуш шифо», «Донишнома» барин асарҳояш чандин аср дар мамлакатҳои Шарқ ва Ғарб ҳамчун китоби дарсӣ ва дастуруламали толибилмон хизмат кардааст.

Ӯ шоири нозуксанҷ ҳам буд. Шеърҳои Ибни Сино низ монанди дигар асарҳояш дар ду забон – арабӣ ва тоҷикӣ навишта шудаанд.

### Савол ва супоришҳо



1. Дар бораи ҳаёти ибратангези Абӯалӣ ибни Сино нақл карда диҳед.
2. Ҷавонии Ибни Сино чӣ хел гузаштааст?
3. Аз Ибни Сино ба мо чӣ мерос мондааст?

## РИВОЯТҲО ДАР БОРАИ ИБНИ СИНО

### Танга дар зери курсӣ

Овардаанд, ки рӯзе амири Сомонӣ Абӯалиро имтиҳон карданӣ шуд. Ӯ ба пешхизматони худ амр намуд, ки дар зери чор пойи курсии Абӯалӣ чор танга гузоранд. Онҳо амри ӯро ба ҷо оварданд, вале Абӯалӣ аз ин кор хабаре надошт.

Вақте ки Абӯалӣ омада ба рӯйи курсии худ нишаст, рӯй ба ҷониби осмон кард ва боз ба ҷониби замин нигоҳ карда, аз тааҷҷуб ва ҳайрат сари худро ҷунбонидан гирифт.

Амири Сомонӣ гуфт:

– Ҳакими замонро чӣ дар тааҷҷуб андохтааст, ки ин қадар мутаҳайййиранд?

Абӯалӣ гуфт:

– Ман имрӯз чунин дармеёбам, ки курсии ман ба миқдори пушти корде баланд гашта ё худ осмон ҳамон миқдор ба замин наздик шудааст.

Амири Сомонӣ ва аркони давлаташ бар камоли ҳис ва эҳсосоти ӯ таҳсин ва офарин хонданд.

## Бемор, мор ва косаи шир

Чунин нақл мекунанд, ки беморонро аз ҳар куҷо оварда, дар сари роҳи Абӯалӣ мешинониданд. Вақте ки Абӯалӣ ҳар субҳ аз хонаи худ берун мебаромад, аввал ба як тараф нигоҳ карда, беморони дар ҳамон ҷониб нишастаро ҳолпурсӣ мекард ва мегуфт: «Ин фалон касалӣ аст, илоҷи вай ин аст». Дар вақти бозгаштан ба ҷониби дигар нигоҳ мекард ва бо дастури боло илоҷи беморонро муқаррар менамуд.

Рӯзе ба беморе бодиққат нигоҳ карда истода, дар бораи илоҷи дарди вай чизе нагуфт ва ба тарафи беморони дигар гузашта рафт.

Аз ин муомилаи Абӯалӣ ба он бемор ҳолати аҷибе рӯй дод. Вай аз зиндагонӣ тамоман дил канд ва аз сиҳат ёфтан даст шуста, хоҳиш намуд, ки ӯро зуд бардошта ба хонааш баранд. Дар хона ба наздикони худ гуфт:

– Эй азизон, дар фикри тобуту кафани ман бошед, кори ман нашуд, Абӯалӣ донистааст, ки дарди ман бедавост, бино бар он ба ман аҳамияте надода гузашта рафт.

Бемор ба марги худ интизор нишаста буд, ки аз сӯрохии кунҷи хона море берун шуд. Дар ҳамон вақт дар миёни хона косаи шир меистод. Мор ба оҳистагӣ худашро ба косаи шир

наздик карда, шири косаро тамоман дам кашида, пас аз чанде ба замин ғалтида печутоб хӯрд ва дубора даҳонашро ба лаби коса ниҳода, шири хӯрдагиашро тамоман қай кард.

Вақте ки мор ба сӯрохии хона даромада аз назар пинҳон шуд, бемор ба чунин андеша афтод: «Чун ман мурданӣ шуда ва дигар умедворӣ надорам, ҳолам соат ба соат бад мешавад, беҳтар он аст, ки ин ширро хӯрда, ҷонамро аз азоб халос кунам».

Ӯ ба чунин хулоса омада, ба пеш ҳаракат кард ва косаи ширро гирифта ба пуррагӣ дам кашид. Вале, баръакси интизорӣ, бемор соат ба соат сиҳат ёфтан гирифт. Бемор дубора ба худаш умедворӣ пайдо кард. Баъд аз чанд рӯз, ҳангоме ки худашро тамоман дуруст ҳис кард, фармуд, ки ӯро дубора ба сари роҳи Абӯалӣ ниҳанд, то ки ба он муомилаи Абӯалӣ эътироз баён кунад.

Хоҳиши ӯро ба иҷро расониданд. Вақте ки Абӯалӣ аз хона баромада бо ӯ дучор мешавад, дар тааҷҷуб афтода мепурсад:

– Эй мард, ту қайи мори афъиро аз куҷо ва ба чӣ кайфият пайдо кардӣ? Илоҷи касалии ту вобаста ба хӯрдани қайи мори афъӣ буд. Азбаски ҳосил кардани он бисёр душвор ва ғайри имкон буд, ман он рӯз ба касалии ту дахл накарда будам.

Марди бемор воқеаро ҳамон навъе, ки рӯй дода буд, нақл карда медиҳад.

## Абӯалӣ ва кудунгарони Самарқанд

Овардаанд, ки рӯзе аз рӯзҳо Абӯалӣ ба амири Сомонӣ гуфт, ки «вақти мутолиаи илмии ман саҳар аст, лекин айнан ҳамин вақт ҷамоаи рангрезони Бухоро тавассути кудунг ба ман халал мерасонанд ва ташвиш медиҳанд».

Амир амр кард, ки рангрезҳо минбаъд дар вақти саҳар ин корро накунанд. Баъд аз чанде Абӯалӣ гуфт, ки «Кудунгарони Самарқанд ба ман халал расонида, хотири маро мушавваш мекунанд».

Амир дар тааҷҷуб афтод ва ба худ гуфт: «Ин чӣ навъ будааст, ки кас дар Бухоро истода, овози кудунгарони Самарқандро шунавад». Аммо дар ин бора ба Абӯалӣ чизеро изҳор накард.

Абӯалӣ донист, ки амир ин сухани ӯро дурӯғ пиндошт, вале чизе нагуфт.

Ҳамин ки якчанд вақт гузашт, Абӯалӣ ба пеши амир омада гуфт:

– Имшаб овози кудунг маро беором накард.

Амири Сомонӣ фармуд, ки дарҳол ҳамон таърихро нависанд. Пас ба Самарқанд кас фиристода амр намуд, ки ҳақиқати ҳолро санҷида, ба ӯ хабар диҳанд. Каси фиристодашуда боз омад ва хабар расонид, ки «дар ҳамон шаби ишораткардаи Абӯалӣ яке аз калонтарин кудунгарони Самарқанд вафот намуда будааст. Бино бар ин онҳо ҳамон шаб кудунг назада будаанд».

Баъди ин воқеа эътиқоди амири Сомонӣ нисбат ба Абӯалӣ хеле афзуд.

## Кӯдак ва ангуштарини модар

Нақл мекунанд, ки Абӯалӣ ҳангоме ки аз модар таваллуд шуд, ӯро дар тағорае шустушӯ намуданд. Ҳамин вақт ангуштарини модараш, ки нигини он фирӯзаи пурқимат буд, гум шуд.

Наздикони хонавода аз канизаке бадгумон шуда, ӯро бисёр заданд «ва бегуноҳро монанди ҳалқаи ангуштарин дар кӯраи уқубат андохтанд ва баданашро аз зарби чӯб чун нигини фирӯзаи ангуштарин кабуд сохтанд».

Ҳамин вақт ҳолати аҷибе рӯй дод: ҳар гоҳе ки ба ҷафо ва изои канизак машғул мешуданд, Абӯалӣ фарёд кашида, ба гиря медаромад ва беором мегардид. Ҳангоме ки аз ҷафои канизак даст нигоҳ медоштанд, Абӯалӣ аз гиря истода, хомӯш мешуд.

Наздикони Абӯалӣ ин ҳолро дида, ба тааҷҷуб афтоданд, маҷбуран аз озори канизак даст кашида, ангуштаринро гумшуда ҳисоб карданд.

Он замоне, ки лаъли дурафшони Абӯалӣ ба такаллум даромад, яъне ба гап задан сар кард, аввалин сухане, ки ба забони ӯ ҷорӣ гашт, ин буд:

– Шумо дар ҳаққи он канизак аҷаб зулм ва ситаме намудед. Вақте ки маро модарам шустушӯ мекард, дидам, ки ангуштарини вай дар тағора афтод, ман сухан карда наметавонистам, ки шуморо хабардор гардонам.

Пас фармуд, ки ҷойи оби тағора рехташударо кофта ҷустуҷӯ намоянд. Дар ҳақиқат, ангуштарини гумшуда аз он ҷо ёфт шуд.

### Савол ва супоришҳо



1. Ривоятҳоро ифоданок хонед. Мазмуни онҳоро ба ҳамдигар нақл кунед.
2. Дар ривоятҳо кадом хислатҳои Сино ба қалам гирифта шудаанд?
3. Ба шумо кадом ривоят бештар маъқул шуд? Чаро?



## ПАНДУ ҲИКМАТҲО

▪ Дӯстро зуд душман тавон кард, аммо душманро дӯст гардондан душвор бувад.

* * *

▪ Чаро дӯст хонӣ касеро, ки душмани дӯсти ту бувад?

*Унсурулмаолии Кайковус*

▪ Дӯсти ҳақиқӣ он аст, ки айби туро бар рӯи ту бигӯяд, то душворат ояду аз он бигардӣ ва аз қафои ту бипӯшад, то бадном нашавӣ.

▪ Яке дӯстеро, ки замонҳо надида буд, гуфт: «Куҷоӣ, ки муштоқ будам?» – Гуфт: «Муштоқӣ беҳ, ки малулӣ».

▪ Дӯстони вафодор беҳтар аз хешанд.

▪ Озурдани дӯстон ҷаҳл аст.

▪ Душман чӣ кунад, ки меҳрубон бошад дӯст?!

http://eduportal.uz

# ЗАЙНИДДИН ВОСИФӢ



Зайниддин Маҳмуди Восифӣ соли 1485 дар шаҳри Ҳирот таваллуд шудааст. Падараш муншӣ, амаку тағояш шоир ва соҳибилм буданд. Амакаш Амонӣ дӯкони косибие дошт, ки дар он шоирони замон гоҳ-гоҳ гирд омада, базмҳои адабӣ меоростанд. Базмҳои мазкур дар тарбияи завқ ва ташаккули маънавии Зайниддини хурдсол бетаъсир намондааст. Вай дар мактабҳои Ҳирот таҳсил гирифта, дониши хешро такмил додааст ва аз ин ҷост, ки дар 12–13-солагиаш аввалин шеърҳояшро иншо менамояд.

Восифӣ илмҳои расмии замонашро чуқур омӯхта, дар муаммокушоӣ ва муаммогӯӣ шӯҳрат меёбад ва дар синни 16-солагӣ ба сӯҳбати Алишер Навоӣ мушарраф мегардад.

Восифӣ як муддат дар шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро ва Тошканд зиндагӣ карда, дар мадрасаҳои пешқадами ин шаҳрҳо донишашро такмил додааст. Бо одамони машҳур ва олимони гуногун шиносоӣ пайдо карда, аз илми онҳо баҳраҳо бардоштааст.

Восифӣ солҳои 1513–1514 ба Самарқанд рафта, имоматӣ кард. Баъди ин ӯ боз як муддат шаҳрҳои Осиёи Марказиро саёҳат намуда, соли 1518 ба Тошканд меравад ва то охири умр дар он ҷо мемонад.

Ашъори Восифӣ аз ҷиҳати мавзӯъ ва жанр гуногун аст. Аммо дар таърихи адабиёти тоҷик бо асари насриаш «Бадоеъ-ул вақоеъ» шӯҳратманд гаштааст. Восифӣ аз овони ҷавонӣ то охири умраш зиндагӣ ва ҳаёти одамонро чуқур омӯхта ва ҳодисаҳои аҷиберо аз сар гузаронидааст. Вай ана ҳамин саргузаштҳо ва баъзе ҳикоя ва воқеаҳоеро, ки дидаасту шунидааст, дар китоби хеш – «Бадоеъ-ул вақоеъ» («Воқеаҳои шавқовар») гирд овардааст. Восифӣ таълифи ин китобро соли

1517 оғоз карда, таҳриру такмили онро то охири зиндагӣ давом медиҳад. «Бадоеъ-ул вақоеъ»-ро куллиёти осори Восифӣ номидан мумкин аст, зеро ҳама осори манзуму мансури вай дар он фароҳам омадаанд. Китоби мазкур аз як дебоча ва 54 фасл, ки «гуфтор», «достон», «ҳикоят» номида шудаанд, иборат аст. Ҳама фаслҳои асар сужети ягона надоранд. Дар «Бадоеъ-ул вақоеъ» ду хел ёддоштҳои нависанда ба назар мерасад ва аз ин рӯ асарро ба ду қисм тақсим кардан мумкин. Восифӣ дар қисми аввал ёддоштҳо, воқеаҳои дар Мовароуннаҳр, махсусан Самарқанд аз сар гузаронида, дидаву шунидаҳояшро ҷой додааст. Дар қисми дуюми китоб саргузашту ёддоштҳои рӯзгори пешинаи нависанда, яъне зиндагии дар Ҳирот (Хуросон) доштаи ӯ ба тасвир гирифта шудааст.

«Бадоеъ-ул вақоеъ» маълумотҳои фаровони этнографиро низ дар бар мегирад, аз ҳунару касбҳои замони муаллиф маълумотҳои муфассал медиҳад. Асари мазкур дар омӯхтани ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва илмӣ-мадании замонаи адиб ҳамчун сарчашмаи пурқимат хизмат мекунад.

### Савол ва супоришҳо

1. Оиди тарҷумаи ҳоли Восифӣ чиҳоро медонед?
2. Аз Восифӣ ба мо чӣ мерос боқӣ мондааст?
3. «Бадоеъ-ул воқоеъ»-и Восифӣ чӣ гуна асар аст.

## ҲИКОЯТИ «ФИРДАВСИИ ТӮСӢ»

Овардаанд, ки дар замони Султон Маҳмуди Ғазнавӣ Алидайлам ном марде аз деҳқонони Тӯс буд. Ӯ ду писари бонуфуз дошт: Абулқосим ва Абӯмансур. Абулқосим шоиру фозил ва ягонаи даврон буд. Вақте ки падарашон аз дунё реҳлат намуд, амалдорони Тӯс ба онҳо зулму тааддӣ бунёд карданд. Онҳо дӯсте доштанд, ки ӯро Муҳаммад ал-Аскарӣ мегуфтанд. Онҳо бо вай машварат карданд, ки хонаю боғи худро фурӯхта,

http://eduportal.uz

тарки ватан ихтиёр кунанд ва савдогарӣ намоянд. Вай ризо нашуд ва гуфт:

– Султон Маҳмуд шуароро дӯст медорад. Абулқосим бояд ба Ғазнин ба дарбори ӯ равад, бо ин роҳ аз шарри амалдор халос мешавад.

Ба ин маслиҳат розӣ шуданд ва Абулқосим ба Ғазнин равона шуд. Чун ба наздики Ғазнин расид, чорбоғе дид, ки монанди чорбоғи Ирам ороста ва чун рухсори ҳурони биҳишт пероста. Дид, ки Унсурӣ, Фаррухӣ ва Асҷадӣ дар он боғ ба шеър машғуланд. Вай пеши онҳо рафт. Чун шоирон диданд, ки шахси бегона назди онҳо меояд, гуфтанд:

– Ин шахс вақти моро нохуш хоҳад кард. Ҳилае бояд намуд, ки аз ташвиши ӯ эмин бошем.

Бо ҳам қарор доданд, ки ҳар кадом мисрае мегӯем, ки қофияи чаҳорум надошта бошад ва ӯро мегӯем, ки мо шоиронем, ба ғайр аз шоир касеро пеши худ намегузорем. Ҳар кас мисраи чаҳоруми рубоии моро мегӯяд, мусоҳиби мост ва илло раҳмати худ аз мо дур дорад.

Ба ин таклифи онҳо Абулқосим розӣ шуд.

**Унсурӣ гуфт:**

Чун рӯйи ту хуршед набошад равшан,

**Фаррухӣ гуфт:**

Ҳамранги рухат гул набувад дар гулшан,

**Асҷадӣ гуфт:**

Мижгон-т гузар ҳамекунад аз ҷавшан,

**Фирдавсӣ (Абулқосим) гуфт:**

Монанди синони Гев дар ҷанги Пашан.

Вақте ки шоирон ин мисраъро шуниданд, бағоят писандиданд ва ӯро эъзозу икром карда, аҳвол пурсиданд. Ӯ каме аз аҳволи худ ба онҳо гуфт. Шоирон андеша карданд, ки «агар ин шахс пеши Султон роҳ ёбад, моро қадре намемонад».

Бино бар ин ӯро он ҷо гузошта рафтанд.

Фирдавсӣ ҳафтод рӯз дар Ғазнин монд, вале натавонист, ки бо Султон ошноӣ пайдо кунад. Кор бар вай мушкил шуд. Рӯзе дар масҷиде нишаста буд ва сари тафаккур бар зонуи таҳайюр монда, ногоҳ ҷавони хубрӯй ва хушталъатеро дид, ки бо либоси фохира ба масҷид даромад. Фирдавсӣ аз шахсе пурсид:

– Ин чӣ кас аст?

Гуфтанд:

– Инро Моҳаки Мушаъбад мегӯянд, ходими хоси маҷлиси Султон аст.

Фирдавсӣ бо худ гуфт, ки шояд кори ман аз пеши вай кушоише ёбад. Пеши вай рафт ва шаммае аз аҳволи худ ба вай арз кард.

Моҳакро сӯҳбати вай бағоят хуш омад ва ӯро ба хона бурд ва эъзозу икроми бисёре кард. Ҳар боре, ки вай аз маҷлиси Султон ба хона бозмегашт, сӯҳбат сар мекард ва бо Фирдавсӣ вақтро бо ишрат мегузаронид.

Рӯзе Абулқосим ба Моҳак гуфт:

– Агар фурсат ёбӣ, ҳоли маро ба ҳазрати Султон арз намо.

Гуфт:

– Имрӯз фурсат буд, аммо шоироне, ки ҳикояти «Сайф-ул мулук»-ро ба назм даровардаанд, ҳозир буданд ва ҳар яке достоне ба назм оварда, арз медоштанд.

Абулқосим пурсид, ки шеъри кадом писандида афтод. Гуфт:

– Аз Унсурӣ.

Абулқосим гуфт:

– Ҳикояти «Сайф-ул мулук»-ро пештар ба назм овардаанд.

Моҳак гуфт:

– Мумкин набошад, агар мебуд, паҳн мешуд.

Абулқосим гуфт:

– Ман аз он достон дорам ва онро ба Моҳак дод.

Моҳак он достонро ба арзи Султон расонид, бисёр мақбул ва матбӯъ афтод. Султон пурсид:

– Онро аз куҷо овардӣ?

Гуфт:

– Марди фозилу шоири комиле аз Тӯс аз ҷаври омил гурехта омадааст ва дар хонаи ман мебошад.

Чун сухан аз ҳикояти «Сайф-ул мулук» гузашт, гуфт: «ман аз он достоне дорам» ва шояд ки онро пурра гуфта бошад.

Султон фармуд, ки ӯро ҳозир кунанд, то маълум шавад, ки агар пеш аз ин гуфта бошад, заҳмат набарем.

Чун Фирдавсӣ ба маҷлиси Султон ҳозир шуд, аҳволи худ арза дошт ва гуфт:

– Ин китоб, ки шумо металабед, ман онро назм кардаам.

Пас Султон шуароро фармуд, ки дар васфи хатти Аёз рубоие бигӯянд.

Дар навбати худ Абулқосим бадоҳатан гуфт:

Мастист турову чашми ту тир ба даст,
Бас кас, ки зи тири чашми ту сина бихаст.
Пӯшида зиреҳ орази ту, узраш ҳаст,
К-аз тир битарсад ҳама кас, хоса зи маст.

Султон чун бишнид, гуфт:

– Шод бош, эй Фирдавсӣ, ки маҷлиси моро чун фирдавс гардондӣ. Сипас ба ӯ инъоми вофир дода, ҳукм кард, ки баъд аз он ӯро Фирдавсӣ гӯянд ва ба назм даровардани «Шоҳнома»-ро ба ӯ супориш дод.

Мегӯянд, ки ғайр аз вазири Султон Маҳмуд – Хоҷа Ҳасани Маймандӣ, дар муқаддимаи китоби «Шоҳнома» чанд кас аз аъёни даргоҳи султонро мадҳ карда будааст.

Баъзе аз дӯстон Фирдавсиро насиҳат карданд, ки бояд Хоҷа Ҳасанро мадҳ кунӣ, қабул накард ва гуфт:

– Ғарази ман аз ин назм ном боқӣ гузоштан аст, на атои Султон, ки миннати девонашро кашам.

Ғаразмандони дарбор суханони Фирдавсиро ба Хоҷа Ҳасан расонданд ва адовати ӯро дар дили вай ҷойгир гардониданд. Аз он дам Хоҷа Ҳасан фурсат меҷуст, ки қасос гирад. Вақте ки Фирдавсӣ шаст ҳазор байт гуфта, «Шоҳнома»-ро тамом карду

ба ҳазрати Султон арз намуд, китоб ба шоҳ бисёр маъқул афтод.

Шоҳ Хоҷа Ҳасани Маймандиро фармуд, ки:

– Сад ҳазор дирам аз зари сурх ба Фирдавсӣ фирист, ки аз аҳди Одам то ин дам ҳеҷ кас чунин назме нагуфтааст ва нахоҳад гуфт:

Хоҷа Ҳасан, ки кинаи Фирдавсӣ дар дил дошт, фурсат ғанимат шумурд ва гуфт:

– Ҳиммати Султон ва шеъри Фирдавсӣ аз якдигар бартаранд, лекин ин инъом бояд ба вай ба тадриҷ дода шавад.

Султон дар хашм шуд ва гуфт:

– Магар дар хазинаи ман ин миқдор зар нест?

Хоҷа Ҳасан гуфт:

– Султон агар хоҳад, сад ҳазор чандин ҳаст, аммо одамӣ чунон ки аз ғами гарон ба ногоҳ мемирад, аз нишоти беандоза низ ҳалок мешавад ва ҳайф бошад, ки Фирдавсӣ, агарчӣ рофизӣ аст, шодимарг шавад.

Султон Маҳмуд, ки марди мутаассиб буд, ин сухан дар вай асар кард ва ба Хоҷа Ҳасан гуфт:

– Худат медонӣ, чӣ хел, ки салоҳ бинӣ, ӯро ризо кун.

Хоҷа Ҳасан фармуд, ки шаст ҳазор дирам ба Фирдавсӣ баранд. Фирдавсӣ дар ҳаммом буд. Вақте ки аз ҳаммом баромад, пулҳоро ба ӯ супуранд. Ӯ пиндошт, ки зари сурх аст, вале чун дид, ки зари сафед аст, биранҷид. Фирдавсӣ пай бурд, ки ин корро Ҳасан кардааст. Ӯ бист ҳазор дирамро ба ҳаммомӣ, бист ҳазорро ба касе, ки оварда буд ва бист ҳазори дигарро ба гадое доду ба оварандаи пул гуфт:

– Ба Султон таъзими маро бирасон ва бигӯ, ки ин хизматро ман барои ном боқӣ гузоштан кардам, на аз барои моли фонӣ.

Ин сухан чун ба Султон расид, ба Хоҷа Ҳасан дуруштӣ карда гуфт:

– Ин фитна ту барангехтӣ ва моро бадном сохтӣ.

Хоҷа Ҳасан гуфт:

– Эй подшоҳ, ҳар чӣ аз Султон ояд, мартабаи он бузург бошад, мебоист, ки агар мушти хоке ба ӯ медодӣ, онро хор

намедошт ва камҳурматию беилтифотӣ намекард. Ин шахс аҳмақ аст, ки инъоми чун шумо подшоҳеро хор дошт.

Султон дар хашм шуд ва гуфт:

– Бифармоям, то ин қарматиро дар зери пойи пил андозанд.

Чун хабар ба Фирдавсӣ расид, мутаҳаййир шуд. Аз хонаи вай ба хонаи Султон роҳе буд. Ӯ худро ба боргоҳи султон расонид. Вақте ки Султон берун омад, Фирдавсӣ дар пойи Султон афтод ва гуфт:

– Модоме ки худованд (шоҳ) дар бораи банда (худаш) илтифоте кардаанд, бар хилофи он нашояд кард. Аммо дар мамлакат бар хилофи Султон аз ҳар миллат мардуме ҳастанд, ки дар сояи ҳашамати Султон рӯзгор мегузаронанд. Агар бандаро яке аз онҳо шуморанду аз куштан эмин доранд, чӣ шавад?

Султон аз ин хиҷил шуд ва гуфт:

– Ба ҷонат амон додам, аммо бояд, ки гирди даргоҳи ман нагардӣ.

Фирдавсӣ замин бӯса кард ва аз хизмат берун шуд. Шоир аҳли оилаи худро ба Тӯс фиристод. Фирдавсӣ бо Аёз дӯстӣ дошт, чанд байт дар коғаз навишт ва вақти аз Ғазнин рафтанаш ба Аёз дода гуфт:

– Баъд аз бист рӯз ба Султон деҳ.

Аёз баъд аз муддате ин коғазро ба Султон дод. Султон ба ишрат машғул буд, онро ба Унсурӣ дод, то ки хонад. Он коғаз ҳаҷвномаи Фирдавсӣ буд ва ин абёт аз он аст:

Аё, шоҳ Маҳмуди кишваркушой,
Зи ман гар натарсӣ, битарс аз Худой.
Ки пеш аз ту шоҳон фаровон буданд,
Ҳама тоҷдорони кайҳон буданд.
Накарданд ҷуз хубию ростӣ,
Нагаштанд гирди каму костӣ...
Маро бим додӣ, ки дар пойи пил,
Танатро бисоям чу дарёи Нил...

Агар шоҳ Маҳмуд аз ин нагзарад,
Мар ӯро ба як ҷав насанҷад хирад.
Хирад нест мар шоҳ Маҳмудро,
Навозад ҳаме монеи ҷудро...

Султон Маҳмуд чун ин абётро шунид, сахт биранҷид ва бифармуд:

– Ҳар кас Фирдавсиро биёрад, даҳ ҳазор динораш медиҳам.

Муддате ҷустуҷӯ карданд, ӯро наёфтанд. Аз ин сабаб Султон Маҳмуд Хоҷа Ҳасани Маймандиро ба қатл расонид.

Чун Фирдавсӣ аз Ғазнин рафт, дар шаҳри Ҳарӣ дар хонаи Исмоили Варроқ – писари Азрақӣ шаш моҳ махфӣ истод. Чун ҷӯяндагон бозгаштанд, Фирдавсӣ эмин шуда, аз Ҳарӣ ба Тӯс омад. Ӯ «Шоҳнома»-ро гирифта ба Табаристон рафт ва ба пеши Шерзод, ки подшоҳи он ҷо буд, бурда гуфт:

– Инро ба номи ту мекунам, ки ин китоб ҳама осори або ва аҷдоду падарони туст.

Шерзод ӯро бинвохт ва гуфт:

– Эй устод, аз хизмати ту ба Султон дуруст арз накардаанд. Султон Маҳмуд худованди ман аст, ту «Шоҳнома»-ро ба номи ӯ бигузор ва ҳаҷви ӯро ба ман бифурӯш.

Фирдавсӣ қабул кард ва ба хона рафт. Рӯзи дигар Шерзод сад ҳазор дирам фиристод ва он сад байт, ки дар ҳаҷви Султон Маҳмуд гуфта шуда буд, бихариду бисӯхт. Баъд аз он Фирдавсиро ба Мозандарон фиристод, ки подшоҳи он вилоят шиа буд ва аз ҷумлаи ходимони султон қарор гирифт.

Рӯзе ба яке аз маҳрамони он шоҳ гуфт:

– Агар мавриде ёбӣ, шаммае аз ҳоли ман ба подшоҳ арз кун ва гӯй, ки Фирдавсӣ «Шоҳнома»-ро ба номи ту ислоҳ мекунад. Ӯ чун ба арз расонид, подшоҳ гуфт:

– Ман аз мулозимони Султон Маҳмудам, мабодо, ки ӯро талаб кунад ва кор мушкил шавад. Баъд ба Фирдавсӣ инъоми бисёр доду гуфт:

– Муносиб чунин менамояд, ки аз ин ҷо реҳлат намоӣ.

Фирдавсӣ аз он ҷо рӯй ба Бағдод ниҳод ва чун ба он ҷо расид, ба хонаи бозургоне фуруд омад. Он бозургон ба вазири халифа дӯстӣ дошт. Ӯ аҳволи Фирдавсиро ба вазир гуфт, вазир ба халифа расонид. Халифа ба ӯ шаст ҳазор мисқол тилло бо хилъати фохира дод ва мулозими худ таъин кард.

Чун Султон Маҳмуд хабар ёфт, ба дорулхилофа навишт, ки «агар он қарматиро наздики ман нафиристӣ, Бағдодро ба зери суми пил биспурам».

Баъд аз гирифтани ҷавоби нома аз вазире пурсид, ки ин дафъа чӣ гуна ҷавоб нависад?

Вазир гуфт:

Агар на ба коми ман ояд ҷавоб,
Ману гурзу майдони Афросиёб.

Султон гуфт:

– Ин байти кист, ки аз он мардӣ меборад?

Вай гуфт:

– Аз бечора Фирдавсӣ аст, ки сӣ сол ранҷ бурд ва чунон китобе тамом кард, вале ҳеҷ самара надид.

Султон гуфт:

– Вақте ки ба Ғазнин расем, ӯро ба ёди ман биёр. Чун ба Ғазнин омаданд, Хоҷа Аҳмад бинни Ҳасан ба ёдаш овард. Султон фармуд, ки сад ҳазор мисқол тилло ба шутурони хос бор карда, ба Тӯс баранду ба Фирдавсӣ диҳанд ва аз ӯ узре хоҳанд. Хоҷа Аҳмад муддатҳо буд, ки дар ин орзу буд. Дарҳол ба он муҳим машғул шуд ва корвонро равона гардонид.

Фирдавсӣ аз Бағдод баргашта ба Тӯс даромад. Ӯ дар бозор мегашт, ки кӯдаке бо овози ҳазин мехонд:

Чу Рустам падар бошаду ман писар,
Ба гетӣ намонад яке тоҷвар.
Чу равшан бувад рӯйи хуршеду моҳ
Ситора чаро барфарозад кулоҳ?

Чун Фирдавсӣ ин абёт бишнид, оҳ кашид ва беҳуш биафтод. Ӯро ба хона бурданд. Баъд аз се рӯз вафот кард. Аз

дарвозаи Рудбор шутурони пурбори Султонро даровrouteданду аз дарвозаи Разон ҷанозаи Фирдавсиро берун бурданд.

Дар Тӯс мутаассибе буд. Вай гуфт:

– Ҷанозаи ӯро дар гӯристони мусулмонон нагузорам, ки ӯ рофизӣ буд.

Ӯро дар боғи худаш дафн карданд.

Аз Фирдавсӣ Салтсултон ном духтаре монда буд. Ба ӯ аз инъоми султонӣ арз намуданд, қабул накард. Аз ин аҳвол ба султон арз карданд. Ҳукм омад, ки он мутаассибро аз шаҳр берун кунанд ва он инъомро ба имом Исҳоқ диҳанд, то ки дар ваҷҳи мазору хонақоҳу авқоф сарф намояд. Ҳамчунон карданд.

Байт:

Намонд шавкати Маҳмуду дар ҷаҳон бимонд
Ҳамин қисса, ки нашнохт қадри Фирдавсӣ.

### Савол ва супоришҳо

1. Ҳикоятро бо диққат хонда бароед.
2. Сабаби оворагардии Фирдавсиро гуфта диҳед.
3. Ба фикри Шумо чаро муаллифи «Шоҳнома» ин қадар хорӣ дид?
4. Аз ҳикоят чӣ хулоса баровардед?

## НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ

### Ғояи асари бадеӣ

Калимаи «ғоя» аслан арабӣ буда, маъноҳои мақсад ва маромро ифода мекунад.

Он мақсади асосие, ки нависанда барои ифодаи он асари бадеиро таълиф кардааст, ***ғояи асари бадеӣ*** номида мешавад. Нависанда барои ҳалли мавзӯъ ва ёфтани ҷавоби масъалае онро ҳамаҷониба месанҷад ва меомӯзад. Дар ҳар асар як ё якчанд воқеа ва фикру ҳиссиёти одамонро аз назар мегузаронад ва чӣ маъно доштани онҳоро муайян намуда, дар ин бора фикру мулоҳизаи худро баён мекунад. Дар натиҷа ба як фикри муайян омада, хулосаи зарурӣ мебарорад. Мо аз ин

http://eduportal.uz

фикру мулоҳизаҳои нависанда ва хулосаҳое, ки баровардааст, маънои зиндагӣ ва ҳодисаҳои алоҳидаи онро мефаҳмем. Оқибат таассурот ва донишҳои мо дар бораи ҳаёт, зиндагӣ, таърих ва одамони атрофамон зиёдтар мешавад.

Ғоя аз рӯйи моҳияташ ду хел мешавад: мусбат ва манфӣ.

Ғояҳое, ки ба манфиати ҳаёти ҷомеа равона карда шудаанд, ғояҳои мусбат мебошанд. Ғояҳои манфӣ бар зидди манфиатҳои халқ нигаронида шуда, инсонбадбинӣ, зӯроварӣ, ҷангҳои хонумонсӯзро тарғиб мекунанд.

Ғоя дар маркази ҳама гуна лавозимоти асари бадеӣ қарор мегирад. Дар ҳикояи «Фирдавсии Тӯсӣ»-и Зайниддин Восифӣ ғояи асосиро донишмандию бузургӣ, фарҳангдӯстию инсонпарварӣ ва меҳри беандоза доштани Фирдавсӣ нисбати забону миллат, инчунин пойдории таърихи он ташкил медиҳад.

Мо ҳангоми хондани ҳикояи боло ғояи онро ба хубӣ дарк карда метавонем, зеро нависанда аҳвол ва рӯзгори Фирдавсиро кушоду равшан ва бо маҳорати баланд ба қалам гирифтааст.

### Савол ва супоришҳо

1. Ғоя чист?
2. Ғояи асари бадеӣ гуфта чиро мефаҳмед?
3. Асареро хонед ва ғояи асосии онро бо ёрии омӯзгоратон муайян кунед.

## ТЕСТҲО

**1. Соли 1485 дар Ҳирот кадоме аз ин адибон таваллуд ёфтааст?**

А.  Б.  В.  Г. 

2.  **кадоме аз ин асарҳоро навиштааст?**

А. «Донишнома», «Ал қонун», «Китоб-уш-шифо»
Б. «Чароғи сеҳрнок», «Замир»
В. «Киштии сафед», «Ҷамила»,
Г. «Бадоеъ-ул вақоеъ», «Фирдавсии Тӯсӣ», «Шифо»

**3. Афсонаи «Овозаи Рустам» ба қалами кадом адиб таалluқ дорад?**

А.  Б.  В.  Г. 

**4. Кадоме аз ин ривоятҳоро ба**  **нисбат медиҳанд?**

А. «Харчанг ва рӯбоҳ» Б. «Писари шиновар»
В. «Рӯбоҳ ва шер» Г. «Бемор, мор ва косаи шир»

**5. Асари**  **-ро муайян кунед:**

А. «Бадоеъ-ул-вақоеъ» Б. «Дарахти пахтачормағз»
В. «Ҷамила» Г. «Донишнома»

# Фасли 3. ЛУТФИ ЛАТИФ – ГУФТОРИ ЗАРИФ

## ЛАТИФА

Ҳикоятҳои хурд-хурдеро, ки мазмуни ҳазломез, лутф ва ҳаҷвӣ доранд, ***латифа*** меноманд. Латифаҳо ҳаҷман хеле кӯтоҳ мешаванду дар онҳо танҳо як-ду лавҳа – воқеа мухтасар нақл шуда, одатан бо лутфе (гуфтори ҳозирҷавобонае) фикри асосӣ ҷамъбаст карда мешавад.

Қаҳрамонони латифа одамони шӯхтабиати ҳозирҷавобанд. Ба онҳо Насриддин Афандӣ ва Мулло Мушфиқиро мисол овардан мумкин. Эҷодкунандагони латифа бештар муаллифони номаълуманд, ки аз байни халқ баромадаанд. Бинобар ин латифа жанри ҳаҷвие мебошад, ки аз қадим дар эҷодиёти даҳонии халқ мавқеи калон ва муҳим пайдо карда меояд. Дар асрҳои миёна жанри мазкур васеъ инкишоф ёфт. Намунаи барҷастаи онро дар мисоли «Ҷавомеъ-ул ҳикоёт ва лавомеъ-ур ривоёт»-и Муҳаммад Авфӣ (нимаи дуюми асри XII ва нимаи якуми асри XIII), «Латоиф-ут тавоиф»-и Мавлоно Фахриддин Алии Сафӣ (асри XV) ва «Рисолаи дилкушо»-и Убайди Зоконӣ (асри XIV) дида метавонем.

Хусусияти асосии жанрии латифа дар он аст, ки нақли воқеаи асосӣ зуд сар шуда, зуд ба қулла мерасад. Дар ҷараёни ба қулла расидан «таркиш» – ханда ба вуҷуд меояду мақсад ҳосил мешавад ва бо ҳамин латифа ҳам ба итмом мерасад. Ҳамаи ин ҷараён дар муддати ниҳоят кӯтоҳ босуръат рӯй медиҳад.

### Савол ва супоришҳо

1. Латифа чист? Вай аз дигар жанрҳо бо кадом хусусияташ фарқ мекунад?
2. Қаҳрамонҳои асосии латифаҳо киҳоянд?
3. Шумо ҳам латифаро дӯст медоред? Чаро?

## ЛАТИФАҲО ДАР БОРАИ МУЛЛО МУШФИҚӢ

### Фақат дар даруни тобут набошед!

Аз Мушфиқӣ пурсидаанд, ки дар вақти ба қабристон бурдани тобути мурда аз рӯйи ҳукми шаръ ба кадом тарафи тобут истодан ҷоиз аст?

Мушфиқӣ ҷавоб дод.

– Ба ҳар кадом тарафи тобут истед – ихтиёр ба худатон, фақат дар даруни тобут набошед, шуд.

### Фақат шумо қатӣ ман мондем

Падари Мушфиқӣ молу ашёи зиёде дошт. Вақте ки вай мурд, қозикалони шаҳр Мушфиқиро ҷеғ зада пурсид:

– Аз падарат чиҳо мерос мондаанд?

Мушфиқӣ гуфт:

– Аз падарам бисёр чизҳо мерос монд, аммо аз меросхӯрҳо фақат шумо ва ман мондем.

### Луч гӯронед ҳам, майлаш

Мушфиқӣ аз хӯҷаинаш пурсид:

– Агар ман мурам, чӣ навъ мегӯронед?

– Чӣ навъ мегӯронам. Чор газ карбос мегираму кафан дӯзонда мурдаатонро ба вай печонда, ба мазор мефиристонам, ба гӯре метиқонанду мемонанд-дия, – гуфт хӯҷаин дар ҷавоб.

– Ин тавр бошад, – гуфт Мушфиқӣ, – биёед дар вақти зиндагиам ба ман як курта-эзори карбос дӯзонда диҳед. Баъд аз мурданам луч гӯронед ҳам, майлаш.

### Дузд ва Мушфиқӣ

Шабе ба хонаи Мушфиқӣ дузд даромад, ҳарчанд ҳар тарафро кофт, чизе наёфт. Аммо дузд умедашро наканда токчаҳо, зери болорҳо ва таги синчҳоро даст-даст карда медид.

Мушфиқӣ, ки бедор буд, баъд аз хеле саргардон шудани дузд ба вай гуфт:

– Бародар, беҳуда ташвиш накашед! Ман аз ин хона дар рӯзи равшан чизе намеёбаму шумо дар шаби торик чӣ мекобед?

### Савол ва супоришҳо

1. Латифаҳоро ба истҳо риоя намуда, ифоданок хонед.
2. Хулосаи ҳар як латифаро бо ёрдами устодатон фаҳмида гиред.
3. Латифаҳои аз атрофиён шунидаатонро навишта гиред.

## ЛАТИФАҲО ДАР БОРАИ НАСРИДДИН АФАНДӢ

### Надониста монданд

Подшоҳ ҳамроҳи Афандӣ ба меҳмонӣ мерафт. Банохост аз сари роҳ як тӯда сагҳо аккосзанон баромада, сари роҳи аспи подшоҳро гирифтанд.

Подшоҳ оташин шуда гуфт:

– Сагҳои лаънатӣ дар пеши ман ҳам аз феъли сагонаи худ намонданд!

Афандӣ подшоҳро тасаллӣ дод:

– Тақсир, ин дафъа аз гуноҳашон мегузаред, лаънатиҳо подшоҳи худашон будани шуморо надониста монданд...

### Рӯзҳои ин ҷоро намедонам

Афандӣ ба як шаҳри бегона ба саёҳат рафт. Вақте ки шаҳрро тамошо карда мегашт, касе аз ӯ пурсид:

– Имрӯз кадом рӯз аст, бародар?

Афандӣ гуфт:

– Мебахшед, ман ин ҷо мусофирам, рӯзҳои ин ҷоро намедонам, аз ягон каси ҳаминҷоӣ пурсед.

http://eduportal.uz

## Моҳ манфиатноктар аст ё Офтоб?

Аз Афандӣ пурсиданд, ки Моҳ манфиатноктар аст ё Офтоб?

Афандӣ ҷавоб дод:

– Азбаски Офтоб рӯзона мебарояд ва дар рӯз ба рӯшноӣ эҳтиёҷ нест, вай он қадар манфиат надорад. Моҳ, ки дар шаби торик баромада, рӯйи дунёро равшан мекунад, албатта манфиатноктар аст!

## Ба хар ҷабр мешавад

Афандӣ як хӯрҷини пурро ба кифт партофта, худаш ба хар савор шуда рафта истода буд, ки одамон хандида аз ӯ пурсиданд.

– Эй Афандӣ, ин чӣ кор аст, ки ба болои хар нишаста, хӯрҷини пурро ба кифтатон бардошта рафта истодаед?

– Агар ҳам худам савор шавам ва ҳам хӯрҷинро бор кунам, ба хар бисёр ҷабр мешавад, – гуфт Афандӣ.

### Савол ва супоришҳо

1. Латифаҳоро ифоданок хонед.
2. Мақсади ҳар як латифаро муайян кунед.
3. Ҳозирҷавобии Афандӣ дар кадом латифаҳо зоҳир гаштааст?

## УБАЙДИ ЗОКОНӢ



Убайди Зоконӣ шоир ва нависандаи машҳури форсу тоҷик аст. Ӯ дар деҳаи Зокони музофоти Қазвини Эрони Шимолӣ соли 1270 таваллуд ёфтааст. Давраи ҷавонӣ ва таҳсили ибтидоии худро дар Қазвин гузаронида, барои таҳсили мадраса ба шаҳри Бағдод рафтааст.

Убайд баъд аз таҳсили мадраса бо номи «Наводир-ул амсол» китобе навишта, ба дарбори муғулҳои элхонии Эрон муроҷиат кард, вале қабул нашуд. Вай аз онҳо бо нафрат рӯй гардондааст:

Эй дил, пас аз ин андӯҳи беҳуда махӯр!
З-ин беш ғами будаву нобуда махӯр!

Азбаски дар он замон ба дарбори ҳокимон муроҷиат кардан расм буд, баъд аз чанде маҳрумиҳои зиндагӣ соли 1341 ба кишвари Форс ба шаҳри Шероз омада, ба дарбори амири он ҷо Хоҷа Абӯисҳоқи Инҷӯӣ ба сифати надим дохил шуда, бо Ҳофизи Шерозӣ борҳо мулоқот кардааст. Ӯ то охири умр дар он ҷо ҳаёт ба сар бурдааст.

Убайди Зоконӣ табиатан шахси адолатҷӯй ва ҳақиқатпарвар буд. Аз ҳамин сабаб, ба меҳнаткашон муносибати золимона доштани табақаҳои ҳукмрон нафрати Убайдро зиёд мекард, ки ин маънӣ дар асарҳои ҳаҷвӣ ва танқидии адиб хеле равшан инъикос ёфтааст.

Убайди Зоконӣ нависандаи шӯхтабъ аст. Вай латифаҳои ширини халқиро ҷамъ карда, аз нав кор карда, худ латифаҳо бофта, бо номи «Рисолаи дилкушо» маҷмӯае тартиб додааст. Нависанда бо ин ҳикоячаҳои хандаовар бемаънигӣ ва камбудиҳои ҷамъияти онвақтаро сахт мазаммат кардааст.

Шеърҳои ҳаҷвӣ ва ҳикояҳои фошкунандаи ӯ ба ҳар як хонанда завқ мебахшанд. Убайди Зоконӣ ҳамчун шоир ва нависандае, ки тарафҳои бади зиндагӣ, махсусан, кору бори ҳокимон, амалдорон ва рӯҳониёни замонаашро ҷасурона танқид кардааст, машҳур мебошад.

Дар асарҳои Убайди Зоконӣ ҳазл, шӯхӣ, ҳаҷв ва танқиди душманони халқ мақоми баланд дорад. Инро дар аксари асарҳои хурду калони назмиву насрии «Рисолаи дилкушо», «Сад панд», «Даҳ фасл», «Ришнома», «Мушу Гурба» ва ғайра мушоҳида кардан мумкин аст.

### Савол ва супоришҳо

1. Убайди Зоконӣ дар куҷо таваллуд ёфтааст?
2. Оиди рӯзгори Убайд чиҳоро медонед?
3. Вай кадом асарҳоро эҷод карда будааст?
4. Матнро хонед, мазмунашро нақл карда диҳед.

## ҲИКОЯТҲО АЗ «РИСОЛАИ ДИЛКУШО»

### Ҳикоят

Қазвиниро писар дар чоҳ афтод. Гуфт: Ҷони бобо! Ҷое марав, то (ин ки) ки ман биравам, ресмон биёварам ва туро берун кашам.

### Ҳикоят

Қазвинӣ хар гум карда буд, гирди шаҳр мегашт ва шукр мегуфт. Гуфтанд:

– Шукр чаро мекунӣ?

Гуфт:

– Аз баҳри он ки ман ба хар нанишаста будам, вагарна ман низ имрӯз чаҳорум рӯз будӣ, ки гум шуда будамӣ.

## Ҳикоят

Хуросонӣ бо нардбон ба боғи дигаре мерафт, то (ки) мева бидуздад. Соҳиби боғ бирасид ва гуфт:

– Дар боғи ман чӣ кор дорӣ?

Гуфт:

– Нардбон мефурӯшам.

Гуфт:

– Нардбон дар боғи ман мефурӯшӣ?

Гуфт:

– Нардбон аз они ман аст, ҳар куҷо хоҳам мефурӯшам.

## Ҳикоят

Қазвинӣ ангуштарӣ дар хона гум кард, дар кӯча ҷустуҷӯ мекард, ки хона торик аст.

## Ҳикоят

Қазвинӣ бо камони бетир ба ҷанг мерафт, ки тир аз ҷониби душман ояд, бардорад. Гуфтанд:

– Шояд наёяд.

Гуфт:

– Он вақт ҷанг набошад.

## Ҳикоят

Хуросониро асбе лоғар буд. Гуфтанд:

– Чаро инро ҷав намедиҳӣ?

Гуфт:

– Ҳар шаб даҳ ман ҷав мехӯрад.

Гуфтанд:

– Пас, чаро чунин лоғар аст?

Гуфт:

– Якмоҳа ҷаваш назди ман ба қарз аст.



http://eduportal.uz

## Ҳикоят

Яке асбе аз дӯсте ба орият хост. Гуфт:
– Асб дорам, аммо сиёҳ аст.
Гуфт:
– Магар асби сиёҳро савор нашояд шуд?
Гуфт:
– Чун нахоҳам дод, ҳамин қадар баҳона бас аст.

## Ҳикоят

Ранҷуреро сиркаи ҳафтсола фармуданд. Аз дӯсте бихост.
Гуфт: – Ман дорам, аммо намедиҳам.
Гуфт: – Чаро?
Гуфт: – Агар ман сирка ба кас додамӣ, соли аввал тамом шудӣ ва ба ҳафтсолагӣ нарасидӣ.

## Ҳикоят

Шахсе бо дӯсте гуфт:
– Панҷоҳ ман гандум доштам. То маро хабар шуд, мушон хӯрда буданд.
Ӯ гуфт:
– Ман низ панҷоҳ ман гандум доштам. То мушонро хабар шуд, ман тамом хӯрда будам.

### Савол ва супоришҳо

1. Латифаҳоро ифоданок хонед. Сабаби кӯтоҳбаёнии онҳоро дарёбед.
2. Зоконӣ дар латифаҳояш аз болои кӣ хандидааст?

http://eduportal.uz

## АБДУСАЛОМ ДЕҲОТӢ



Абдусалом Деҳотӣ 14-уми марти соли 1911 дар деҳаи Боғи Майдони Самарқанд таваллуд ёфтааст. Падараш ҳунарманди моҳир буд. Абдусалом аввал дар мактаби кӯҳна ва баъд дар мактаби нав хондааст. Вай муддати зиёд дар идораи рӯзномаву маҷаллаҳои Ӯзбекистон самаранок кор кардааст.

Абдусалом Деҳотӣ адабиёти классикиро хеле дӯст медошт. Ӯ осори классиконро гаштаю баргашта мехонд ва меомӯхт. Дар натиҷаи омӯзиши доимӣ захираи луғавии забони асарҳои Абдусалом Деҳотӣ ниҳоят ғанӣ гардид. Ғайр аз ин, забони зиндаи тоҷикиро бо бисёр шеваю лаҳҷаҳояш хуб медонист.

Деҳотӣ на танҳо шоир, балки насрнавис, луғатшинос, тадқиқотчии адабиёти тоҷик ва муаллифи китобҳои дарсӣ низ мебошад. Вай дар жанрҳои гуногуни адабӣ асарҳо навишта, барои ташаккул ва нашъунамои адабиёти бачагонаи тоҷик ҳиссаи арзандаи худро гузоштааст. Асарҳои барои бачаҳо навиштаи Деҳотӣ, ки мавзӯъҳои гуногунро дар бар кардаанд, аҳамияти калони тарбиявӣ доранд. Алалхусус тезгӯяку чистонҳо ва ашъори ҳаҷвии ӯ бо услуби дилчасп ва хусусиятҳои ғоявию бадеии худ диққати хонандаро ҷалб мекунанд.

Деҳотӣ ҳар як кори ба зимма гирифтаашро бо диққат ва хеле пухта ба ҷо меовард, ба ҷузъиёти кораш хеле аҳамият медод, ки устод Айнӣ ин пухтакории вайро борҳо таҳсин кардааст.

Деҳотӣ 31-уми январи соли 1962 вафот кардааст.

## ЛАТИФАҲО

### Хайрият, ки шутур ба бомат набаромадааст...

Рӯзе шутуре аз қатор баромада, ба полизи як деҳқони маҳаллатӣ даромад ва хеле ҷойи онро поймол кард. Маҳаллатӣ ба сари воқеа расида омад ва дуд аз димоғаш баромад. Ӯ фикр кард, ки агар шутурро ҳай карда, аз даруни полиз барорад, то баровардан хеле ҷойи полиз дар зери пойҳои шутур хароб мешавад.

Маҳаллатӣ чораи қадам назанонда аз полиз баровардани шутурро наёфта, охир ба пеши маҳмаддоно рафта маслиҳат пурсид:

– Давои ҳар дард бо балояш мешавад! – гӯён маҳмаддоно ҳамроҳи ӯ ба сари полиз омад ва баъд аз қадре фикр карда истодан ҳамсояҳоро ҷамъ карда гуфт:

– Шутурро хобонда ба чор پояш арғамчин бандетон ва гала шуда кашола карда аз даруни замин барорeтон, он вақт ягон пояш ҳам ба палак намерасад!

Маҳаллатиҳо чунин карданд. Соҳиби полиз дид, ки дар вақти кашола карда баровардани шутур бисёр палакҳояш нобуд шуданд, пас:

– Хонем сӯхт! – гӯён фарёд кашид. Маҳмаддоно ӯро тасаллӣ дода гуфт:

– Бисёр дод нагӯй! Ҳоло ҳеҷ воқеа нашудааст. Хайрият, ки шутур ба болои бомат набаромадааст. Вагарна бомат фурӯ рафта, дар зери он монда мемурдӣ!

### Ёқуб аком калон-мӣ, губур?

Вақти ҳукумати подшоҳӣ Мирзо Ёқуб ном маҳаллатӣ дар Самарқанд миршаб буд. Ҳар вақт, ки губернатори Самарқанд ба қишлоқҳо мебаромад, миршаб барои роҳ холӣ кардан пеш-пеши ӯ асп давонда мегашт.

Як бор губернатор бо ҳамин тантана аз деҳаи Маҳалла гузаштааст. Як маҳаллатӣ аз дигаре пурсидааст:

– Ёқуб аком калон-мӣ, губур?

Маҳаллатии дигар ҷавоб додааст:

– Магар кӯр шудаӣ, ки намебинӣ? Ёқуб аком пеш-пеш меравабанду губур аз қафои он кас. Албатта, Ёқуб аком калон-дия!

### Савол ва супоришҳо

1. Латифаҳоро ба истҳо риоя намуда, бо овози баланд хонед.
2. Дар латифаҳо кадом камбудиҳои одамон мавриди ҳаҷв қарор гирифтааст?
3. Мазмуни ҳар як латифаро байни худ муҳокима кунед ва хулоса бароред.

## Не-е, хобашон бурдагист!

Як пирамарди маҳаллатӣ ду писар дошт – якеаш калон, дигараш наврас.

Дар рӯзи бозор, ки писари калониаш ба шаҳр пиёзу картошка бурда буд, пирамард вафот кард. Писари хурдии вай дар айни гармии бозор ба акааш хабар бурд:

– Ако, ако! Дадем мурданд!

Акааш, ки пиёз баркашида истода буд, чашмашро аз тарозу наканда гуфт:

– Не-е, хобашон бурдагист. Бедор кунетон!

– Не, – гуфт додараш, – ба ростӣ мурданд, аллакай манаҳашонро ҳам баста монданд.

– Оббо, – гуфт акааш ҳайрон шуда, – ба фикрашон нарасидааст, ки ман қатӣ як маслиҳат кунанд. Охир, кас рӯзи бозор ҳам мемурдааст-мӣ?..

## Равғанхарии ширинӣ

Ба кӯчаи шириниҳо равғанфурӯш омад.

Зани як ширинӣ ба шавҳараш косаро дод, то ки кӯча баромада равған харида орад.

http://eduportal.uz

Ширинӣ кӯча баромада нархи равғанро фаҳмид, ки аз бозор хеле арзон аст, якбора як кило харид.

Равғанфурӯш равғанро баркашида, ба коса рехт, аммо ҳамаи он равған ба он коса нағунҷид.

– Ягон зарфи дигар биёред! – гуфт равғанфурӯш ба ширинӣ.

– Дар худи ҳамин коса боз ҷой ҳаст, – гуён ширинӣ косаро чаппа кард ва барои рехтани бақияи равған пушти косаро гардонида:

– Резед! – гуфт.

Вақте ки ширинӣ равғанро гирифта ба хонааш даромад, занаш дар пушти коса фақат ду қошуқ равғанро дида, таъназанон ба шӯяш гуфт:

– Марг ба харидатон, бо ин равған ош пухтан он тараф истад, кафидагиҳои дасту поро ҳам равған кардан мумкин нест!

– Бисёр гап назан, занаки чашмгурусна! Ана дар ин тарафаш ҳам ҳаст, – гуён косаро рост карда, даруни косаро ба занаш нишон дод. Албатта, дар даруни коса чизе набуд ва дар вақти роста кардани коса равғани пушти вай будагӣ ҳам ба замин рехта рафт...

### Савол ва супоришҳо



1. Латифаҳоро ифоданок хонед.
2. Дар латифаҳо кадом иллати одамон зери танқид гирифта шудааст?



## ТЕСТҲО

**1. Намунаи барҷастаи**  **-ҳои латифаҳо кадомҳоянд?**

А. «Ҷомеъ-ул -ҳикоёт»   Б. «Латоиф-ут-тавоиф»
В. «Рисолаи дилкушо»   Г. «Донишнома»

http://eduportal.uz

**2.**  **муаллифи кадом асри латифавӣ мебошад?**

А. «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт» Б. «Латоиф-ут-тавоиф»
В. «Ришнома» Г. «Афсонаҳо»

**3. Кадом адиб 14-уми марти соли 1911 дар Боғи Майдони Самарқанд таваллуд шудааст?**

А.  Б.  В.  Г. 

**4. Ҷавоби чистон дар кадом банд дуруст нишон дода шудааст?**

Он белабу бедандон,
Гап занад бо чанд забон.

А.  Б.  В.  Г. 

**5. Латифаи зерин: «Қазвинӣ дар хона**  **гум кард, дар кӯча ҷустуҷӯ мекард, ки**  **торик аст»-ро ки навиштааст?**

А.  Б.  В.  Г. 



http://eduportal.uz

# Фасли 4. САЁҲАТ БА ОЛАМИ ОДОБУ АХЛОҚ

## ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛҲО – ДУРДОНАҲОИ ПАНДУ ҲИКМАТ

Зарбулмасал ва мақолҳо намунаи барҷастаи донишмандии халқ мебошанд. Онҳоро ба таври шартӣ қоидаҳои ахлоқу одоби халқ номидан мумкин. Зеро халқ дар тӯли асрҳои дуру дароз тафаккур ва таҷрибаи пурғановати хешро оиди ҳодисаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, маънавӣ-фалсафӣ ва ахлоқӣ ба таври лӯндаю рехта ифода намудааст. Ин ифодаҳо дар зарбулмасалу мақолҳо акси хешро ёфтаанд. Зарбулмасал ва мақолҳо махсус эҷод карда намешаванд. Онҳо ҳамчун хулосаи таҷрибаи ҳаёти халқ ба вуҷуд меоянд.

Зарбулмасалҳо аз авлод ба авлод, аз даҳон ба даҳон гузашта, боз ҳам сайқал ёфтаву ҷилоҳои нав касб карда, то ба мо омада расидаанд.

Зарбулмасалу мақолҳо дар мавзӯъҳои мухталифи зиндагӣ эҷод шудаанд. Ягон соҳаи зиндагии инсон нест, ки доир ба он зарбулмасалу мақолҳо эҷод нашуда бошанд. Аз ин рӯ, зарбулмасалу мақол мисли намаке дар таом аст. Бо ёрдами онҳо сухани мо образнок, дилкаш ва нишонрас мешавад.

Зарбулмасал ва мақол ҳарчанд, ки аксар вақт якҷоя истифода бурда мешаванд, аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Дар зарбулмасалҳо сухан, маънӣ, мақсад пӯшидаю ниҳон аст. Аз ин рӯ, дар онҳо маънои зоҳирӣ асосӣ набуда, маънои ботинии он якумдараҷа мебошад. Мисолҳо:

1. Аз зари падар ҳунар беҳ.
2. Бузургӣ ба ақл аст, на ба сол.
3. Сад задани сӯзангару як задани оҳангар.
4. Панҷ панҷа баробар нест.
5. Одам аз гул нозук, аз санг сахт.
6. Об аз сар лой.

Дар мақолҳо баръакси зарбулмасалҳо фикр ошкоро, бепардаю кушод гуфта мешавад. Мисолҳо:

1. Аз бекор – ҳама безор.
2. Аввал андеша, баъд гуфтор.
3. Ҳусн ҳусн нест – одоб ҳусн аст.
4. Ҷӯянда ёбанда аст.
5. Кори имрӯзаро ба фардо магузор.

### Савол ва супоришҳо

1. Чаро зарбулмасал ва мақолҳоро намунаи барҷастаи доништ-мандии халқ мегӯянд?
2. Зарбулмасал аз мақол чӣ фарқ дорад?
3. Ба зарбулмасал ва мақолҳо мисол гӯед.

## ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛҲО

### Меҳнат

1. Меҳнат бе роҳат нест.
2. Имрӯз меҳнат, пагоҳ роҳат.
3. Меҳнат иззату лаззат дорад.
4. Меҳнатро бисёр кун, гапро кам.
5. Тилло дар оташ, одам дар меҳнат маълум мешавад.

### Дӯстӣ

1. Дӯст бош, безарар бош.
2. Дӯст гирёнда гап мезанад, душман хандонда.
3. Дӯстдорони ватан дӯстдорони халқанд.
4. Дӯсти ҷонӣ бош, на дӯсти нонӣ.
5. Ба дӯст ҷафо кардан ба душман вафо кардан аст.

### Дониш

1. Илм дар хурдӣ – нақш бар санг.
2. Илм равшанӣ аст, нодонӣ торикӣ.
3. Илм бе баҳс не, мол – бе тиҷорат, мулк – бе сиёсат.

http://eduportal.uz

4. Илм соҳибилмро аз офат нигоҳ медорад.
5. Илме, ки ба роҳи рост набарад, гумроҳист.

## Одобу ахлоқ

1. Адабро аз беадабон омӯз.
2. Адаб беҳтарин ганҷ аст.
3. Забони дароз балои ҷон аст.
4. Андеша беҳ аз пушаймонӣ.
5. Безабонӣ беҳ аз дурӯғгӯӣ.

### Савол ва супоришҳо

1. Аз мисолҳои болоӣ сето зарбулмасал ва сето мақол ҷудо карда гиред.
2. Зарбулмасал ва мақолҳои ба худатон маъқулшударо аз ёд кунед.
3. Зарбулмасал ва мақолро шарҳ дода, ба дафтаратон нависед.

## НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ

## Маҷоз

«Маҷоз» калимаи арабӣ буда, маъноҳои бараксi ҳақиқат, ғайриҳақиқатро ифода мекунад. Ба маънои ғайриаслӣ истифода шудани калимаву ибораҳо дар асарҳои бадеӣ низ «маҷоз» ном дорад.

Дар натиҷаи васеъ гаштан ва ҷилои нав гирифтани маънои аслии калимаю ибораҳо маънои нави калимаҳо пайдо мешавад. Ана ҳамин маънои нави калимаҳо маънои маҷозии калимаҳоро таъмин месозад. Байни маънои аслӣ ва маҷозии калимаҳо алоқаи муайяне мавҷуд мебошад. Маънои маҷозии калимаҳо аз маънои аслии онҳо ҷудо вуҷуд дошта наметавонад.

Маънои маҷозии калимаҳо барои бештар кардани таъсир ва ҳусни калимаҳо хизмат мекунад.

http://eduportal.uz

Эҷодкорон аз маҷоз истифода бурда, ҳодисаҳои тасвиркардаашонро боз ҳам образноктар ва ҷозибаноктар ба қалам мегиранд.

Маҷоз дар эҷодиёти даҳонакии халқ, адабиёти классикӣ ва эҷодиёти эҷодкорони имрӯза, ҳатто дар гуфтугӯи оддии халқ низ фаровон ба назар мерасад.

Маҷоз бисёр санъатҳои маънавӣ – истиора, ташбеҳ, талмеҳ, киноя, ташхис, муболиға ва ғайраҳоро дар бар мегирад.

### Савол ва супоришҳо

1. Маҷоз чист?
2. Вазифаи маҷоз аз чӣ иборат аст?
3. Ба маҷоз мисолҳо оред.

## ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛҲО ДАР ҲИКОЁТ ВА ТАМСИЛОТ

Зарбулмасал ва мақолҳо дар забони ҳар як халқ мақоми бузурге доранд. Онҳо забонро зеботар, таъсирбахштар ва оҳангдор мекунанду ба он фасоҳату бадеият мебахшанд. Аз ин рӯ, онҳо чӣ дар адабиёти бадеӣ (назму наср) ва чӣ дар шаклҳои дигари адабиёт васеъ ба кор бурда мешаванд. Шоирон ва нависандагони забардасти тоҷик низ дар гузашта ва ҳам дар айни замон дар асарҳои хеш аз зарбулмасалу мақолҳо фаровон истифода бурдаанд ва мебаранд. Ин ҳолро мо дар поён дар мисоли баъзе ҳикоят ва тамсилҳо дида мебароем.

### Ҳикояти зоғ ва кабк

Овардаанд, ки рӯзе зоғе дар парвоз буд. Кабкеро дид, ки дар рӯйи замин мехиромид ва ба он рафтори ширину хиромидани зебо дили наззорагӣ сайд мекард.



http://eduportal.uz

Ба як навбат, ки сӣ ман хиромидӣ, дилам бурдӣ,
Хиромон навбати дигар биё, то ҷон бияфшонам.

Зоғро хиромидани кабк хуш омад ва орзуи рафтори ӯ дар замири дилаш ҷой гарифт. Пас ба хизмати Кабк камар баста, тарки хобу хӯрд гирифта, дар пайи он такопӯй пайваста аз паси Кабк медавид ва тамошои ҷилваҳои ӯ мекард.

Эй кабки дарӣ, ҷилвакунон мегузарӣ,
Лангон-лангон ман аз ақиб меоям.

Рӯзе кабк гуфт:

– Эй девдидори тирарухсор, мебинамат, ки ҳамвора гирди ман мегардӣ, мақсади ту чист?

Зоғ гуфт:

– Эй зебохӯи хандонрӯй.

Рафтори ту дил бурду ман акнун зи паят,
Фарёдкунон дар пайи дил мегардам.

Бидон, ки маро хоҳиши рафтори ту дар сар афтода муддатест, ки аз паси ту мегардам, ки он рафторро омӯзам ва пеши ҳамсарони худ фахр кунам.

Кабк қаҳ-қаҳ зад ва гуфт:

– Ҳайҳот, ҳайҳот, ту куҷову мо куҷоем? Роҳи ман бар вазъи дигар аст ва равиши ту бар вазъи дигар. Аз ин хаёл бигзар ва ин андешаро аз даст бидор.

Зоғ ҷавоб дод:

– Ман, ки ба коре азм кардам, ба афсуну афсона тарк нахоҳам кард.

Бечора зоғ муддате аз ақиби Кабк бидавид, вай рафтори ӯ наомӯхта, рафтори худ низ фаромӯш кард.

Ин масал ба он овардам, то бидонӣ ки... ҷоҳилтарини халоиқ он аст, ки худро дар коре афканад, ки лоиқи пеша ва муносиби нисбати ӯ бошад.

### Луғат

**Тирарухсор** – бадрӯй, сиёҳрӯй.
**Вазъи дигар** – вазъияти дигар, ҳолати дигар.
**Халоиқ** – ҷамъи халқ, мардум.

## Бе пир марав, ту дар бимонӣ, ҳарчанд Сикандари замонӣ

Гӯянд, Искандар эҳсос карда буд, ки барои ҷаҳонкушоии худ беш аз ҳар чӣ мӯҳтоҷ ба нерӯи ҷавон аст. Ба ҳамин ҷиҳат сарбозони мутаҷовиз аз сисоларо ба хизмат намепазируфт ва ҳатто иҷозат намедод, ки ин афрод илова ба сарбозӣ ба ҳар исму унвони дигар вориди сипоҳ шаванд ва чунончи: чунин ашхосе ба таври махфиёна ва ӯрдуи ӯ роҳ меёфтанд, ба маҳзи иттилоъ нобуд мешуданд. Бо ин васф ду нафар аз сарбозони рашиду фидокори вай дар асари касрати меҳру алоқаи хонаводагӣ ҳилае намуда, падари пири худро дар сандуқе сарбаста ба ҳамроҳ доштанд.

Ҳангоме ки ӯрду аз хастагии роҳпаймоӣ дар зери осмони торики шаб ба хоб мерафт, пирамард аз сандуқ берун меомад ва бо писарони азизи худ ба гуфтугӯ мепардохт ва субҳгоҳон боз ӯро дар сандуқ карда ба роҳ меафтоданд.

Сафарҳои Искандари Зулқарнайн ҳамагӣ омехта бо аҷоибу ғароиб буд, аз ҷумла дар яке аз онҳо пас аз паймудани фарсахҳо роҳ дар як маъбари тангу саъбулубури кӯҳистонӣ ба садди баланду маҳкаме расиданд, ки убур аз он маҳол менамуд.

Субҳгоҳон, ки ӯрдуи Зулқарнайн сар аз хоб бардошт, дасти аҷибе ба панҷ ангушту бозуи нуронӣ дар осмон зоҳир гардид ва ҳеҷ кас аз худи Искандар гирифта, то пасттарин афроди ӯрду натавонист аз рози ин даст огоҳ гардад.

Чизе намонда буд, ки сипоҳ маҷбур ба бозгашт шавад, то ин ки шаб, ҳангоме ки пирамард бино ва маъмул аз сандуқ берун омад, писарон моҷароро барои вай ҳикоят карданд.

http://eduportal.uz

Пирамард лаҳзае ба тафаккур пардохт ва сипас, рӯ ба писарон карда гуфт:

– Чунончӣ, фардо аз Зулқарнайн таъмини ҷонӣ барои ман бигиред, ӯрдуро аз ҳамин суд убур хоҳам дод.

Фарзандон қазияро ба арзи Искандар расонида ва барои таъмини ҷонӣ хостгор шуданд. Вақте пирамард ба ҳузури Искандар расид, пас аз қавли таъмини ҷонӣ ва ваъдаву навиди бисёр муаммои ин дасти аҷиброо ҳал кард.

Пир пас аз гирифтани таъмини ҷонӣ бедиранг ба муқобили сад рафт ва ду ангушти худро монанди адади ҳафт аз ҳам кушод, ҷилави он даст гирифт. Лаҳзае баъд аз он дасту сад бар ҷой намонд. Ҳангоме ки пирамард ба боргоҳ баргашт, Искандар аз вай хост, ки ҳақиқати ин розро барои ӯ баён кунад. Пир табассуме карда гуфт:

– Манзури он панҷ ангушт ин буд, ки чунончи, панҷ аз рӯйи ҳақиқат ба якдигар муттаҳид шуданд, садди маҳкаму азимеро аз пеш бархоҳанд дошт. Вале ман бо кушодани ду ангушти ба он дастғайбе холӣ кардам, ки эҳтиёҷ ба панҷ нафар набуда ва ду нафар ҳам кофист ва метавонанд ин корро анҷом диҳанд.

Аз он баъд Зулқарнайн дастур дод, ки пирони равшанзамири ҳар шаҳр дар илтизоми ӯ бошанд, то ҳангоми сар задани мушкилот, аз тариқи машварат бо вай ҳамкорӣ намоянд. Ба ҳамин муносибат шоире шеъри зер гуфт ва он зарбулмасал шуд:

Бе пир марав ту дар бимонӣ,
Ҳарчанд Сикандари замонӣ.

**Луғат**

**Мутаҷовиз** – таҷовузкунанда.
**Ӯрду** – 1. лашкар; 2. лашкаргоҳ, қароргоҳи қӯшун.
**Иттилоъ** – огоҳ шудан, хабардор гардидан; хабар, огоҳӣ.
**Касрат** – бисёрӣ, зиёдӣ.
**Маъбар** – гузаргоҳ, ҷойи муайяни киштигузари дарё.
**Саъб** – душвор, мушкил.

### Савол ва супоришҳо

1. Ҳикояҳои болоӣ ба кадом мавзӯъ бахшида шудаанд?
2. Ҳикояҳоро хонед ва мазмуни онҳоро нақл карда диҳед.
3. Луғатҳаро аз ёд кунед.

## Тухмдузд шутурдузд мешавад

Рӯзе тифле чанд дона тухми мурғ аз хонаи ҳамсоя дуздиду ба хонаи худ даромад. Модараш тухмҳоро дар дасти ӯ дид. Пурсид:

– Инҳоро аз куҷо овардӣ?

Кӯдак ҳақиқати амрро баён кард. Модараш тухмҳоро аз дасти ӯ гирифт ва бо забони нарму лайн ӯро маломат кард ва гуфт:

– Мабодо дигар аз ин корҳо накунӣ!

Ва ба ҷойи он ки тухмҳоро ба соҳибаш бозгардонад ва дарси ибрати дигаре ба кӯдаки худ боздиҳад, онҳоро ба матбах бурду пухт ва ба иттифоқи ӯ хӯрд.

Писарак бар асари мушоҳидаи мулотафати модар ва ширкате, ки бо вай дар хӯрдани тухмҳо намуд, фардо низ чанд адад зиёдтар дуздиду ба хона овард. Модараш боз ба шеваи рӯзи пеш вайро ба нармӣ маломат кард, вале аз гирифтан ва пухтану хӯрдани тухмҳо ҳам дареғ намекард. Ва хулоса саҳлнигории вай сабаб шуд, ки ин рафтори накӯҳида одати сонавии кӯдак гардид ва саранҷоми кораш ба ҷойе расид, ки аз гандадуздӣ таҷовуз карда, рӯзе шутур бидуздид ва иттифоқан кораш барор нагирифт ва ӯро ба маҳкамаи қозӣ кашиданд ва доварӣ хостанд.

Қозӣ пас аз субути тақсираш ба буридани дасти вай амр дод.

Бечора ҷавон, ки ҳеҷ гоҳ чунин рӯзею чунин муҷозотеро барои худ пешбинӣ ва тасаввур намекард ва аз кардаҳои хеш сахт мутанаббеҳу пушаймон шуд ва фарёд баровард:

– Айюҳал қозӣ, агар мехоҳӣ ба инсоф доварӣ кунӣ, амр кун, то дасти модарамро бибуранд, чаро ки ман бегуноҳам ва «Поёни тухмдуздӣ – шутурдуздӣ мешавад».

Қозӣ тавзеҳ хост ва ҷавон сидқи матлабро, ҳамчунон ки буд, баён кард. Қозиро дил ба ҳоли вай бисӯхт ва ӯро тавба дод ва модарашро эҳзону заҷр ва тавбаи бисёре намуд.

### Луғат

**Лайн** – нарм, мулоим.
**Матбах** – ошхона, хонаи ошпазӣ.
**Мулотафат** – лутфу марҳамат, муомилаи нарму хуб.
**Субут** – исбот ва муайян кардан.
**Муҷозот** – ҷазодиҳӣ.
**Мутанаббеҳ** – хабардоршаванда; огоҳ.

### Савол ва супоришҳо

1. Аз чӣ сабаб қозӣ дасти ҷавонро набурид?
2. Ҳикояро хонед ва мазмунашонро нақл карда диҳед.

## НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ

### Тамсил

«Тамсил» калимаи арабӣ мебошад.

Тамсил чунин жанрест, ки дар воқеаи на чандон калон ҳар гуна махлуқот, наботот, ашё ва ғайра иштирок менамоянд. Яке аз муҳимтарин хусусияти тамсил дар он намоён мегардад, ки амалкунандагони ғайриинсонӣ ҳамчун инсон гуфтугӯ намуда, хулқу атвори одамиро касб мекунанд. Сужети тамсил аз як воқеаи хурд иборат мебошад.

Мурод аз тамсил панд аст. Аз ин рӯ, дар адабиёти дидактикии ҳамаи халқҳо тамсил аз ҷумлаи паҳншудатарин жанрҳо ба шумор меравад. «Калила ва Димна», «Тӯтинома» ва амсоли инҳо барин асарҳо дар асоси тамсил бунёд ёфтаанд.

Аксарияти тамсилҳо дар наср эҷод мешаванду бо назм оро меёбанд.

Тамсилҳои саросар бо назм эҷодшуда низ мавҷуданд.

### Савол ва супоришҳо

1. Тамсил чӣ гуна жанр аст?
2. Чаро мурод аз тамсил панд аст?

## ПАНДУ АНДАРЗҲО

Катибаҳои пандомез, навиштаҳои таълими тоисломӣ ва ҳикояту қиссаҳои хурди ахлоқиро андарз (панд) мегӯянд. Маҷмӯае, ки дар он андарзҳо, суханҳои ҳикматомез ва гуфтори ибратомӯз гирд оварда шудаанд, андарзнома (пандном а) ном гирифтаанд.

Андарзномаҳо дар адабиёти қадимаи мо решаи дуру дароз дорад. Вай дар адабиёти хаттӣ таърихи 2,5 ҳазорсоларо соҳиб мебошад. Дар гузашта пандномаҳо воситаи асосии таълиму тарбия ба ҳисоб мерафтанд. Шахсонеро, ки бо андарзгӯӣ, пандгӯӣ машғул мешуданд, «андарзбуд» мегуфтанд.

Дар панду андарзҳо масъалаҳои муҳимтарини таълиму тарбия, меъёрҳои ахлоқу одоб, урфу одатҳои миллӣ, муносибатҳои оилавӣ, мубориза и некию бадӣ (рӯшноию торикӣ), давлатдорӣ, ростию росткорӣ, адолат, саховату ҳиммат, бевафоии олам, мазаммати зулму беадолатӣ, дурӯғ, молу давлатпарастӣ, коҳилию бедонишӣ ва амсоли инҳо акс ёфтаанд. Панду андарзҳои аввалинро мо дар китоби муқаддаси «Авасто» вомехӯрем. Пандномаҳои бостонӣ бештар ба забони паҳлавӣ эҷод шудаанд. Миқдори онҳо хеле зиёд буда, машҳуртаринашон инҳоянд: «Андарзи Озарбади Маҳраспандон», «Андарзи Озарбади Зардуштон», «Андарзи Ушнари доно», «Андарзи Бахтофарид», «Андарзи Бузургмеҳр», «Андарзи доноён ва маздаяснон», «Андарзи пешинагон», «Андарзи Ҷамшед», «Андарзи Саена», «Андарзи кӯдакон», «Андарзи Хусрави Қубодон» ва ғайраҳо.

«Андарзи кӯдакон» яке аз намунаҳои адабиёти паҳлавӣ буда, аз тарафи муаллифи номаълуме тартиб дода шудааст. Мундариҷаи асар аз пандҳое иборат аст, ки мактабдор – устоди дабистон ба кӯдакон – шогирдонаш медиҳад. Пандҳои таркиби асари мазкур роҳнамои зиндагӣ ва кору бори ҳаррӯзаи кӯдакон, аз қабили аз хоб хестан, дасту рӯ шустан, қоидаи хӯрдани таомро риоят кардан, падару модарро ҳурмат кардан ва ғайра иборат мебошанд.

Аз эҷодкорони адабиёти классикӣ Рӯдакӣ, Балхӣ, Фирдавсӣ, Асадии Тӯсӣ, Ибни Сино, Ансорӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон ба сабки нигориши андарзномаҳо асарҳо офаридаанд ё андарзҳову пандҳои зиёдеро ба асарҳояшон дохил намудаанд.

Панду андарзҳои бостонӣ чун дастурҳои ахлоқии хирадмандона дар замони мо низ арзиши маънавии худро гум накардаанд.

### Савол ва супоришҳо

1. Чиро панду андарз мегӯянд? Андарзнома чист?
3. Дар пандномаҳои бостонӣ асосан чӣ гуна ғояҳо талқин мегардиданд?

## НАМУНАҲО АЗ ПАНДУ АНДАРЗҲО

### Абӯабдулло Рӯдакӣ

Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.

* * *

Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,
Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.

* * *

Дониш андар дил чароғи равшан аст
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.

Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,
То тавонӣ, рӯй бар ин ганҷ неҳ.

http://eduportal.uz

* * *

Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон
Бартар аз дидори рӯйи дӯстон.
Ҳеҷ талхӣ нест дар дил талхтар
Аз фироқи дӯстони пурҳунар.

**Абулқосим Фирдавсӣ**

Ҳамеша хирадро ту дастур дор,
Бад-ӯ ҷонат аз носазо дур дор.

* * *

Касе, к-аш хирад бошад омӯзгор,
Нигаҳ дорадаш гардиши рӯзгор.

* * *

Хирадманд бошу беозор бош,
Ҳамеша забонро нигаҳдор бош!

* * *

Тавоно бувад ҳар кӣ доно бувад,
Зи дониш дили пир барно бувад.

**Носири Хисрав**

Дилатро рост кун, гар росткорӣ,
Ки ҳаст аз росткорӣ растагорӣ.

* * *

Сухан дониста гӯ, чизе, ки гӯӣ,
Худ он оҳиста гӯ, чизе, ки гӯӣ.



http://eduportal.uz

* * *

Зи мардум зодаӣ, бо мардумӣ бош.
Чӣ бошад дев будан? Одамӣ бош!

* * *

Биёмӯз, он чӣ нашносӣ ту зинҳор,
Ки бар кас нест аз омӯхтан ор.
Ба шогирдӣ ҳар он, к-ӯ шод гардад,
Бувад рӯзе, ки ҳам устод гардад.

**Саъдии Шерозӣ**

Илм чандон, ки бештар хонӣ,
Чун амал дар ту нест, нодонӣ!
На муҳаққиқ бувад, на донишманд,
Чорпое, бар ӯ китобе чанд!
Он тиҳимағзро чӣ илму хабар,
Ки бар ӯ ҳезум аст ё дафтар?

* * *

Дӯст машмор, он ки дар неъмат занад
Лофи ёрию бародархондагӣ.
Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст
Дар парешонҳолию дармондагӣ.

## Савол ва супоришҳо



1. Доираи мавзӯоти пандҳои болоиро муайян кунед.
2. Пандҳои ба худатон маъқулшударо аз ёд кунед.
3. Пандҳои шоирон бо кадом хусусияташон аз ҳамдигар фарқ мекунанд?
4. Ду-се пандро ба наср баргардонед.

## «ЗАФАРНОМА» – МАҶМӮАИ ПАНДУ АНДАРЗҲО

Дар адабиёти форсу тоҷик насиҳатномаофарӣ таърихи қадима дорад. Дар ин равия китобҳои бисёре иншо шудаанд. Дар асри шашуми милодӣ дар Эрон Анӯшервон ҳукмронӣ мекард. Вай Бузургмеҳр ном вазири доное дошт. Бузургмеҳр низ барои шоҳаш пандномае офарида буд, ки саросар аз андарзу ҳикмат иборат буд. Асари мазкур бо номи «Андарзи Хусрави Анӯшервон» шӯҳрат ёфт.

Ибни Сино ин пандномаро дар соли 997 барои амири сомонӣ Нӯҳ бинни Мансур аз забони паҳлавӣ ба забони тоҷикӣ тарҷима кард. Ин тарҷима бо унвони «Зафарнома» дар осори шоир дохил карда шудааст. «Зафарнома» ба тарзи саволу ҷавоб иншо гардидааст.

Дар «Зафарнома» мавқеъ ва муносибати инсон дар ҷомеа, мазамматӣ хислатҳои ношоиста, аз қабили нотавонӣ, ҳасудӣ, дурӯғгӯӣ, бешармӣ, чоплусию хасисӣ, танбалӣ, тундхӯию нодонӣ; васфу тарғиби хислатҳои ҳамида, аз қабили дӯстӣ, донишандӯзӣ, шарму далерӣ, саховатпешагӣ, тавозӯъ, накӯкорӣ ва амсоли инҳо баррасӣ гаштаанд.

### Савол ва супоришҳо

1. «Зафарнома» чӣ гуна асар аст?
2. Чаро «Зафарнома»-ро маҷмӯаи панду андарзҳо мегӯянд?

## МУХТАСАРИ «ЗАФАРНОМА«

Гуфтам:
– Аз кӣ эмин бошам?
Гуфт:
– Аз дӯсте, ки ҳосид набошад.
Гуфтам:
– Чӣ чиз аст, ки биҳиштро сазовор бошад?

Гуфт:
– Илм омӯхтан ва дар ҷавонӣ ба кори ҳақ машғул будан.
Гуфтам:
– Кадом айб аст, ки наздики мардум мӯътабар намояд?
Гуфт:
– Ҳунари худ гуфтан.
Гуфтам:
– Чун дӯст ношоиста падид ояд, чӣ гуна аз вай бибояд бурид?
Гуфт:
– Ба се чиз: ба зиёраташ кам рафтан, аз ҳолаш напурсидан ва аз вай ҳоҷат нахостан.
Гуфтам:
– Аз ҷавонон чӣ беҳтар ва аз пирон чӣ нектар?
Гуфт:
– Аз ҷавонон шарм ва далерӣ ва аз пирон дониш ва оҳистагӣ.
Гуфтам:
– Сахӣ кист?
Гуфт:
– Он кас, ки саховат кунаду дилшод шавад.
Гуфтам:
– Ҳеҷ ҳунар бошад, ки айб бошад?
Гуфт:
– Саховате, ки бо миннат бувад.
Гуфтам:
– Бадтарин марг чист?
Гуфт:
– Муфлисӣ.
Гуфтам:
– Чӣ кунам, ки бар табиб ҳоҷат набошад?
Гуфт:
– Кам хӯрдан ва кам хоб рафтан ва кам гуфтан.
Гуфтам:
– Агар илм омӯзам, чӣ ёбам?



http://eduportal.uz

Гуфт:

– Агар хурд бошӣ, бузург ва номдор гардӣ, агар муфлис бошӣ, тавонгар гардӣ, агар маъруф бошӣ, маъруфтар гардӣ.

### Луғат

**Эмин** – бехавф, бехатар, дар амон.
**Ҳосид** – ҳасадбаранда, бадхоҳ.
**Муфлисӣ** – хасисӣ.
**Маъруф** – машҳур, шӯҳратманд.

### Савол ва супоришҳо

1. Чаро «Зафарнома» бо тарзи саволу ҷавоб иншо шудааст?
2. Кадом саволу ҷавобҳои «Зафарнома» ба шумо маъқул шуд? Чаро?
3. Мухтасари «Зафарнома»-ро аз ёд кунед.



## ПАНДУ ҲИКМАТҲО

▪ Танҳо касоне ки дилдодаи донишанд бузурганд, ки онҳо савдогари донишанд.

▪ Аз Луқмони Ҳаким пурсиданд, ки тавонгартар кист? – Гуфт: «Он, ки ақлаш комил бошад».

▪ Аз Суқрот пурсиданд, ки бо кадом кас унс гирифтан лоиқтар аст? – Гуфт: – Бо одами оқил ва дурандеш ва некрой.

▪ Хирадманд толиби камол бошад, нодон хоҳони мол.

▪ Оқил ду бор фиреб нахӯрад.

▪ На некӯ бувад марди доно хамӯш.

▪ Гарчӣ доно бошию аҳли ҳунар,
Хешро камтар зи ҳар нодон шумар!

http://eduportal.uz

# НОСИРИ ХИСРАВ



Шоир, нависанда ва мутафаккири бузурги тоҷик Носири Хисрав соли 1004 дар Қабодиён дар хонадони бонуфуз ба дунё омадааст. Дар бораи давраи бачагӣ ва ҷавонии шоир ҳамин қадар маълум аст, ки ӯ маълумоти ибтидоиро дар зодгоҳаш гирифта, минбаъд бо саъю кӯшиши хеш илмҳои асосии замонашро аз бар кардааст. Вай вақти худро асосан, ба омӯхтани илмҳои сарфу наҳв (морфология ва синтаксис), забони арабӣ, арӯз, фалсафа, ҳисоб (арифметика), нуҷум (ситорашиносӣ), тиб, фиқҳ, таърих, мусиқӣ ва ғайра сарф кардааст.

Ба фикри болоӣ иқтибоси зерин, ки аз як шеъри ӯ оварда шудааст, асос мешавад:

Сар андар ҷустани дониш ниҳодам,
Накардам рӯзгори хеш бебар.
Ба ҳар навъе, ки бишнидам зи дониш,
Нишастам бар дари ӯ ман муҷовар...
Намонд аз ҳеҷ дониш, ки ман з-он
Накардам истифодат бешу камтар.
На андар қутби Эзид муҷмале монд,
Ки он нашнидам аз доно муфассар.

Аз мероси гаронбаҳои ба мо гузоштаи ӯ маълум мегардад, ки тақрибан то айёми 40-солагиаш дар Марв дар хизмати давлатӣ будааст. Шоир муддате дар дарбори султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва писари ӯ Масъуд хизмат карда, вазифаҳои девондорӣ ва ҷамъоварии боҷу хироҷро ба ӯҳда доштааст. Сонӣ, бо меҳнати ҳалолу бурдборонааш то ба дараҷаи дабирӣ мерасад.

http://eduportal.uz

Носири Хисрав бо меҳнати худ ба унвонҳои фахрии «адиб», «дабири фозил», «хоҷаи хотир» соҳиб гаштааст.

Дере нагузашта шоири ҳақиқатпараст аз ҳаёти дарборию ноҳақиҳои он давр сахт дилгир мешавад ва соли 1046 ҳамроҳи бародараш ба саёҳат мебарояд. Дар муддати сафари ҳафтсолааш Эрон, Ироқ, Озарбойҷон, Арманистон, Сурия, Фаластин, Миср ва Ҳиҷозро саёҳат карда, чор дафъа дар Макка ва се дафъа дар Миср будааст. Шоири ҳассос нобаробариҳои замонаашро чуқур омӯхт, сабабҳои зулми ҳокимонро таҳлил кард. Дар охир бар зидди сиёсати ҳукуматдорони салҷуқӣ ва рӯҳониёни мутаассиби маҳаллӣ муборизаи шадиде эълон кард. Табиист, ки ин рафтори шоири далеру маорифпарвар ба табъи ҳукуматдорон хуш намеояд ва онҳо аз пайи куштани шоир шуданд. Вай як муддат пинҳон шуда гашт, сонӣ дар шаҳру деҳоти Мозандарон, Рустамдор, Гелон ва Нишопур пинҳон шудааст. Соли 1063 бо бародараш гурехта, ба Юмгони Бадахшон меояд ва дар ҳамон ҷо 25 соли охири умрашро мегузаронад ва соли 1088 аз олам мегузарад. Қабри ӯ низ дар ҳамон ҷост. Вай дар Бадахшон бо номи Шоҳ Носири Хисрав машҳур аст.

Носири Хисрав дар синни 28-солагӣ ба шеъргӯӣ пардохтааст. Аз ӯ мероси гаронбаҳое боқӣ мондааст. Осори адабии шоир ба забонҳои тоҷикию арабӣ иншо гардидаанд. Мероси адабии ӯ инҳоянд: девони ашъор, маснавиҳои «Рӯшноинома» ва «Саодатнома», «Зодул мусофирин», «Ваҷҳи дин», «Ҷомеъул ҳикматайн», «Сафарнома», «Кушоиш ва раҳоиш», «Хонул ихвон», «Бӯстонул уқул».

Носири Хисрав соҳиби ду девони ашъор будааст, ки яке аз онҳо тоҷикиву дигаре арабӣ мебошад. Ҳар ду девони шоир низ дар замони зиндагонии ӯ машҳур буданд. То ба мо танҳо девони тоҷикии ӯ расида омадааст. Девони мазкур аз қасидаҳо, ғазалҳо, рубоӣ ва қитъаҳо иборат буда, ҳамагӣ 11 ҳазор байтро ташкил медиҳад.

### Савол ва супоришҳо

1. Носири Хисрав дар овони ҷавонӣ кадом илмҳои замонаашро омӯхтааст?
2. Дар бораи саёҳатҳои шоир нақл кунед.
3. Аз шоири мутафаккир ба мо чиҳо мерос мондаанд?

## УҚОБ

### (Тамсил)

Рӯзе зи сари санг уқобе ба ҳаво хост,
Аз баҳри тамаъ болу пари хеш биёрост.
Бар ростии бол назар карду чунин гуфт:
«Имрӯз ҳама рӯйи замин зери пари мост.
Гар авҷ бигирам, бипарам аз назари шед,
Мебинам, агар заррае андар таги дарёст.
Гар бар сари хошок яке пашша биҷунбад,
Ҷунбидани он пашша аён дар назари мост».
Бисёр манӣ карду зи тақдир натарсид,
Бингар, ки аз ин чархи ҷафопеша чӣ бархост:
Ногаҳ зи камингоҳ яке сахт камоне
Тире зи қазову қадар андохт бар ӯ рост.
Бар боли уқоб омада он тири ҷигарсӯз,
В-аз абр мар-ӯро ба сӯйи хок фурӯ кост.
Бар хок бияфтиду биғалтид чу моҳӣ,
В-он гоҳ пари хеш кашид аз чапу аз рост.
Гуфто: «Аҷаб аст ин ки зи чӯб асту зи оҳан,
Ин тезию тундию паридан-ш куҷо хост».
Бар тир нигаҳ карду пари хеш бар ӯ дид,
Гуфто: «Зи кӣ нолем, ки аз мост, ки бар мост?!».
Ҳуҷҷат, ту маниро зи сари хеш бадар кун,
Бингар ба уқобе, ки манӣ карду чиҳо хост.

http://eduportal.uz

### Луғат

**Уқоб** – мурғи шикории сиёҳ.
**Шед** – Офтоб.
**Камингоҳ** – ҷойи пинҳон шудан.
**Қазову қадар** – тақдир, сарнавишт.
**Кост** – дар ин ҷо ба маънои ғалтондан.

### Савол ва супоришҳо

1. Тамсилро ифоданок хонед.
2. Дар тамсил чӣ гуна ғоя талқин шудааст?
3. Шоир кадом хислати бадро танқид кардааст?
4. Байтҳои писандидаатонро аз ёд кунед.

## НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ

### Вазни ҳиҷо ва арӯз

Дар илми адабиётшиносӣ андоза ва ченаки шеърро «вазн» меноманд. Вазн аз хусусиятҳои асосии шеър буда, онро аз сухани оддӣ (муқаррарӣ) – аз наср фарқ мекунонад. Бо тартибу низоми муайян паси ҳамдигар такрор шуда омадани порчаҳои тараннумӣ (рукнҳо), бо тартиби муайян омадани ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ ва зада дар шеър аз талаботи асосии вазн мебошад.

Вазни шеъри тоҷикӣ ду хел мешавад: вазни ҳиҷо ва вазни арӯз.

Вазни шеър ба баробарии миқдори ҳиҷоҳои ҳар мисраи шеър асос ёфтааст. Вазни ҳиҷо дар шеъри тоҷикӣ низ истифода мешавад ва он таърихи қадима дорад.

Бо тартиби муайян омадани шумораи ҳиҷо асоси вазни ҳиҷои шеъри тоҷикиро ташкил медиҳад.

Дар вазни ҳиҷо имкони вазнсозӣ маҳдуд аст ва аз ин рӯ, дар он 4–5 навъи вазн мушоҳида мешавад, ки маъмултарини ин вазнҳо шеъри ҳафтҳиҷоист. Эҷодкорон аз ин вазн бештар

дар эҷодиёти даҳонии халқ ва ашъори бачагон истифода мебаранд.

Барои мисол шеъри «Меҳмони нав»-и Гулчеҳра Сулаймоноваро иқтибос меорем:

Кӣ омаду кӣ омад?
Гирён аз дар даромад.
Бо як олам гул омад.
Бо созу ғулғул омад.

Баррачаи маст омад,
Ба рӯяки даст омад,
Меҳмонаки нав омад,
Бо «Волга» даррав омад.

Дар ҳама мисраъҳои шеъри болоӣ миқдори ҳиҷо 7-то аст.

Арӯз вожаи арабӣ буда, маънои арз кардан, баён намуданро дорад. Он ҳам чун истилоҳи адабиётшиносӣ ба ҳисоб рафта, дувум ченак ё мизони шеър ба шумор меравад. Вазни арӯз аз адабиёти араб дар асрҳои IX-X ба адабиёти мо ворид гардидааст.

Арӯзи тоҷикӣ хусусиятҳои ба худ хос дошта, аз рӯи он вазни шеър равшан мегардад. Барои дарёфти вазни шеър аввал бояд ҳиҷоҳои калимаҳои ҳар як мисраъ ва байтро шумурдан лозим. Бояд миқдори ҳиҷоҳои ҳар мисраъ ба ҳам баробар бошанд.

Бояд хотиррасон  кард, ки дар шеър ҳар як сатр ё хатро мисраъ гӯянд. Агар ду мисраъ омада бошад, онро байт хонанд.

Шеъри арӯзӣ ба қимати ҳиҷоҳо асос ёфтааст. Шарти асосиро ҳиҷои дароз ва кӯтоҳ ташкил медиҳад. Дар вазни арӯз дар баробари баробарии ҳиҷоҳо, сифати дарозию кӯтоҳии онҳо низ аҳамияти калон дорад. Дар забони тоҷикӣ ҳиҷоҳои а, и, у кӯтоҳ буда, бо аломати шартии V (ҳиҷои кӯтоҳ), ҳиҷоҳои о,

й ва ӯ дароз буда, бо аломати шартии – (ҳиҷои дароз) ишорат мекунанд. Ғайр аз риояи миқдори умумии ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ риояи таносуби ҷойи ҳиҷоҳо низ яке аз қонунҳои асосии вазни арӯз ба ҳисоб меравад. Масалан, агар мисраи якуми шеър бо ҳиҷои кӯтоҳ оғоз ёфта бошад, оғози ҳамаи мисраъҳои боқимондаи шеър низ бояд кӯтоҳ бошад.

Масалан, байти поёнии Низомии Ганҷавиро ба ҳиҷоҳо ҷудо карда, аломати шартиашонро мегузорем:

Ба ҳар ко-ре, ки ҳим-мат бас-та гар-дад,
V – – – /V – – – /V – –
А-гар хо-ре бу-вад, гул-дас-та гар-дад.
V – – – /V – – – /V – –

Аз байти болоӣ маълум аст, ки миқдори ҳиҷоҳои кӯтоҳу дарози ҳар ду мисраъ бо ҳам мутаносиб шуда омадаанд.

Ҳар як мисраи шеър ба порчаҳои тараннумӣ ҷудо мешавад, ки онро рукн меноманд. Рукнҳо аз 1 то 5 ҳиҷоро дар бар мегиранд. Рукнҳои шеър бо хати моил аз якдигар ҷудо карда мешаванд.

### Савол ва супоришҳо

1. Вазни шеър чист?
2. Дар бораи вазни ҳиҷо маълумот диҳед.
3. Дар бораи вазни арӯз маълумот диҳед.
4. Шеъри дар вазни ҳиҷо навишташударо ёбед ва ба ҳиҷо тақсим кунед.
5. Порчаи шеъриеро интихоб карда, мувофиқи талаби вазни арӯз тақтеъ намоед.



http://eduportal.uz

# АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ



Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ 7-уми ноябри соли 1414 дар деҳаи Харҷурди вилояти Ҷом ба дунё омадааст. Вай аз хурдӣ зеҳни тез ва қобилияти фавқулоддае дошт. Аз ин рӯ, дар чорсолагиаш ба мактаб рафта, илмҳои даркориро аз бар мекунад. Бо сабабе оилаи онҳо ба Ҳирот мекӯчанд. Нуриддини хурдсол таҳсилашро дар мадрасаҳои машҳури ин шаҳр – Низомия ва Дилкаш давом медиҳад. Соли 1436 ба Самарқанд меояд ва дар мадрасаи Улуғбек аз олимони забардасти он замон Қозизодаи Румӣ ва Фазлуллоҳи Абулайс таълим мегирад. Баъди хатми мадраса як муддат дар Самарқанд зиндагонӣ мекунад ва соли 1452 ба Ҳирот бармегардад.

Ҷомӣ дар давоми ҳаёти пурбаракаташ ҳафт бор ба сафар баромада, таҷриба андӯхтааст, оламу одамро шинохтааст.

Шоир ва мутафаккири забардасти тоҷик умри дарозу сермаҳсулеро паси сар карда, 9-уми ноябри соли 1492 аз олам гузаштааст.

Аз Абдураҳмони Ҷомӣ ба мо мероси бое боқӣ мондааст. Аз осори бадеии ӯ се девон, «Ҳафт авранг» ва «Баҳористон» то ба мо омада расидааст. Асарҳои илмии ӯ низ аҳамияти калони илмию назарӣ ва амалиашонро нигоҳ доштаанд.

Миқдори умумии асарҳои Ҷомӣ ба 46 адад мерасад.

Осори пурбаҳои ӯ аз замони зиндагиаш сар карда, чандин бор ба забонҳои Шарқу Ғарб тарҷума шудааст.

### Савол ва супоришҳо

1. Дар бораи роҳи ҳаёти ибратангези Абдураҳмони Ҷомӣ сухан ронед.
2. Мероси ба мо гузоштаи Ҷомиро номбар кунед.

http://eduportal.uz

## ПАНДУ ҲИКМАТҲОИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ дар тӯли умри пурмазмунаш таҷрибаи бисёре андӯхт. Аз ин рӯ, ҳар як навиштаи ӯ саросар панду андарзанд. Вай ҳар як суханашро дониста, аз ғалбери ақл гузаронида, сонӣ ба хонандагонаш пешкаш намудааст. Аз давраи зиндагонии Ҷомӣ садсолаҳо гузашта бошанд ҳам, суханҳои ҳикматомез ва ҳикояҳои ибратбахши ӯ арзиши тарбиявии хешро нигоҳ дошта меоянд. Дар панду ҳикматҳои шоири соҳирқалам фалсафаи ҳаёт бо тамоми ҳастиаш ниҳоят соддаву фаҳмо баррасӣ гаштааст. Аз ин рӯ, онҳо мисли тилло занг назада, аз аср ба асре гузашта, ба мо хизмати беминнат мекунанд. Чуноне ки худи устод Абдураҳмони Ҷомӣ мегӯяд:

Шунав панду дониш ба он ёр кун,
Чу донистӣ, он гаҳ ба он кор кун.

### Намунаҳо аз панду ҳикматҳои шоир

Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм,
Қуфлкушои ҳама дарҳост илм.
Бо ту пас аз илм чӣ гӯям сухун?
Илм чу ояд, ба ту гӯяд чӣ кун!

* * *

Бикун коре, ки суде дорад охир,
Ба сар борони ҷуде дорад охир.
Нахуст аз касби дониш баҳравар шав,
Зи ҷаҳлободи нодонӣ бадар шав.
Бувад маълуми ҳар озоду банда,
Ки нодон мурдаву доност зинда.

* * *

Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст,
Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст.
Бувад бемузду миннат устоде,
Зи дониш бахшадат ҳар дам кушоде.
Надиме, мағздоре, пӯстпӯше,
Ба сирри кор гӯёе, хамӯше.
Дарунаш ҳамчу ғунча аз варақ пур,
Ба қимат ҳар варақ з-он як табақ дур.

* * *

Хуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест,
Дар ғамкадаи замона ғамхоре нест.
Ҳар лаҳза аз ӯ ба гӯшаи танҳоӣ
Сад роҳате ҳасту ҳаргиз озоре нест!

* * *

Барои дӯстон ҷонро фидо кун,
Валекин дӯст аз душман ҷудо кун.

* * *

Ҳеҷ неъмат беҳтар аз фарзанд нест,
Ҷуз ба ҷон фарзандро пайванд нест.
Ҳосил аз фарзанд гардад коми мард,
Зинда аз фарзанд монад номи мард.
Чашми ту то зиндаӣ, равшан бад-ӯст,
Хоки ту чун мурдаӣ, гулшан бад-ӯст.
Дастат ӯ гирад, агар афтӣ зи пой,
Поят ӯ бошад, агар моні ба ҷой.

* * *

Чу нодонон на дар банди падар бош,
Падар бигзору фарзанди ҳунар бош.
Чу дуд аз равшанӣ набвад нишонманд,
Чӣ ҳосил з-он ки оташрост фарзанд?!

* * *

Қимати мард на аз симу зар аст,
Қимати мард ба қадри ҳунар аст.

### Савол ва супоришҳо

1. Мавзӯъҳои асосии пандҳои шоирро муайян кунед.
2. Кадом пандҳои шоир ба шумо маъқул шуд? Чаро?
3. Ду панди шоирро таҳлил кунед ва ба наср баргардонед.

## ҲИКОЯТҲО АЗ «БАҲОРИСТОН»

### 1

Нобиное дар шаби торик чароғе дар даст ва кӯзае бар дӯш дар роҳ мерафт. Пургӯе ба ӯ расиду гуфт:

– Э нодон, рӯзу шаб пеши ту яксон аст ва равшанию торикӣ дар чашми ту баробар. Ин чароғро фоида чист?

Нобино бихандид, ки:

– Ин чароғ на аз баҳри худ аст, аз барои чун ту кӯрдилони бехирад аст, ки то ба ман паҳлӯ назананду кӯзаи маро нашикананд.

### Қитъа

Ҳоли нодонро зи нодон беҳ намедонад касе,
Гарчи дар дониш фузун аз Бӯалӣ Сино бувад.
Таъни нобино мазан, эй дам зи бинои зада,
З-он ки нобино ба кори хештан бино бувад.

http://eduportal.uz

**Луғат**

**Дӯш** – китф, шона; тахтапушт.
**Таън** – айб гирифтан дар кори касе; сарзаниш, маломат.

## 2

Мӯреро диданд ба зӯрмандӣ камар баста ва малахеро даҳ баробари худ бардошта. Ба тааҷҷуб гуфтанд:

– Ин мӯрро бубинед, ки бо ин нотавонӣ бореро ба ин гаронӣ чун мекашад.

Мӯр чун ин сухан бишунид, бихандид ва гуфт:

– Мардон борро ба нерӯи ҳиммат ва бозуи ҳамият кашанд, на ба қуввати тан ва заҳомати бадан.

## Қитъа

Боре, ки осмону замин сар кашад аз он,
Мушкил тавон ба ёварии ҷисму ҷон кашид.
Ҳиммат қавӣ кун аз мадади раҳравони ишқ,
К-он борро ба қуввати ҳиммат тавон кашид.

**Луғат**

**Нерӯ** – қувват, зӯр.
**Ҳамият** – номус, ғайрат, орият.

**Савол ва супоришҳо**

1. Аз ҳикояҳо чӣ хулоса баровардед?
2. Ҳикояҳоро хонед ва маънидод кунед.



http://eduportal.uz

## КАМОЛИДДИН БИНОӢ ВА ҲИКОЯТИ «КАСБИ АДАБ КАРДАНИ БЕҲРӮЗ»



Шоир, таърихнигор, хаттот ва оҳангсози тоҷик Камолиддин Биноӣ соли 1453 дар Ҳирот чашм ба дунё кушодааст. Вай аз хурдсолӣ дар дил меҳри донишандӯзӣ дошт, аз ин рӯ, кӯшиш кард, ки то ҳадди имкон тамоми илмҳои зарурии замонаашро аз бар намояд. Азбаски бисёр мутолиа мекард, дар дил меҳри китоб мепарварид, ин китобдӯстиаш ӯро бо олами назму наво аз наздик ошно намуд.

Сари савдои кас набуд маро,
Ҷуз кутуб ҳамнафас набуд маро.

* * *

Ҳар китобе, ки иштиҳоре дошт,
Назари ман бад-он гузоре дошт.

Биноӣ аз хурдӣ ба шеъргӯӣ шурӯъ намудааст ва ба шеърҳояш Ҳолӣ тахаллус кардааст. Дар шеърият шӯҳрат ёфт ва ба назари Абдураҳмони Ҷомию Алишери Навоӣ афтод.

Биноӣ тамоми умр омӯхт ва эҷод кард. Аз ӯ ба мо се девони ғазалиёт (яке бо тахаллуси «Ҳолӣ» ва дутояш бо тахаллуси «Биноӣ»), се маснавӣ, қасидаҳо, як сафарномаи насрӣ, рисолаҳо оид ба илми мусиқӣ мерос мондааст.

Девонҳои ӯ асосан аз ғазалу қитъа ва қасидаву рубоӣ таркиб ёфта, ҳамагӣ тақрибан 10 ҳазор байтро дар бар мегиранд.

Биноӣ дар ғазалсароӣ равияи Саъдии Шерозӣ, Хусрави Деҳлавӣ ва Ҳофизи Шерозиро пеш гирифтааст.

Биноӣ соли 1512 дар Насаф аз дунё гузаштааст.

Маснавии «Беҳрӯзу Баҳром» яке аз асарҳои машҳуртарини Биноӣ ба шумор меравад.

Достони «Беҳрӯзу Баҳром» асари тарбиявӣ-ахлоқӣ мебошад. Дар он ба воситаи қаҳрамонҳои мусбат ва манфӣ масъалаҳои муҳими ахлоқӣ ба қалам гирифта шудаанд. Шоир дар достонаш образи Беҳрӯзро меофарад ва ба воситаи ин қаҳрамон адлу дод, афву карам, хоксориву тавозӯъ, накӯкорию каримӣ, беозорӣ, ростию дурусткорӣ, донишҷӯию илмомӯзӣ ва монанди инҳоро талқину тарғиб мекунад.

Дар достон образи манфӣ низ мавҷуд аст. Вай дар образи Баҳром намоён мешавад. Шоир ба воситаи ин образ ҷоҳпарастию кибр, ситезакорию кинадорӣ, бухлу ҳасад, дурӯғгӯӣ, ҷоҳилию нодонӣ, мастӣ, шикампарастиву серхобӣ, фиребу найранг барин кирдорҳои бадро сахт мазаммат мекунад.

### Савол ва супоришҳо

1. Камолиддин Биноӣ кӣ буд?
2. Мавқеи Камолиддин Биноӣ дар адабиёти мо аз чӣ иборат аст?
3. Шоир бо образи Беҳрӯз чиро тарғиб намудааст?
4. Чаро образи Баҳром манфӣ аст?
5. Ҳикоя кадом мавзӯъро дар бар гирифтааст?

## ДОСТОНИ «БЕҲРӮЗУ БАҲРОМ»

Мувофиқи анъанаи достонсароӣ «Беҳрӯзу Баҳром» низ бо бобҳои анъанавӣ – муноҷоту наът, васфи халифа ва тавсифи пири рӯҳонӣ оғоз мешавад. Аз қисмати муқаддимавӣ бобе, ки доир ба рутбаи камоли инсонӣ аст, аҳамияти калони тарбиявӣ-ахлоқӣ дорад. Умуман, шоир тамоми маҳорату таҷрибаи хешро ба кор бурда, бо ёрдами ду қаҳрамони ба ҳам зид масъалаҳои умдаи ахлоқиро баррасӣ мекунад. Дар достон бисёр ҳикояту тамсилҳое оварда шудаанд, ки барои тасдиқи фикрҳои шоир хизмат кардаанд.

Достони «Беҳрӯзу Баҳром» дар эҷодиёти шоир мақоми ба худ хос дорад. Асар дар муддати 10 сол навишта шуда, аз 7702 байт иборат аст. Шоир ин достонро дар охири солҳои

ҳаштодуми асри XV ба навиштан шурӯъ кард ва солҳои 1506–1507 онро ба итмом расонид.

Достони «Беҳрӯзу Баҳром», ки дар боло гуфтем, аз наъту муноҷот оғоз мегардад. Пас аз ин шоир дар бораи сабаби назми китоб, мақсаду мароми хеш аз таълифи асар сухан мегӯяд. Баъд ду боби ба ҳам алоқаманд, меоянд, ки яке ба масъалаҳои ахлоқи нек ва дигаре ба ахлоқи бад бахшида шудаанд. Дар ин қисматҳо шоир ҳамчун қаҳрамони лирикӣ намудор шуда, муносибати худро ба ин ду масъала баён кардааст. Сипас бевосита сужети асар шурӯъ мегардад.

Дар шаҳри Ҳамадон ду бародар – Хоҷа Хусрав ва Хоҷа Азиз дӯстона зиндагӣ мекарданд. Хусрав Гулчеҳр ном духтари соҳибҷамол ва Азиз бошад, ду писар – Баҳром ва Беҳрӯз дошт. Ҳар се дар мактаб якҷоя мехонданд. Гулчеҳр ва Беҳрӯз бисёр нағз хонда, сари вақт вазифаҳоро иҷро менамуданд. Боақлу боодоб буданд. Саъю кӯшиш, меҳнату ҳаракати Гулчеҳр ва Беҳрӯз бефоида нарафт. Онҳо бисёр илмҳои замонаашонро ба хубӣ аз худ карда, аз илму дониш хабардор шуданд. Баҳром бачаи танбалу коргурез буда, ба мактаб ва ба омӯзиши илму дониш майл надошт. Ӯ бо одамони бадахлоқ ҳамроҳ шуда, вақти худро ба корҳои беҳуда мегузаронид. Ба ҳамин тариқ, ӯ ба як шахси сиёҳдил, бефарҳангу бедониш ва умуман, шахси зарарноки ҷомеа табдил ёфт. Дар баробари ин, Баҳром мехоҳад ба Гулчеҳри зебою оқила хонадор шавад. Аз ин рӯ, ӯ падарашро маҷбур мекунад, ки ба хонаи амакаш рафта, духтарашро барояш хостгорӣ кунад. Гулчеҳр ва падараш ба хонадоршавии вай розӣ намешаванд. Гулчеҳр Баҳромро бад мебинад. Аммо Гулчеҳр ба Беҳрӯз майлу рағбат ва муҳаббат дошт. Беҳрӯз ҳам Гулчеҳрро дӯст медошт. Вале ишқашро изҳор намекунад. Хусрав муҳаббати ҳар дуи онҳоро фаҳмида, ба бародараш Азиз мегӯяд, ки ман духтарамро танҳо ба Беҳрӯз медиҳам.

Баҳром ин хабарро шунида, ба хашму ғазаб меояд. Бадкирдорию бадкориаш боз ҳам зиёд мегардад. Одамкушӣ ва

дуздӣ мекунад. Аз зиёнкории ӯ мардум ба дод меоянд. Ӯро борҳо ба маҳкамаи қозӣ бурданд. Падараш Хоҷа Азиз тамоми сарваташро ба ивази бадкирдориҳои содиркардаи Баҳром ба товон медиҳад. Падару модар ба фарзанд ҳарчанд насиҳат мекарданд, аммо зиёнкориаш боз зиёдтар шудан мегирифт. Пас аз ин Хоҷа Азиз аз Беҳрӯз, ки дар он замон ҳамчун яке аз шахсони донишманду хирадманд ба ҳисоб мерафт, хоҳиш мекунад, ки ӯро насиҳат карда, ба роҳи рост ҳидоят созад.

Пас аз ин қисмати дуюми достон сар мешавад. Ин қисматро «Насиҳатномаи Беҳрӯз» номидан мумкин. Насиҳатнома аз 20 боб иборат буда, қариб ҳамаи масъалаҳои тарбиявию ахлоқиро дар бар мегирад. Ҳар як боб ба масъалаҳои алоҳида бахшида мешавад. Шоир ҳангоми кушодани масъалаҳо барои тақвияти фикр ҳикояю масалҳои ахлоқии зиёдеро меорад, ки онҳо бобҳоро шавқовар гардонидаанд.

Вале бояд гуфт, ки дар ҳамин ҷо хати сужети асар канда мешавад. Ҳаёти минбаъдаи қаҳрамонҳои асосии достон Гулчеҳр ва Беҳрӯз ба хонанда норавшан мемонад. Маълум намешавад, ки «Насиҳатномаи Беҳрӯз» ба Баҳром то чӣ андоза таъсир расонда тавонист. Зиёнкории вай бартараф шуд ё не? Дар ин бора хулосаҳои дақиқ бароварданро Камолиддин Биноӣ ба хонанда ҳавола кардааст.

Дар мавзӯи достони «Беҳрӯзу Баҳром» образи анъанавии адабиёти гузашта, мубориза қувваҳои бадию некӣ мавқеи асосӣ дорад. Баҳром бадкирдор, бадтинат, вале Беҳрӯз хубу нексиришт аст ва Камолиддин Биноӣ ҳам беҳтарин ақидаҳои пешқадами худро дар симои Беҳрӯз нишон додааст. Биноӣ ба воситаи кушодани характерҳо муносибаташро ба ҷомеа ва таълиму тарбияи инсон нишон додааст. Шоир дар достон ҳамчун рӯҳбардору мададгор ва ҳимоятгари омма, шахсони бечораю мазлум ба назар мерасад. Беҳрӯз дилсоф ва поквиҷдон аст. Ӯ меҳнат кардан ва бо меҳнати ҳалол нон хӯрданро хислати бузургу вазифаи муқаддаси ҳар як шахс ҳисоб мекунад.

### Савол ва супоришҳо

1. Достони «Беҳрӯз ва Баҳром» чӣ гуна асар аст?
2. Давраи бачагии Беҳрӯз чӣ хел гузашта будааст?
3. Хислатҳои неки қаҳрамони асарро як-як номбар кунед.
4. Кадом корҳои Беҳрӯз барои ҷавонон намунаи ибрат шуда метавонанд?

## НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ

### Қофия ва радиф

«Қофия» калимаи арабӣ буда, маънои «аз қафо омадан»-ро мефаҳмонад. Қофия гуфта гурӯҳи калимаҳои ҳамоҳангро мегӯянд, ки дар охири мисраъ ва ё байтҳои шеър омада вазн ва оҳанги онро таъмин мекунанд.

Нишонаи асосии калимаҳои қофияшаванда ҳамоҳангӣ мебошад. Нишонаи дуюми он ки ҳамоҳангии калимаҳо низ ба туфайли он ҳосил мешавад, мавҷуд будани ҳарфи **равҷ** аст. Масалан, дар байти зерини устод Рӯдакӣ калимаҳои **амирӣ** ва **нагирӣ** қофия шудаанд ва овози **р** дар онҳо равҷ мебошад:

Гар бар сари нафси худ **амирӣ,** мардӣ!
Бар кӯру кар ар нукта **нагирӣ,** мардӣ!

Қофияе, ки бо ҳарфи равҷ бунёд ёфтааст, ***қофияи солим*** номида мешавад. Баъзан дар як мисраъ ду қофияи ҷуфт меояд, ки онро зулқофиятайн мегӯянд. Мисол:

Набахшӣ ҳаме ганҷу **динор** низ
Ҳамоно ки шуд пеши ту **хор** чиз.

Қофия воситаи асосии шакли шеъри классикии тоҷик буда, аз рӯйи он навъҳои шеър муайян карда мешавад. Масалан, қофияи ғазал ва қасида ба шакли **аа, ба, ва...**, маснавӣ **аа, бб, вв** ва ғайра мебошад.

http://eduportal.uz

«Радиф» низ калимаи арабӣ буда, маънои «касе, ки дар як асп аз паси каси дигар менишинад»-ро дорад. Дар истилоҳи адабиётшиносӣ калима ё иборае, ки дар охири мисраъҳо баъд аз қофия такрор мешавад, ***радиф*** ном дорад.

Масалан, дар байти зерини Ҷалолиддини Румӣ «нашуд» радиф аст:

Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд,
Ҳеҷ оҳан ханҷари тезе нашуд.

Радиф дар эҷодиёти шоирони классик дар жанри ғазал бештар истеъмол шудааст. Шеъри радифдор хушоҳангу таъсирбахш мешавад. Радиф дар назми муосири тоҷик низ истифода мегардад.

Вазифаи асосии радиф дар он аст, ки шоир мақсади асосии худро дар он мегузорад. Илова бар ин, радиф ягонагиву яклухтии шеърро ҳамроҳи қофия таъмин месозад.

Радиф метавонад аз як ё якчанд калима таркиб ёбад.

### Савол ва супоришҳо



1. Қофия чист?
2. Шеъреро аз китоби дарсиатон интихоб кунед ва қофияашро ёбед.
3. Радиф чист?
4. Аз шеъри интихобкардаатон радифро ёбед.

## АСАРҲОИ ПАНДУ АХЛОҚИИ ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ

Адиб, файласуф, воиз ва олими забардасти тоҷик Ҳусайн Воизи Кошифӣ тақрибан дар соли 1420 дар ноҳияи Байҳақи Сабзавори Хуросон ба дунё омадааст. Вай маълумоти ибтидоиро дар Байҳақ ва Сабзавор гирифтааст. Сонӣ таҳсилро дар Машҳад давом додааст. Кошифӣ баъди аз бар кардани илм-



ҳои расмии замонааш ба омӯхтани илми воизӣ пардохтааст. Дере нагузашта дар илми воизӣ низ шӯҳратманд гашта, миёни мардум ҳамчун шахси воиз – нотиқи хеле ҳунарманд маъруф шудааст. Солҳои 1455–1468 ҳамчун воизи касбӣ дар Нишопур ва Машҳад умр ба сар мебарад. Дертар ба Ҳирот меравад ва то охири умраш дар он ҷо зиндагонӣ мекунад. Кошифӣ соли 1505 дар Ҳирот вафот кардааст.

Кошифӣ бо алломаҳои замонаш Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ бисёр ҳамсӯҳбат шудааст. Вай доир ба ахлоқ, таърих, тасаввуф, нуҷум, риёзиёт, фиқҳ ва ғайра қариб 40 асар ба мерос гузоштааст, ки муҳимтаринашон инҳоанд: «Ҷавоҳирут тафсир фӣ тӯҳфат ил амир», «Тафсири Ҳусайнӣ», «Оинаи Искандарӣ», «Ахлоқи Мӯҳсинӣ». «Анвори Суҳайлӣ», «Бадоеъ-ул-афкор-фӣ-саноеъ-ул-ашъор», «Сабъаи Кошифӣ», «Махзан-ул-иншо», «Рисолаи Ҳотамия», «Футувватнома» ва ғайра.

Мувофиқи ақидаи Кошифӣ камолоти ахлоқӣ ва ҷисмонии инсон бо роҳи андӯхтани дониш, ба амал тадбиқ намудани илм, сабру мардонагӣ, накӯкорию хушгуфторӣ, ҳурмати падару модар, раҳму шафқат, ҳаё вусъат меёбад. Адиб ғайбату дурӯғ, нотавонбинию ҳасад, зулму бераҳмӣ ва падидаҳои дигари ахлоқи бадро сахт танқид мекунад.

«Калила ва Димна» маҷмӯаи қиссаву ҳикоёти пандомези машҳурест аз забони ҳайвонот, ки масъалаҳои муҳими ахлоқию иҷтимоиро дар бар мегирад. «Калила ва Димна» барои хонандагон на танҳо қимати бузурги адабӣ-эстетикӣ, балки аҳамияти калони таърихиро низ молик аст. Ин асари машҳур, ки ба ёдгории мадании умуминсонӣ табдил ёфтааст, дар ҳама асрҳо арзиши бадеӣ-ахлоқии худро нигоҳ дошта омадааст. То ҳол ин асар шӯҳрати беандоза дошта, қариб ба 60 забони халқҳои ҷаҳон тарҷума ва нашр шудааст. Ба инҳо забонҳои суриёнӣ, юнонӣ (1080), яҳудӣ (1251), лотинӣ (асри XIII), испанӣ (1251), немисӣ (1480), итолиёвӣ (1552–1553), даниягӣ (1518), англисӣ (1570), голландӣ (1623), франсавӣ, туркӣ, ӯзбекӣ (1838, 1898, 1966), озарӣ (1960), гурҷӣ, арманӣ, тоторӣ ва ғайра мисол

шуда метавонанд. Тарҷумаҳо дар асоси матнҳои Абулмаолӣ ва ё Кошифӣ ба амал бароварда шудаанд.

Ҳикоятҳои «Калила ва Димна» маҳсули фикри донишмандони Ҳинд мебошад. Унвони китоб аз номи ду шағол гирифта шудааст, ки ба ҳиндӣ Картако ва Дамнако буда, ба паҳлавӣ Калилак ва Димнак, ба арабӣ Калила ва Димна талаффуз гаштааст. Воқеаҳои китоб низ аз мунозираи ин ду шағол ибтидо меёбад.

Ҳикоятҳои «Калила ва Димна» аз Ҳиндустон ба сарзамини мо оварда шуд. Вай аввал ба забони паҳлавӣ, сонӣ аз паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума карда шуд. Тарҷумаҳо бе тағйирот не, балки бо иловаҳо ба амал бароварда шуданд. «Калила ва Димна»-ро аз паҳлавӣ ба арабӣ Ибни Муқаффаъ ба амал овард. Соли 1144 Абулмаолии Насруллоҳ «Калила ва Димна»-и Ибни Муқаффаъро ба тоҷикӣ баргардон кард. «Калила ва Димна»-и Абулмаолӣ аз намунаҳои барҷастаи насри асри XII ба шумор меравад.

То асри XV дар адабиёти форсу тоҷик «Калила ва Димна»-и Абулмаолии Насруллоҳ шӯҳратманд буд. Аз асри XV аҳамияти он то дараҷае кост ва кӯҳна шуд. Акнун мувофиқи талаботи замон зарурати аз нав тарҷума ва таҳрир намудани асар ба миён омад. Ин кори ниҳоят мураккаб ва масъулиятнокро Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба ӯҳдаи худ мегирад. Кошифӣ ба забони тарҷумаи Абулмаолӣ баҳои баланд дода, таъкид мекунад, ки баъзе ибораҳои достон кӯҳна шудаанд.

Кошифӣ матни «Калила ва Димна»-и Абулмаолиро мувофиқи завқи муосирони худ бори дигар дар охири асри XV барои вазири Ҳусайн Бойқаро – Низомуддин Аҳмади Суҳайлӣ таҳрир карда, ба он «Анвори Суҳайлӣ» ном мегузорад. Ин китоб тез машҳур мегардаду «Калила ва Димна»-и Абулмаолӣ аз хотирҳо фаромӯш мешавад. То ҳол «Анвори Суҳайлӣ» шӯҳрати хешро нигоҳ дошта меояд. Баъди асри XV низ «Калила ва Димна» борҳо тарҷума гардид, лекин ягонтои он шӯҳрат наёфт.

Кошифӣ ба тартиб ва миқдори бобҳои китоб дигаргунӣ надаровардааст. Танҳо номи онҳоро мувофиқи мазмуни бобҳо дигар кардааст.

Кошифӣ қариб дар ҳамаи бобҳои китоб аз забони қаҳрамонҳои он тамсил ва ҳикоятҳои хурд-хурди аҳамияти калони тарбиявӣ доштаро илова кардааст. Воқеаҳои ҳикоятҳо васеътар ва муфассалтар баррасӣ гаштаанд. Умуман, «Анвори Суҳайлӣ»-и Кошифӣ аз ҳар ҷиҳат мукаммал гаштааст.

### Савол ва супоришҳо

1. Дар бораи роҳи ҳаёт ва эҷодиёти Кошифӣ нақл кунед.
2. Кадом асарҳои Кошифиро медонед.
3. «Калила ва Димна» чӣ гуна асар аст?
4. Чаро Кошифӣ «Анвори Суҳайлӣ»-ро иншо кард?
5. «Анвори Суҳайлӣ» аз дигар «Калила ва Димна»-ҳо бо кадом ҷиҳаташ фарқ мекунад?

## ҲИКОЯТИ «ОҚИБАТИ ҲАСУД»

Овардаанд, ки дар Бағдод марде буд ҳасуд ва ҳамсояе дошт марди пок ва порсо. Мардуми Бағдод он азизро хеле эҳтиром мекарданд ва дар маҷлису маҳфилҳо аз ӯ зикри хайр менамуданд. Ҳамсояи ҳасуд аз ин ҷиҳат бар он некмард ҳасад мебурд ва дар ҳаққи вай ҳамеша қасдҳо мекард. Аммо ҳар тире, ки аз камони гумон меафканд, ба ин мард намерасид. Охир аз ин муомила ба танг омада, бағоят дармонд. Ғуломе харид ва дар бораи ӯ хеле ғамхориву меҳрубониҳо кард ва ба ӯ борҳо мегуфт, ки «туро барои маслиҳате ва кори муҳиме тарбият мекунам, умедворам, ки дили маро аз зери он бор берун орӣ ва хотири парешони маро аз он машғулӣ фориғ созӣ».

Чун муддате аз ин бигзашт, ғулом чанд навбат ба забони ниёз илтимос намуда гуфт:

– Анвои навозиш ва марҳамат дар бораи ин бечора фармудаӣ, ки ба қуввати иборат шарҳ додан мумкин нест. Мехоҳам, ки дар ивази ин кирдор ман низ ҷонсупорӣ кунам.

Хоҷа чун дид, ки ғулом хоҳиши ҳақгузорӣ ва таманнои ҳаводорӣ дорад, парда аз рӯйи кор бардошт ва фармуд:



http://eduportal.uz

– Бидон ва огоҳ бош, ки ман аз дасти ин ҳамсоя ба ҷон омадаам, мехоҳам, ки ба ӯ накбате расонам, аммо то ҳол ин маро муяссар нашуд ва оташи ҳасад ҳар соат дар дили ман шӯъла мекашад. Туро дар ин муддат аз ҷиҳати ин парвардаам, ки имшаб маро бар боми ҳамсоя бикушӣ ва ҳамон ҷо бигузорӣ. Чун бомдод маро он ҷо кушта бинанд, албатта, ӯро ба тӯҳмати хуни ман бигиранд ва молу ҷони ӯро талаф созанд. Эътиқоди мардум дар ҳаққи вай ба фасод анҷомад.

Ғулом гуфт:

– Эй хоҷа, аз ин фикр даргузар ва чораи ин кор ба навъи дигаре пеш гир. Агар муроди ту дафъи зоҳид бошад, ман ӯро ба қатл расонам.

Хоҷа гуфт:

– Он андешаи дуру дароз аст, шояд ту ба ин зудӣ ӯро кушта натавонӣ. Ман дигар қуввати тоқат надорам, бархез ва ин хидмат ба ҷо ору маро аз худ хушнуд гардон. Инак, ба ту хати озодӣ медиҳам ва ҳамёни зар низ ҳадя менамоям, то аз ин шаҳр биравӣ ва ба вилояти дигар маскан созӣ.

Ғулом гуфт:

– Эй хоҷа, ҳеҷ оқил ин фикр накунад, ки ту кардаӣ. Чун ту бимирӣ, аз куштани ӯ ва аз шиканҷаву ҳабси ӯ чӣ лаззат мебардорӣ?

Чун набошам дар гулистон, лола гӯ, ҳаргиз марӯй.
Чун бирафтам аз чаман, шамшод, гӯ ҳаргиз мабош!

Чандон аз ин навъ суханон дар миён овард, фоида набахшид. Ниҳоят ғулом сари хоҷаашро бар боми хонаи ҳамсоя бибурид ва танашро, ки нанги арсаи вуҷуд буд, ҳамон ҷо бигзошт. Худ хати озодӣ ва ҳамёни зар бардошта, рӯй ба Исфаҳон ниҳод ва ҳамон ҷо истиқомат ихтиёр кард.

Рӯзи дигар хоҷаи бадниятро бар боми некмард кушта ёфтанд. Некмардро ба зиндон ҳабс карданд. Чун куштани ҳасуд собит намешуд, касе ӯро гунаҳкор намеҳисобид, аммо ӯро аз банд низ озод намекарданд. Чанд вақт ҳамчунон маҳбус бимонд.

Иттифоқо баъд аз муддате яке аз савдогарон дар Исфаҳон ғуломро дид. Ғулом аҳволи хешовандони хоҷа ва ҳамсоягонро пурсид. Дар аснои ин ҳол сухан ба он некмард ва ҳабси ӯ расид. Ғулом гуфт:

– Аҷаб ситаме шудааст, ҳол он ки ин кор ба ҳукму фармони хоҷа аз ман собит гашта буд ва он марди пок аз ин муомила бехабар аст.

Пас чигунагии ҳолро ба тамомӣ боз гуфт. Хоҷаи савдогар ҷамъеро ба он ҳол гувоҳ гирифт ва ба Бағдод омада, сурати ҳодисаро гуфт ва он некмардро аз банду қайд озод намуд.

### Луғат

**Ҳасуд** – ҳасадкунанда, бадхоҳ, бадандеш.
**Порсо** – пок, покиза, неккирдор.
**Ниёз** – эҳтиёҷ; майлу хоҳиш.
**Накбат** – бадбахтӣ, сахтӣ, машаққат.
**Фасод** – вайронӣ, бадахлоқӣ; фитна.
**Арса** – майдон.

### Савол ва супоришҳо

1. Мазмуни ҳикояро нақл кунед.
2. Аз ҳикоя чӣ хулоса баровардед, баён кунед.

## МУҲАММАД АВФИИ БУХОРОӢ ВА «ҶОМЕЪ-УЛ-ҲИКОЁТ»-И ВАЙ



Шоир, нависанда ва адабиётшиноси маъруфи тоҷик Муҳаммад Авфии Бухороӣ байни солҳои 1172–1176 дар Бухоро таваллуд ёфтааст. Таҳсили ибтидоиро дар зодгоҳаш фаро гирифтааст. Дар бораи чӣ тарз гузаштани давраи бачагии Авфӣ маълумоте нест. Вай имконияти идомаи таҳсилро доштааст, ки илмҳои таърих, фиқҳ, санъати хаттотӣ, адабиёт ва амсоли инҳоро чуқур омӯхт. Бо оли-



http://eduportal.uz

мони маъруфи давраш Доии Насафӣ, Ашрафи Самарқандӣ, Ғаззолии Хуҷандӣ, Шамсуддин Муҳаммади Марвӣ, ки дар Бухоро фаъолият мебурданд, ҳамсӯҳбат гашта, баҳраҳо бардоштааст.

Авфӣ баъди итмоми таҳсил соли 1201 аз Бухоро ба Самарқанд меравад ва таҳсилашро давом медиҳад. Ба хизмати дарбор даромада бисёр меҳнат мекунад ва ба мансаби соҳиби девони иншо ноил мегардад.

Авфӣ дар Самарқанд аз донишмандони замон Абӯбакри Насафӣ ва Шамсуддин Боқилонӣ сабақ мегирад.

Адиб соли 1203 азми сафар мекунад ва дар тӯли сафари шонздаҳсолааш дар Марв, Хоразм, Ҳирот, Нисо, Сиистон, Нишопур, Қазвин, Исфизор мешавад. Дар ин сафари тӯлонӣ, бо одамони гуногунпешаю гуногунмаслак вомехӯрад, таҷриба меандӯзад, донишашро мукаммал мегардонад.

Авфӣ соли 1219 аз сафар ба Бухоро бармегардад ва як муддат дар зодгоҳаш зиндагонии оромона ба сар мебарад. Ин зиндагонии осоишта бисёр давом намекунад. Дар охирҳои соли 1221 баъди ба Мовароуннаҳр ҳуҷум кардани муғулҳо ба Ҳиндустон меравад. Дар Ҳиндустон фаъолияти илмии Авфӣ ба қуллаи баланд мерасад. Вай дар ҳамин айём машҳуртарин асарҳои хешро таълиф мекунад.

Муҳаммад Авфии Бухорой дар Ҳиндустон хеле сермаҳсул эҷод мекунад. Вай соли 1223 ба шаҳри Учи Ҳиндустон меравад ва бо хоҳиши ҳокими вилояти Синд Носируддини Қубоча ба таълифи яке аз асарҳои машҳури хеш – «Ҷавомеъул ҳикоёт ва лавомеъур ривоёт» («Маҷмӯаи ҳикоёт ва ривоёти дурахшон») шурӯъ мекунад. Дар ин байн воқеаҳои сиёсие рӯй медиҳанду асари Авфӣ нотамом мемонад. Дертар бо хоҳиши вазир Шамсуддин Илтутмиш – Низомулмулки Ҷунайдӣ таълифи асари нотамомашро давом медиҳад ва соли 1233 онро ба охир мерасонад.

«Ҷавомеъул ҳикоёт» аз чор қисм иборат мебошад. Ҳар як қисми асар аз 25 боб иборат буда, ҷамъ сад бобро дар бар мегирад. Ҳар як қисм ва боби асар бо муқаддимаи мухта-

сар сар мешавад. Дар таркиби асар зиёда аз 2000 ҳикояти таърихӣ, афсонаҳо ва ривоятҳо ҷо дода шудаанд.

Калонтарин қисмати китоб қисми аввали он буда, дар бораи шахсони машҳури соҳаи дину шариат, фазилати табибону мунаҷҷимон, ахлоқи дабирону шоирон баҳс мекунад. Дар он як қатор ҳикояҳои ибратангези тарбиявӣ оварда мешаванд. Қисми дуюми асар «Дар баёни ахлоқи ҳамида ва сияри марзия» ном дошта, дар он оиди аҳамияти шарму ҳаё, авф, ҳалимӣ, одоби шоиста, лутфу карам, далериву шуҷоат, сабру қаноат, шукр, аҳду вафо, ҳалолкорӣ ва амсоли инҳо ҳикоят карда мешавад.

Қисми сеюми китоб «Дар баёни ахлоқи мазмума» ном гирифтааст. Дар қисмати мазкур ҳирсу тамаъ, бухлу ҷаҳл, ҳасадхӯрӣ, макру фиреб, кибру ғурур, дурӯғгӯӣ, зулму золимӣ, исрофкорӣ, хиёнат барин кирдорҳои бад зери танқид гирифта мешаванд. Барои таъсирбахшии сухан ҳикояҳои ибратангез оварда мешаванд.

Дар қисми охирини китоб, ки «Дар баёни аҳволи содир ва аҷоиби биҳору билод ва табоси ҳайвонот» ном гирифтааст, ҳикоятҳои гуногунмавзӯъ оварда шудаанд.

Дар таркиби китоб порчаҳои зиёди шеърӣ низ ба чашм мерасанд.

### Савол ва супоришҳо

1. Дар бораи Муҳаммад Авфӣ маълумот диҳед.
2. «Ҷомеъ ул-ҳикоёт» кай навишта шудааст?
3. «Ҷомеъ ул-ҳикоёт» чӣ гуна асар аст?
4. Қисматҳои китобро шарҳ диҳед.

## ҲИКОЯТИ «ЗАРГАР ВА НАҶҶОР»

Дар билоди Озарбойҷон заргаре ва наҷҷореро бо ҳам дӯстӣ буд. Чунон иттифоқ афтод, ки кори эшон тароҷӯъ гирифт ва ҳар ду дасттанг шуданд. Қарор доданд, ки ҳар ду сафаре кунанд.

http://eduportal.uz

Пас бо якдигар аҳд карданд ва рӯй ба тарафи Рум ниҳоданд, дар калисое расиданд ва он ҷо бутони заррин диданд, бо худ гуфтанд:

– Магар ба ҳилате яке аз ин бутонро бишканем ва зарҳо бибарем.

Пас ҳилате карданд ва наҷҷор ба ҳар мавзее, ки мерасид, аз чӯб сурат метарошид ва дар ивази нон ба таббох медод ва бад-ин ҷиҳат қут месохтанд, то ба музофоти Қустантания расиданд ва худро бар сурати роҳибон сохта буданд ва либоси эшон пӯшида. Пас дар калисои маъруф муҷовир шуданд ва муддатҳо риёзат ва муҷоҳидат карданд, чунонки хосу оми он диёр мар эшонро муриди содиқ гаштанд ва ба анфоси эшон табаррук намуданд, то вақте ки подшоҳи он тоифаро муҳиме пеш омад, сокинони калисоро талаб кард, то аз ҳузури эшон фоида гирад.

Эшон бирафтанд ва бутхонаро холӣ гузоштанд ва заргару наҷҷор нарафтанд. Ва он ҷамоат чун бар эшон эътимод карда буданд, эшонро бигзоштанд. Дар он ҷо буте буд миқдори панҷоҳ ман зар. Фурсате ёфтанд ва онро бурун оварданд ва дар мавзее дур дафн карданд ва ба мақоми хеш боз омаданд.

Баъд аз чанд рӯз аҳли калисо бозомаданд ва аз ғайбати бути бузург мутаассир шуданд ва ҳар касро тӯҳмате ниҳоданд ва ба сабаби зӯҳди заргар ва наҷҷор бар эшон гумон набурданд, валекин ҳикояти ғоиб шудани бут бо эшон бозгуфтанд. Эшон руҷӯъ карданд ва гуфтанд:

– Мо аввал рӯз дониста будем, ки моро дар миёни шумо сокин намебояд шуд, ки шумо дар хидмати бут тақсири бисёр мекардед ва ӯро шабҳо ва рӯзҳо холӣ мегузоштед. Мегуфтем, ки мабодо он бут аз шумо хашм гирад ва ба осмон равад ва оқибат чунон буд, ки мо гумон бурдем.

Ва он аблаҳон он суханро тасдиқ карданд. Ва баъд аз он иҷозати сафар хостанд ва зоди роҳ муҳайё карданд ва бирафтанд ва зарҳо бибурданд ва чун ба диёри ислом расиданд, наҷҷор заргарро гуфт:

– Зар дар ӯҳдаи туст, ғами харӣ мехӯр. Муддате заргар ба тариқи инсоф харҷ мекард, баъд аз он иблис ӯро васваса кард, ки аз ин зари ӯ як нисф бармедор ва кас аз ҳоли шумо намедонад, боқӣ мункир мебояд шуд.

Наҷҷор марди оқил буд, донист, ки ба ғасбу тазвир он зар ба даст наёяд, ба ҳилате анҷомид, ки ғараз ба чӣ ҳилат ба ҳусул анҷомад.

Пас дар талаттуф ва таваллуд зиёдат кард ва гуфт:

– Зар маҳалле надорад ва оқил дӯсти қадими озмударо ба оламҳо нафурӯшад ва муддате бад-ин шева зиндагонӣ мекард ва ҳикояту амсол меовард ва пайваста ба висоқи заргар рафтӣ ва ӯро ба висоқи худ овардӣ ва дар ин муддат, ки бо заргар нифоқ меварзид, дар сарои худ, дар зери замин хона сохта буд ва сурате монанди сурати заргар тарошида буд ва бар шаклу либоси ӯ ранг карда ва ду хирсбача оварда буд ва дар муқобили он сурат ба занҷир баста ва эшонро гурусна медошт. Ва ҳар рӯз ду пора гӯшт бар кафҳои он сурат бастӣ ва занҷир бикушодӣ, то он хирсбачагон аз кафи он сурат гӯшт мерабуданд. Пас ҳама рӯз чашми эшон дар он сурат нигарон монда буд ва дар он сурат ва ҳайат мутаяққин гашта.

Пас рӯзе он заргар ба хонаи дуредгар омад, ки наҷҷор даъват карда буд ӯро. Ва заргар ду писар дошт, ҳар ду бар ақиб бо худ овард. Чун аз таом фориғ шуданд, заргар бирафт ва писаронро ҳамон ҷо бигузошт.

Наҷҷор ҳар ду писарро баргирифт ва дар он хона, ки дар зери замин буд, маҳбус кард.

Чун рӯз ба охир расид ва писарони заргар бознарасиданд, заргар музтариб шуд ва ба наздики наҷҷор омад, ки фарзандони ман куҷоянд?

Наҷҷор гуфт: – Ман чӣ донам, дар ақиби ту ба хона боз рафтанд?

Заргар бисёр биталабид ва аз писарон ҳеҷ асар надид, ҷома бидарид ва хок бар сар кард ва ба наздики қозӣ омад ва наҷҷорро ба қозӣ бурд ва даъво кард. Ва қозӣ бонг бар наҷҷор зад, ки писарони ӯ куҷо шуданд?

Наҷҷор пеши қозӣ гуфт: – Эй қозии мусулмонон, ҳар ду писарони заргар хирс шуданд ва ҷуз ақли қозӣ эҳтимол на-кунад, ки... дар амсол омадааст, ки дар аҳди пешин мансух шудаанд ва агар... яке ё ду мансух шаванд, чӣ аҷаб?

Қозӣ... фармуд, ки муҳол магӯй, ки дар уммати Мустафо (с) мансух раво нест ва ҳеҷ кас мансух нашавад, аммо дидан шарт бошад.

Машоих ва маориф ҷамъ шуданд. Наҷҷор даъвате сохт ва қозиро бо суқот ба хона бурд ва дар зери замин хона буд, заргарро дар он ҷо бурд ва он сурат, ки бар мисоли ӯ буд, пинҳон кард ва заргарро ба ҷойи ӯ биситонид ва бо мардум қарор дод, ки агар хирсбачагон писарони ӯ бошанд, падари хешро аз бегона боздонанд.

Ҳамон ки заргар дар мақоми он сурат биистод ва изтиробу майли хирсбачагон ба ҷониби заргар зоҳир шуд ва биёмаданд ва дар ақиби ӯ мерафтанд ва худро дар вай мемолиданд.

Мардумон гуфтанд: – Наҷҷор сидқ мегӯяд.

Заргар ба ҳукми шафқати падарӣ аз тафи фарзандон воқиф шуд ва биёмад ва наҷҷорро ба тарафе бурд ва дар канор ги-рифт ва узрҳо хост ва дар гӯши вай гуфт, ки валлоҳ, ки аз он зар насиби ту боқист ва мерасонам.

Наҷҷор ҳам узр қабул кард ва гуфт... ки писарони ту ба саломатанд, чун бирасонӣ.

Ва ҳар ду бар ин сулҳ карданд ва аз даъвӣ безор шуданд ва қозӣ ва маорифро узрҳо хостанд...

### Савол ва супоришҳо

1. Ғояи асосии ҳикояро муайян кунед.
2. Наҷҷор дӯсташро чӣ гуна сабақ дод?
3. Аз ҳикоя чӣ гуна хулоса баровардед?

### Луғат

**Наҷҷор** – дуредгар, чӯбтарош.
**Тарои** – пасравӣ, ба ақиб рӯй ниҳодан, таназзул.
**Таббох** – ошпаз, пазанда.



http://eduportal.uz

**Мучовир** – муқим, бошанда.
**Мутаяққин** – яқин ҳосилкунанда, боварикунанда.
**Муҳол** – номумкин, имконнопазир.
**Мансух** – нест кардашуда, барҳам додашуда, бекор кардашуда.
**Хоиф** – касе, ки аз чизе метарсад, тарсанда.



## ТЕСТҲО

**1. Ин гуфтаҳо аз кадом**  **мебошанд: «Бе меҳнат роҳат нест», «Дӯст бош безарар бош», «Дониш аз хониш», «Сухан беҳтар аз гавҳар»-ро муайян кунед?**

А. Аз «Донишнома»
Б. Аз «Рисолаи дилкушо»
В. Аз «Зарбулмасал ва мақолҳо»
Г. Аз «Ришнома»

**2. Байти зерин ба қалами кадом адиб тааллуқ дорад?**

Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,
То тавонӣ руй бар ин ганҷ неҳ.

А.  Б.  В.  Г. 

**3. Кадоме аз ин байтҳои зерин ба қалами**  **мансуб аст?**

А. Зи мардумзодаи бо мардумӣ бош,
Чӣ бошад дев будан одамӣ бош!



http://eduportal.uz

Б. Тавоно бувад ҳар ки доно бувад,
Зи дониш дили пир барно бувад.
В. Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон
Бартар аз дидори рӯи дӯстон.
Г. Ба кор ор илме, ки омӯхтӣ,
Макуш машъалеро, ки афрӯхтӣ.

**4. Шеъри**  **-и маст омад, Ба рӯйаки даст омад» дар кадом вазн навишта шудааст?**

А. Ҳиҷо Б. Арӯз В. Озод Г. Шеъри сафед

**5. Кадом мутафаккир соли 1414 таваллуд шуда, дар соли 1492 аз олам чашм пӯшидааст?**

А.  Б.  В.  Г. 

**6. Муаллифи шеъри зерин кист, муайян кунед?**

Ту к-аз меҳнати дигарон беғамӣ,
Нашояд ки номат ниҳанд одамӣ!

- Абӯабдулло Рӯдакӣ
- Носири Хисрав
- Абулқосим Фирдавсӣ
- Саъдии Шерозӣ

**7. Одоб, панд, ҳикмат ва ахлоқ гуфта чиро мегӯянд, бо мисолҳо фаҳмонда диҳед?**

**8.** ________________________________________

http://eduportal.uz

## Фасли 5. ИМОН ВА ЭЪТИҚОД

### ИСМОИЛИ БУХОРОӢ



Имом Бухорӣ 21-уми июли соли 810 дар Бухоро таваллуд шудааст. Номи аслии ӯ Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ мебошад.

Падараш асосан бо корҳои савдо машғул шудааст.

Имом Бухорӣ аз хурдсолиаш ба илми ҳадис меҳри беандоза дошт. Вай аз ровиёни ҳамзамонаш ҳадисҳои шунидаашро ба зудӣ аз худ кардааст. Бо устодаш Шайх Дохилӣ дар баҳсҳои ровиёни ҳадис иштирок мекунад.

Аз ҳадисдонони машҳур Дохилӣ, Муҳаммад ибни Салом Пойкандӣ, Муҳаммад ибни Юсуф Пойкандӣ, Абдуллоҳ ибни Муҳаммад Маснадӣ ва ғайраҳо сабақ омӯхтааст.

Имом Бухорӣ соли 825 бо бародараш Абдуллоҳ ва модараш ба Макка меояд ва ҳаҷро ибодат мекунад. Сипас бародар ва модарашро ба Бухоро фиристода, худаш зиёда аз шаш сол ба шаҳрҳои Ҳиҷоз, Макка, Мадина, Тоиф, Ҷидда, Басра, Кӯфа, Марв, Балх, Ҳирот, Нишопур сафар намуда, ҳадис ҷамъ меоварад. Баъди сафар ба Бухоро баргашта, ба тарғиби илми ҳадис машғул мешавад. Ин рафтору кирдори ӯ ба намояндагони табақаи болоӣ, алалхусус, ҳокими онвақтаи Бухоро Холид ибни Аҳмад Зуҳлӣ хуш намеояд. Ӯ аз ин рафтори онҳо ранҷида, Бухороро тарк мекунад. Аввал ба Пойканд, сонӣ ба яке аз деҳаҳои наздики шаҳри Самарқанд Хартанг омада, то охири умраш  дар ҳамон ҷо зиндагӣ ва эҷод мекунад.

Эҷодиёти Имом Бухорӣ сермаҳсул буда, зиёда аз 20 китоби гуногунро дар бар мегирад. Китобҳои «Ал-ҷомеъ-ас-саҳеҳ»

(«Маҷмӯаи боварибахш»), «Ал-адаб-ал-муфрад» (Дурдонаҳои адаб»), «Ат-таърих ал-кабир» («Таърихи бузург»), «Тафсир-ал-Қуръон» («Тафсири Қуръон) машҳур буда, то ҳол диққати аҳли илмро ба худ ҷалб карда меоянд.

Имом Бухорӣ қариб 600 000 ҳадисро аз ёд медонист. Ӯ ҳадисҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, боварибахштарини онҳоро дар китоби «Ал-ҷомеъ-ас-саҳеҳ» дохил намудааст.

Ба гуфтаи Аллома ибни Салоҳ ҳадисҳои боварибахши такроршудаи он аз 7275 ҳадис, такрорнашавандааш бошад, аз 4000 ҳадис иборат аст.

Ӯро дар илми ҳадис Амиралмӯъмин мегӯянд.

Имом Бухорӣ 31-уми августи соли 870 дар деҳаи Хартанги наздики Самарқанд вафот мекунад.

### Савол ва супоришҳо

1. Матнро ифоданок хонед.
2. Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Имом Бухорӣ нақл кунед.
3. Имом Бухориро чаро муҳаддис меноманд? Боз кадом муҳаддисҳоро медонед?
4. Аз Имом Бухорӣ ба мо чӣ мерос боқӣ мондааст?

## ҲАДИСҲО

Маънои калимаи «имон» эътиқод, боварӣ ба чизе; эътиқод ба арзишҳои дину, мазҳаб мебошад. Эътиқод бошад, бовар, ақида доштан, яқин доштанро мефаҳмонад. Бинобар ин мо аз азал ба ҳар як урфу одат ва анъанаҳои халқӣ эътиқод намуда, ба он амал ва риоя карда меоем. Пас аз Қуръон ба гуфтаҳои Муҳаммад (с), ки пайғамбари соҳибкитоб мебошад.

Панду андарзҳое, ки аз тарафи Пайғамбар нақл шудааст, бо номи ҳадис машҳур аст. Ҳадис баъд аз Қуръон китоби муқаддас ба ҳисоб меравад. Ҳадисҳои Пайғамбар (с), ки инсонро ба роҳи покию адолатпарварӣ, илмомӯзию инсондӯстӣ, ҳурмат намудани падару модар ва дигар хислатҳои нек ҳидоят

мекунанд. Худи калимаи «ҳадис» аз арабӣ гирифта шуда, маънои нав, чизи нав; сухан, ҳикоя ва нақлро дорад.

Адабиёти форсу тоҷик, ки дар рӯйи дунё бо ғояҳои башардӯстию хирадпарварӣ машҳур аст, аз фармудаҳои Пайғамбари ислом (с) бисёр баҳра гирифтааст ва шоиру нависандае нест, ки аз он бенасиб монда бошад. Масалан, дар ҳадиси Пайғамбар (с) омадааст: «Биҳишт дар зери қадами модарон аст».

Ҳаким Низомии Ганҷавӣ ин ҳадисро чунин ба назм овардааст:

Ҷаннат, ки ризои мо дар он аст,
Дар зери қудуми модарон аст.

**Намуна аз ҳадисҳои Пайғамбар (с)**

Қаноат сармояи тамомнашуданист.

* * *

Дӯстӣ бо мардум нисфи ақл аст.

* * *

Накӯ савол додан нисфи илм аст.

* * *

Ҳаё сар то по хайр аст.

* * *

Ба аҳли хонаат салом кун, то баракати хона зиёд гардад.

* * *

Ҳақро бигӯ, агарчӣ талх бошад.

* * *

Зи гаҳвора то гӯр дониш биҷӯй.



http://eduportal.uz

* * *

Илм болотар аз ибодат аст.

* * *

Адаби мард беҳ аз тиллои ӯст.

* * *

Баракати умр дар кори нек аст.

### Савол ва супоришҳо

1. Ҳадис чист?
2. Чаро шоирон аз ҳадисҳои Муҳаммад пайғамбар (с) истифода бурдаанд?
3. Ҳадисҳоро хонед ва мазмунашонро шарҳ диҳед.
4. Ҳадисҳоро аз ёд кунед.

## «ЧАҲОР КИТОБ» – МАХЗАНИ ИМОНУ ЭЪТИҚОД



Дар дунё чунин шоҳасарҳое ҳам мавҷуданд, ки бо мурури замон ба онҳо эҳтиёҷ зиёд мешавад. Қуръони карим ва ҳадиси шариф аз ҳамин қабил китобҳоянд.

Дар ин китобҳо дар бораи шариат, маърифат ва ҳақиқати роҳи инсонӣ дастуру маслиҳатҳо дода шудаанд, лекин онҳо ба забони арабӣ буданд ва халқи тоҷик бе тарҷума маънои онҳоро фаҳмида наметавонист. Саволе ба миён меояд: ба забони тоҷикӣ низ барои шарҳи масъалаҳои болоӣ китобе навишта шудааст ё не? Чунин эҳтиёҷ кайҳо ба миён омада буд. Дар натиҷа «Чаҳор китоб» офарида шуд. Дар як муддати кӯтоҳ дар Эрону Тӯрон, Ҳинду Покистон ва Хитою Кошғар паҳн шуда, машҳур гашт.

http://eduportal.uz

«Чаҳор китоб» китоби дарсии мактабҳои кӯҳна мебошад. Баъди хатми Қуръон ба хондани «Чаҳор китоб» шурӯъ мекарданд. «Чаҳор китоб» аз чор рисолаи алоҳида мураттаб шудааст. Китоби аввали он манзум буда, ба қаламиШарафиддин ном шоир тааллуқ дорад ва ба истилоҳи онвақтаи мактабиён «Ибтидо мекунам» ном гирифта буд, бо байти

Ибтидо мекунам ба номи Худо,
К-аз ду ҳарф офарид арзу само.

оғоз мешавад.

Чунонки қайд кардем, номи муаллифи китоби аввал Шарафиддин аст ва дар ин бора дар худи китоб низ сухан меравад:

Ин туро ёдгор аз Шараф аст,
Номи ӯ дар ҷаҳон ба ҳар тараф аст.
Аз Бухорост мавлиду насабаш
В-аз Хуросон улуму мактасабаш.

Дар бораи муаллифи китоби аввали «Чаҳор китоб» дар ягон сарчашма маълумоте нест, аз ин рӯ, як гурӯҳ зиёиёни бухороӣ бо сарварии шоир Садриддин Салими Бухороӣ ба деҳаи Ғуломтеи ноҳияи Шофиркони вилояти Бухоро экспедитсияи илмӣ ташкил намуданд. Ба ин кор фарзанди барӯманди ноҳия Дилмурод Нуров аз наздик кӯмак намуд. Аъзоёни экспедитсия ба деҳаи Ғуломте рафтанд. Дар ин деҳа масҷиде ҳаст, ки «Хоҷа Шарафиддин» ном дорад. Ин ҳол ба дили олимон равшанӣ ва умед андохт. Бо одамони бисёре сӯҳбат ороста шуд. Аксарият мӯйсафедони деҳа таъкид мекунанд, ки қабри Хоҷа Шарафиддин дар мазори назди масҷид мебошад. Ва ҳатто ҷойи онро низ нишон додаанд, лекин ин маълумотҳо ҳама даҳонӣ буд ва аз ин рӯ, дар дили олимон шубҳа боқӣ мегузошт.

Дертар аз хонадони як марди шофирконӣ – Шамсиддинбобо Муҳиддинов ҳуҷҷате пайдо шуд, ки он хати вақф буда,

соли 1231 ҳиӣрӣ навишта шудааст. Дар он гуфта мешавад, ки Муҳаммад Латиф ном мард ба масҷиди қутб-ул-ақтоб, шайх Шараф ал-милла-вад-дунё наварраллоҳу марқадаҳу замини ҳосилхезашро, ки дар назди Тали Сафед ҷой гирифтааст, вақф мекунад. Хати вақф бо ҳафт мӯҳр тасдиқ шудааст. Ин ҳол шубҳаро батамом аз байн бурд ва исбот намуд, ки муаллифи китоби аввали «Чаҳор китоб» зодаи деҳаи Ғуломтеи ноҳияи Шофиркон мебошад.

Чунонки таъкид намуда будем, китоби аввали «Чаҳор китоб» «Ибтидо мекунам» ном дошт ва соли 1325 ҳиҷрӣ таълиф шудааст.

«Ибтидо мекунам» аз 10 боб (70 байт) иборат аст ва дар он амалиёти ибтидоии дини ислом ба забони содда ифода гардидааст. Рисолаи дуюм бо наср таълиф ёфта, бо ибораи «Бидон» сар шудааст. «Бидон» масъалаҳои дини исломро дар бар мегирад. Рисолаи сеюм бо номи «Қоланабӣ» машҳур аст, ки дар бораи эътиқоди динӣ ва масъалаҳои шаръӣ баҳс мекунад. Рисолаи чорум низ манзум буда, аз «Панднома»-и Фаридуддини Аттор таркиб ёфтааст. Онро «Ҳамди беҳад» низ мегӯянд.

Китоби охирини «Чаҳор китоб» асосан, масъалаи ахлоқу одоб ва тарбияи насли наврасро дар бар мегирад. Дар китоб хислатҳои шоистаи инсонӣ мадҳу ситоиш ва рафтору кирдорҳои ношоиста ва ношоям зери танқид гирифта мешаванд. Мисли аксари китобҳои пешин китоби мазкур низ бо бобҳои мадҳи худованду наъти пайғамбар (с) оғоз мешавад. Бобҳои «Дар фавоиди хомӯшӣ», «Дар баёни сабаби офият», «Дар баёни риёзати нафс», «Дар баёни фазилати фақирӣ», «Дар бораи осори аблаҳон», «Дар баёни ақлу оқилон», «Дар баёни он ки обрӯро биафзояд», «Дар баёни тариқи зиндагӣ», «Дар баёни насиҳат ва хайрандешӣ» ва ғайра панду андарзҳое оварда шудаанд, ки инсонро ба роҳи камолот ҳидоят намуда, ӯро аз разолату пасттинатӣ нигоҳ медорад. Пандҳои асар хеле соддаю равон ва таъсирбахш баён гардидаанд. Маса-

лан, дар боби «Дар баёни фавоиди хомӯшӣ» чунин пандҳои ҳикматомез оварда шудаанд:

Эй писар, панду насиҳат гӯш кун,
Гар наҷоте боядат хомӯш кун.
Ҳар киро гуфтор бисёраш бувад,
Дил даруни сина бемораш бувад.
Оқилонро пеша хомӯшӣ бувад,
Пешаи ҷоҳил фаромӯшӣ бувад.

Чунончи, аз гуфтаҳои болоӣ бармеояд, сухани бисёр ба инсон зарар меовардааст. Дар ин бора дар адабиёти классикиамон низ бисёр суханҳо гуфта шудаанд ва суханони Аттор талқини тоза ва нави ҳамин ақида аст. Инсони соҳибақлу соҳибҳунар ба сухани бисёр мӯҳтоҷ нест. Вай бо кирдори хеш дар бораи худ маълумот медиҳад ва аз ин рӯ, ҳоҷат ба сухани бисёр намемонад.

Дар китоб дар баёни фазилати фақирӣ низ бисёр суханҳои пандомез гуфта шудаанд:

Фақри худро пеши кас пайдо макун,
Меҳнати имрӯзаро фардо макун.
Мар туро он кас, ки ҷисму ҷон диҳад,
Ғам махӯр охир, ки обу нон диҳад.
То ба кай чун мӯй бошӣ донакаш?
Гар ту мардӣ, фоқаро мардона каш!

Дар китоб дар бораи фурӯ бурдани хашму ғазаб ва баёни зарарҳои он низ сухан меравад. Таъкид мешавад, ки хашму ғазаб ба ҷисму ҷони одам офати бисёр меорад ва олами ботинии инсонро торик намуда, ба дидани ҳақиқати ҳол монеа мешавад. Касе, ки ба аспи хашму ғазаб менишинад, оқибат пушаймон мешавад, чунки ҳангоми омадани хашму ғазаб ақл ночор мемонад. Бесабаб намегӯянд, ки пушаймонии охирин

ба худат душман аст. Аз ин ҷост, ки дар боби «Дар баёни мазаммати хашму ғазаб» чунин андарзҳо оварда мешаванд:

Бегумон аз кибр хезад душманӣ,
Ҳосил ояд хорӣ аз коҳилтанӣ.
Ҳар ки гашт аз кибр боло гарданаш,
Дӯстон гарданд охир душманаш.
Хашми худро гар фурӯ нах(в)рад касе,
Оқибат бинад пушаймонӣ басе.

Баъзе бобҳои китоб мавзӯъҳоро ба таври умумӣ баррасӣ мекунанд. Дар онҳо на танҳо як мавзӯи аниқ, балки масъалаҳои умумии ахлоқу одоб тавсифи хешро ёфтаанд:

Ҳар ки гӯяд айби ту андар ҳузур,
Менамояд роҳат аз зулмат ба нур.

* * *

Дил зи қилу ғаш ҳамеша пок дор,
То тавонӣ кина дар сина мадор.

* * *

Гар ту бинӣ нокасеро дастгоҳ,
Ҳоҷати худро аз ӯ ҳаргиз махоҳ.

Дар «Чаҳор китоб» дар бораи одоби меҳмондорӣ низ суханони пурарзише гуфта шудаанд. Дар онҳо оварда мешавад, ки меҳмонро ҳамеша бояд нек дошт ва аз омадани ӯ дилро хуш бояд кард. Чунки меҳмон атои Худо мебошад Вай бо худаш ба хонадоне, ки қадам мегузорад, ризқу рӯзӣ меоварад. Касе, ки меҳмондӯсту меҳмонпарвар аст ва барои ӯ меҳру эъзози хешро дареғ намедорад ва илова бар ин, ӯро ҳамеша бо рӯйи кушод пешвоз мегирад, ба Худованд хуш меояд. Инчунин таъкид карда мешавад, ки одам набояд ба хонаи шахси бахил меҳмонӣ равад. Нони бахилро хӯрдан нашояд.

Меҳмон кофир бошад ҳам, бояд пазируфта шавад.

Эй бародар, меҳмонро нек дор,
Ҳаст меҳмон аз атои Кирдигор.
Меҳмон рӯзӣ ба худ меоварад,
Пас гуноҳи мизбонро мебарад.
Мӯъмине, к-ӯ дошт меҳмонро накӯ,
Ҳақ кушояд боби раҳматро бар ӯ.
Ҳар киро шуд табъ аз меҳмон малул,
Аз вай озурда Худову ҳам расул.

Дар «Чаҳор китоб» дар бораи фоидаи қаноату сабр низ мисолҳои барҷаста оварда шудаанд. Оғози ҳамаи комёбиҳо аз қаноат дониста мешавад. Касе, ки қаноатро пеша мекунад, ҳаёташро ширину гуворо мегузаронад:

Бо қаноат соз доим, эй писар,
Гарчи ҳеҷ аз фақр набвад талхтар.
Ҳар киро аз сидқ дил софӣ бувад,
Хирқае бо луқмае кофӣ бувад.
Ҳар кӣ дар банди зиёдат мешавад,
Дур аз аҳли саодат мешавад.

### Савол ва супоришҳо

1. Матнро ба истҳо риоя намуда, бо диққат хонед.
2. Дар бораи мураттиби «Чаҳор китоб» маълумот диҳед.
3. Дар «Чаҳор китоб» чӣ гуна хислатҳои нек талқин гардидааст?



http://eduportal.uz

## ПОРЧАҲО АЗ «ЧАҲОР КИТОБ»

(*бо ёрии омӯзгор хонда таҳлил карда мешавад*)

### Китоби дуюм
### Фасли аввал
### Дар баёни маърифати имон

**Агар пурсанд, ки:** «Асли имон чист?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Атои Борӣ таъолост ва сари имон – калимаи таййиба гуфтан аст».

**Агар пурсанд, ки:** «Тани имон чист»?

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Панҷ вақт намоз гузоридан аст...».

**Агар пурсанд, ки:** «Нури имон кадом аст?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Рост гуфтан аст ва торикии имон дурӯғ гуфтан аст...».

**Агар пурсанд, ки:** «Пӯсти имон чист?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Шарм аст».

**Агар пурсанд, ки:** «Меваи имон чист?».

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Рӯза аст. Тухми имон илму камоли имон сабр аст ва барги имон тақвост ва мағзи имон дуост ва бехи имон ихлос аст ва ватани имон дил аст».

**Агар пурсанд, ки:** «Воҷиботи имон чанд аст?».

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Дувоздаҳ аст: Аввал бо уламо[1] сӯҳбат доштан; Дуввум – аз мунофиқон дур будан» Саввум – ташнаро об додан» Чаҳорум – беморро пурсидан; Панҷум – дарвешро шафқат намудан; Шашум – фарзанди худро ислом омӯхтан; Ҳафтум – аҳл ва аёли худро намоз омӯхтан; Ҳаштум – дасти марҳамат бар сари айтом[2] молидан; Нӯҳум – мурдаро шустан; Даҳум – санге, ки бар сари роҳ бошад, дур кардан; Ёздаҳум – падару модарро зиёрат намудан; Дувоздаҳум – тавофи хонаи Қаъба намудан».

---

[1] ***уламо*** – олимон

[2] ***айтом*** – ятимон

### Савол ва супоришҳо

1. Асли имон гуфта чиро мегуфтаанд?
2. Воҷиботи имон чанд навъ мешудааст?
3. Оиди мавзӯъ фикратонро баён кунед ва ҷои нафаҳмидаатонро аз омӯзгоратон пурсида гиред.

## ШУГУНҲО

Ба болои остона нанишин, қарздор мешавӣ; агар чашмат роҳ бинад, меҳмон меояд; обро ифлос накун, бемор мешавӣ; кафи дастат хорад, пул мегирӣ – ҳамин гуна нишонаҳои бисёре ҳастанд, ки мардуми мо ба он бовар мекунанд ва нишонаҳои мазкурро як навъ пешомад медонанд. Таваҷҷӯҳи одамон нисбат ба шугунҳо дар давраи шӯравӣ камтар гашт. Олимон шугунҳоро хурофот дониста, ба мардум зараровар гӯён талқин мекарданд. Дар асл бошад, шугунҳо дар ҳаёти мардум ҳамчун таҷриба ҳанӯз аз замонҳои қадим мушоҳида мешаванд. Ҳатто агар шугунҳои мардумиро аз сарчашмаҳои таърихӣ ҷӯё шавем, пеш аз ҳама дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дучор мешавем.

Аксари шугунҳо моро барои ба тартибу низом даровардани одобу ахлоқ, аз ҳар кори бад парҳез кардан, ободию тозагии хонадон, ҳатто дуруст гузоштани ҷиҳозҳои рӯзгор ва доду гирифти чизҳо бо ҳамсоягон даъват менамоянд.

### Намунаҳо аз шугунҳо

Рӯзи шанбе ба касе аз хона чизу чора, пул намедиҳанд, ки хайру баракати хона мепарад.

* * *

Бо дастпок дар як вақт ду кас даст пок намекунад. Дар акси ҳол бо ҳам ҷанг мекунанд.

http://eduportal.uz

* * *

Чизи навро пӯшида пеши оташ намераванд. Бо либоси нав аввал лаби об мераванд. Об рӯшноӣ аст.

* * *

Агар фароштурук ба хона лона монад, хайру барака зиёд мешавад.

* * *

Сагу гурба ғел занад, шамол мешавад, инчунин, заминҷунбӣ шуданаш ҳам мумкин.

* * *

Чуғдак «қур-қур» кунад, хабари нохуш меорад.

* * *

Дар таги коса ё ки табақ хӯрокро намемонанд. Одами ганда дар таги коса ё табақ хӯрокро мемонад.

* * *

Агар мурғ бевақт тулак кунад, тирамоҳ дароз мешавад.

* * *

Агар чашматон роҳ бинад, меҳмон меояд.

* * *

Дасти рост хорад, пул медарояд, дасти чап хорад, пул мебарояд.

### Савол ва супоришҳо

1. Шугун чист?
2. Шучунҳо чӣ тавр пайдо шудаанд?
3. Одамон ҳозир ҳам ба шугунҳо риоя мекунанд ё не?
4. Мавзӯъро хонед ва мазмунашро нақл карда диҳед.



http://eduportal.uz

# Фасли 6. БИҲИШТ – ЗЕРИ ҚАДАМИ МОДАРОН

## ЭРАҶ МИРЗО ВА «МОДАРНОМА»-И ВАЙ



Эраҷ Мирзо яке аз шоирони машҳури эронзамин буда, моҳи октябри соли 1874 дар шаҳри Табрези Эрон, дар оилаи шоҳзодаи фақиргаштаи қоҷор, дида ба дунё кушодааст.

Аз хурдӣ ба шеъргӯӣ пардохтааст. Аввалин шеърҳои ӯ диққати аҳли адабро ба худ ҷалб сохтааст. Дертар дар дорулфунуни Табрез илмҳои мантиқ, фалсафа, маонӣ ва баёнро чуқур омӯхт, аз ҳунари хаттотӣ низ хуб хабардор гашт. Эраҷ Мирзо забонҳои русӣ, туркӣ, арабӣ ва фаронсавиро низ медонист.

Соли 1892 Эраҷ Мирзо ба хизмати дарбори Музаффаруддиншоҳ даъват карда мешавад. Дар муддати кӯтоҳ маҳорати шоирии ӯ вирди забонҳо гашта, ба ӯ лақабҳои ифтихории «Садрушшуаро» ва «Фахрушшуароро медиҳанд.

Эраҷ Мирзо соли 1896 дарборро тарк карда, як муддат дар корҳои гуногун кор мекунад. Дар байни солҳои 1917–1924 дар Машҳад зиндагонӣ кардааст.

Аз Эраҷ Мирзо мероси гаронбаҳое боқӣ мондааст. Девони ашъори ӯ аз шеърҳои гуногуни лирикӣ, ҳаҷвӣ, маснавиҳои «Орифнома», «Зӯҳро ва Маҷнун» таркиб ёфтааст ва тақрибан чор ҳазор байтро фаро мегирад. Беҳтарин шеърҳои шоир дар васфи модар гуфта шудаанд. Модарномаи шоири ҳассос дар тамоми Шарқ машҳур гаштааст. Шеърҳои беҳтарини дар васфи модар навиштаи ӯ инҳоанд: «Модар», «Муҳаббати модар», «Қадри Модар», «Дили модар».

Эраҷ Мирзо соли 1926 дар Теҳрон аз дунё чашм мепӯшад.

### Савол ва супоришҳо

1. Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Эраҷ Мирзо маълумот диҳед.
2. Шоир бештар дар кадом мавзӯъҳо шеър навиштааст?

## МУҲАББАТИ МОДАР

Писар, рав қадри модар дон, ки доим
Кашад ранҷи писар бечора модар.

Бирав, беш аз падар хоҳаш, ки хоҳад
Туро беш аз падар бечора модар.

Зи ҷон маҳбубтар дораш, ки дорад
Зи ҷон маҳбубтар бечора модар.

Нигаҳдорӣ кунад нӯҳ моҳу нӯҳ рӯз,
Туро чун ҷон ба бар бечора модар.

Аз ин паҳлӯ ба он паҳлӯ нағалтад,
Шаб аз бими хатар бечора модар.

Ба вақти зодани ту марги худро
Бигирад дар назар бечора модар.

Бишӯяд кӯҳна, ороял наватро,
Чу камтар коргар бечора модар.

Тамузу дай туро соат ба соат
Намояд хушку тар бечора модар.

Агар як атса ояд аз димоғат,
Парад ҳушаш зи сар бечора модар.

Агар як сурфае бечо намой,
Хӯрад хуни ҷигар бечора модар.

Барои он ки шаб роҳат бихобӣ,
Нахобад то саҳар бечора модар.

Ду сол аз гиряи рӯзу шаби ту,
Надорад хобу хӯр бечора модар.

Чу дандон оварӣ, ранҷур гардӣ,
Кашад ранҷи дигар бечора модар.

Сипас чун по гирифтӣ, то наяфтӣ,
Хӯрад ғам бештар бечора модар.

Ту то як мухтасар ҷоне бигирӣ,
Кунад ҷон мухтасар бечора модар.

Ба мактаб чун равӣ, то бозгардӣ,
Бувад чашмаш ба дар бечора модар.

Агар як рубъи соат дер оӣ,
Шавад аз худ бадар бечора модар.

Набинад ҳеҷ кас захмат ба дунё,
Зи модар бештар бечора модар.

Тамоми ҳосилаш аз умр ин аст,
Ки дорад як писар бечора модар.

### Луғатҳо

**Бим** – тарсу ваҳм, хавф
**Тамуз** – тобистон; гармои тобистон
**Дай** – зимистон; сармои зимистон
**Рубъ** – чаҳоряк



http://eduportal.uz

## Савол ва супоришҳо

1. Шеърро бо овози баланд ифоданок хонед.
2. Дар шеър кадом сифатҳои модар тасвир ёфтааст?
3. Шеърро аз ёд кунед.

# МОДАР

Гӯянд, маро чу зод модар,
Пистон ба даҳан гирифтан омӯхт.

Шабҳо бари гаҳвораи ман
Бедор нишасту хуфтан омӯхт.

Лабханд ниҳод бар лаби ман,
Бар ғунчаи гул шукуфтан омӯхт.

Дастам бигирифту по ба по бурд,
То шеваи роҳ рафтан омӯхт.

Як ҳарфу ду ҳарф бар забонам
Алфоз ниҳоду гуфтан омӯхт.

Пас, ҳастии ман зи ҳастии ӯст,
То ҳастаму ҳаст, дорамаш дӯст.

## Луғатҳо

**Хуфтан** – хобидан, хоб рафтан, хоб кардан
**Шеваи роҳ рафтан** – тарз, равиш, тартиб ва қоидаи роҳ рафтан
**Алфоз** – сухан, калом

## Савол ва супоришҳо

1. Шеърро ифоданок хонед.
2. Шеърро байт-байт хонед ва маънидод кунед.
3. Байтҳои ба худатон маъқули шеърро аз ёд кунед.
4. Дар мавзӯи «Модар – фариштаи бахт» иншо нависед.

## ЛОИҚ ШЕРАЛӢ

**(1941–2000)**



Лоиқ Шералӣ 20-уми майи соли 1941 дар деҳаи Мазори Шарифи ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғд (Хуҷанд)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд ёфтааст. Вай баъди хатми мактаби ҳафтсолаи деҳа омӯзишгоҳи омӯзгории Панҷакент ва Донишгоҳи омӯзгории Душанберо хатм мекунад.

Фаъолияти шоирии Лоиқ ҳанӯз аз давраи мактабхониаш оғоз ёфтааст.

Ӯ аз моҳи майи соли 1979 сар карда, сармуҳаррири маҷаллаи «Садои Шарқ» буд. Нахустин шеъраш соли 1959 таҳти унвони «Ном» дар маҷаллаи «Шарқи сурх» чоп шудааст.

Лоиқ аз ибтидои эҷодиёташ ба мероси бузурги классикон бо камоли майл ва ҳусни таваҷҷӯҳ муроҷиат карда, аз онҳо сабақи шоирию ҳунари суханварӣ меомӯзад ва нававариро идомаи қонунии анъанаҳо медонад.

Ӯ мегӯяд:

Ҳар чизи наве, ки ҳозирон ёфтаем,
Гумкардаи рафтагони пурармон аст.

Яке аз манбаъҳои асосии эҷодиёти Лоиқ дарку таъбири тозаи шеъри классикон ва лаҳзаҳои зиндагию шахсияти нотакрори онҳост. Бисёр шеърҳое бо номи «Ҷоми Хайём», «Ман зиндагии хешро бо ту шинохтам», «Илҳом аз «Шоҳнома», «Тақлиди Мавлавӣ», «Аз Боми ҷаҳон, аз номи ҷаҳон» ва ғайра дорад, ки бевосита илҳом аз афкору образҳо ва лаҳзаҳои зиндагию рӯзгори шоирони классик аст.

Лоиқ ба маънои том идомадиҳандаи анъанаҳои гузаштагон аст. Ба фикри ӯ, на риояи вазну қофия, балки биниши

шоирона аввалин шарти шоирист. Ба ақидаи Лоиқ шоир дар рӯзгори мо «чашми замона», «фарзанди айём», «оинаи давр», «сарбози миллат», «минбари виҷдон»-у «ровии армони халқ» аст. Ҳамин сифатҳоро мо дар шахсияти Лоиқ ва шеърҳои вай эҳсос мекунем.

Дар ашъори Лоиқ қадру манзалати инсон, рӯҳи размҷӯёнаю озодипарастона, ростию росткорӣ, инсофу тавфиқ, ору номус, меъёри мардию мардонагӣ ва номардӣ, табиати одамию хулқу атвори вай, худшиносии миллии шахс, таносуби шахсияту ҷамъият (хусусан дар рубоию дубайтӣ ва ғазалҳояш) мақоми марказӣ дорад. Лоиқ ин мавзӯъҳои ҷовидонаи шеъри моро мазмуну маънии тозаю парвози баландтаре бахшид. Рубоию дубайтӣ ва ғазал дар эҷодиёти Лоиқ ба зинаи сифатан нав бардошта шуд. Катибанависӣ, ки навъи шеърии фаромӯшшуда буд, аз нав эҳё гардида, рӯҳи тоза пайдо кард.

Лоиқ солҳои охир, хусусан баъд аз тарҷумаи ашъори Пабло Неруда «Маскани ман – Замин» ба шеъри сафед рӯ овард.

Лоиқ барои китоби ашъори «Хоки Ватан» соли 1975 ва силсилашеърҳои «Илҳом аз «Шоҳнома» соли 1977 лауреати Мукофоти давлатии ба номи Рӯдакӣ гардидааст.

Нахустин маҷмӯаи ашъори Лоиқ «Сари сабз» соли 1966 таҳти назари Сотим Улуғзода нашр шудааст. Баъд китобҳои ашъораш зери унвонҳои «Илҳом» (соли 1968), «Нӯшбод» (соли 1971), «Соҳилҳо» (соли 1972), «Ташнадил» (соли 1974) ба ҳуруфоти арабӣ, «Хоки Ватан» (соли 1975), «Марди роҳ» (соли 1979), «Варақи санг» (соли 1980), «Хонаи чашм» (соли 1982), «Рӯзи сафед» (соли 1984), «Хонаи дил» (соли 1986), «Офтобборон» (соли 1988) ва «Фарёди бефарёдрас» (соли 1997) ба табъ расидаанд.

Ӯ 30-юми июни соли 2000 дар Душанбе вафот кардааст.

### Савол ва супоришҳо

1. Тарҷумаи ҳоли Лоиқ Шералиро гуфта диҳед.
2. Мавқеи Лоиқро дар адабиёти садаи бист муайян кунед.
3. Аз Лоиқ ба мо кадом китобҳо мерос мондааст?

## ТУ МОНАНДИ ЗАМИН ТАНҲОӢ, МОДАР

Ту монанди замин танҳоӣ, модар,
Ту монанди замин яктоӣ, модар.

Заминро ҳар қадар чун моли меросӣ
Миёни ҳам басо тақсим карданд.
Заминро қитъа-қитъа ҳар қадар
фарзандони ту
Барои ҳамдигар тақдим карданд,
Вале як рӯз донистанд –
Замин қисмат нахоҳад шуд.

Замину осмон,
Хуршеду маҳ
Мисли дили ту,
Мисли меҳри ту
Миёни кӯдакон қисмат нахоҳад шуд.

Ҳама хуршеду маҳ доранд,
Ҳама бо худ замину осмон доранд,
Вале аслан маҳу хуршед,
Вале аслан замину осмон
Монанди ту яктою танҳоянд.

Чунон ки ҳар касеро зодгоҳе ҳаст,
Раҳе, сарманзиле, меодгоҳе ҳаст,
Вале баҳри ҳама Модар-Ватан яктост,
Ту ҳам аз баҳри мо мисли Ватан яктоӣ, эй модар.

Ту яктоиву дар ҳар ҷо,
Ту танҳоиву ту бо мо.


http://eduportal.uz

Туӣ обастани шодӣ,
Туӣ обастани ғамҳо.
Туӣ обастани имрӯз,
Туӣ обастани фардо.
Замину осмон,
Хуршеду Маҳ,
Модар-Ватан
Аз он азизастанд,
Ки беҳамтову яктоянд.

Ҳар он чӣ беш аз якто бувад,
Чандон муқаддас нест.

Ту монанди замин танҳоӣ, модар,
Ту монанди замин яктоӣ, модар.

## Дубайтӣ

Модар, модаро! Шири сафедам додӣ,
Дунё баумедасту умедам додӣ.
То бар сари ман чӣ ояд аз бешу камӣ,
Ту дар сари гаҳвора навидам додӣ.

### Савол ва супоришҳо

1. Шеърро ба истҳо риоя намуда хонед.
2. Шоир чаро модарро мисли замин танҳо ва якто гуфтааст?
3. Чаро Модар-Ватан мегӯянд?
4. Дар шеър боз кадом сифатҳои модар васф карда шудааст?
5. Бандҳои ба худатон маъқули шеърро аз ёд кунед.



http://eduportal.uz

## ТЕСТҲО

Чу аз модар ба дунё омадам ман,
Маро дар гаҳвора баста буданд.
Сари гаҳвораам биншаста ёрон,
Бароям номи лоиқ ҷуста буданд.

Ду дасту пои ман муҳкам бубастанд,
Ки донам қадри дасту пои озод.
Дилам мисли асир озодӣ ҷӯяд,
Бичӯяд дар ҷаҳон паҳнои обод.

Маро дар гаҳвора баста буданд,
Ки аз баҳри халосӣ ёбам имкон,
Ки то дар ҷунбиши гаҳвораи хеш
Барои худ шавам тақдирҷунбон.

Маро дар гаҳвора баста буданд,
Ки қадри хонаободӣ бидонам.
Кушоям худ гиреҳ аз мушкили худ,
Зи хурдӣ қадри озодӣ бидонам.

**1. Муаллифи шеър кист? Номи ин шеърро гӯед?**

**2. Дар ин шеър чӣ гуна калимаҳои «пурмазмун» вуҷуд дорад? Онҳо кадом калимаҳоянд?**

Модар –
Гаҳвора –
Дасту по –
Озодӣ –

**3. Ба расми модар бо диққат нигаред. Кадом ҷиҳатҳои модар хуб ё нохуб тасвир карда шудааст?**

http://eduportal.uz



4. **Шеър ба кадом мавзӯъ бахшида шудааст? Барои ба шоир ном ниҳодан ё ки барои ба озодӣ баромадани кӯдак? Ҷавоби худро нависед.**

5. **Калимаҳои мураккаби шеърро шарҳ диҳед.**

| | |
|---|---|
| А. Ёрон | 1. хешовандон, дӯстон ... |
| Б. Паҳно | 2. бар, паҳнӣ, арз… |
| В. Имкон | 3. қудрат, тавоноӣ ба коре … |
| | |

6. **Муаллифи шеър кист?**

 1

 2

 3

 4



http://eduportal.uz

# Фасли 7. ТО ТАВОНӢ ДӮСТОНРО ГУМ МАКУН

## ДӮСТИИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ ВА АЛИШЕРИ НАВОӢ

Халқҳое, ки бо ҳам аз ҷиҳати мазҳаб, тарзи зисту зиндагонӣ, урфу одат наздиканд, робитаи мустаҳками сиёсӣ, иқтисодӣ ва адабию мадании дар тӯли асрҳо мустаҳкамгашта доранд. Инро дар мисоли халқҳои бародари ҷонӣ – тоҷику ӯзбек возеҳ дида метавонем. Мардуми тоҷик дар тӯли асрҳои дароз бо ӯзбекҳо дар як сарзамин меҳнат ва зисту зиндагонӣ карда, аз як чашма об нӯшида омадааст. Ин ду халқ талхиву ширинииҳои рӯзгорро бо ҳам чашида, якҷоя ба муқобили душманони аҷнабӣ ҷангидаанд. Ҳамаи ин робитаҳои иқтисодию сиёсӣ, маданию маишӣ дар адабиёти бадеии ин халқҳо акси худро ёфтааст. Ҳар гоҳ ки саҳифаҳои адабиёти тоҷику ӯзбекро варақ мегардонем, ба ин боз як бори дигар гувоҳ мешавем. Ин робитаҳо дар шаклҳои гуногуни адабӣ намоён мегарданд. Дар таърихи робитаҳои адабӣ ва таъсири байниҳамдигарии адабиётҳои ӯзбеку тоҷик асрҳои XV–XVI як давраи ба худ хос, як саҳифаи зарринро дар бар мегирад. Ба назар чунин мерасад, ки ҳамаи таҷрибаю анъанаҳои гузашта дар ҳамин давра ҷамъбаст гаштаанд. Дар ҳамин вақт зиндагӣ ва эҷод кардани алломаҳои адабиёти ду халқи бародар Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ гӯё шукӯҳ ва қимати ин даврро даҳчанд меафзояд. Эҷодиёти пурбаракоти ин инсонҳои комил, ин ду шоири забардаст сабаб шуд, ки алоқаҳои адабӣ ва таъсири байниҳамдигарии адабиёти тоҷику ӯзбек боз ҳам мустаҳкам ва ба назар намоён гардад. Алишери Навоӣ устод, пир, ҳамкор ва дӯсташ Ҷомиро дар асарҳояш ба забон гирифта, ӯро самимона «махдуми нуран», «қибла», «устод», «муқтадо», «пир» ва «пешвои аҳли илму адаб» гӯён тавсиф мекунад. Ин ҳол нишонаи эҳтироми беолоиш ва поки шогирди бовафо мебо-

шад. Мавлоно Ҷомӣ низ дар баъзе асарҳояш ба истеъдод, эҷод ва шахсияти Навоӣ баҳои баланд дода, дар қисмати хотимавии достони «Хираднома искандарӣ» ба тавсифу таърифи шогирд ва муридаш муфассал истода мегузарад. Ақидаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва адабии ин ду мутафаккири асри XV ҳамоҳанг буданд ва аз ин ҷост, ки онҳо дар ҳама кор ҳамдигарро дастгирӣ ва пайравӣ мекарданд.

Навоӣ яке аз аввалин касонест, ки асарҳои устодашро ба забони ӯзбекӣ тарҷума намудааст. Масалан, тарҷумаи асарҳои «Нафаҳотул унс» ва «Арбаъин» ба қалами ӯ тааллуқ доранд. Ҳангоми тарҷума забони фасеҳу каломи лутфомези Ҷомиро ба хубӣ нигоҳ доштааст.

Алишери Навоӣ пас аз вафоти Абдураҳмони Ҷомӣ дар байни солҳои 1493–1494 «Хамсатул мутаҳаййирин»-ро иншо мекунад. Ин асар ба хотираи устоди бузургвораш бахшида шудааст.

«Хамсатул мутаҳаййирин» ба забони ӯзбекӣ навишта шудааст. Вай аз дебоча, муқаддима, се мақола ё се фасл ва хотима таркиб ёфтааст. Мавзӯи асосии асар баёни ҳаёту зиндагии Абдураҳмони Ҷомӣ ва муносибати байни онҳо, марсия дар вафоти Ҷомӣ, ёддоштҳои Навоӣ дар бораи Ҷомӣ, мактубҳои байни онҳо ва амсоли инро ташкил медиҳад.

Навоӣ дар бораи хоксорӣ, донишмандӣ, сӯҳбаторои ва дигар хислатҳои ҳамидаи Ҷомӣ дар муқаддимаи «Хамсатул мутаҳаййирин» чунин менависад: «Касоне, ки овозаи камоли он касро шунида, роҳҳои дурро тай карда, ба сӯҳбати муборакашон меомаданд, он касро дар байни асбоб аз ғояти ноаёнӣ мутлақо намешинохтанд; дар нишасту хез, гуфту шунуфт, дар хӯроку пӯшок дар миёни он кас ва соири мулозимон тафовуте набуд. То касе аз улуми зоҳирӣ ва маънавӣ масъалаеро ба миён наандозад, ҳаргиз сафедро аз сиёҳ фарқ карданашон маълум намегардид. Аммо пас аз ба миён гузошта шудани масъала маҳорат ва огоҳиашон ба ҳамаи илмҳо дар чунон мартабае буд, ки ҳаргиз эҳтиёҷ ба дидани китобе надоштанд».

http://eduportal.uz

Дар «Хамсатул мутаҳаййирин» зиёда аз 28 мактуб оварда шудааст, ки 15-тоаш аз Ҷомӣ ва 13-тои дигараш аз Навоӣ мебошад. Дар дохили мактубҳо рубоӣ, қитъа, байт, ки дар ҷавоби якдигар суруда шудаанд, оварда мешаванд. Ин мактубҳо намунаи барҷастаи дӯстию рафоқати ин ду шахси бузург, ду марди хирадманд мебошад. Асари мазкур аҳамияти калони тарбиявӣ дорад.

Дӯстии байни Навоӣ ва Ҷомӣ то лаҳзаҳои охири ҳаёташон қатъ нагардид. Навоӣ дар марги устодаш ашки ҳасрат мерезад ва то як сол азодорӣ мекунад. Ӯ дар вафоти Ҷомӣ марсияи пурсӯзу гудоз эҷод кардааст.

Ба ҳамин тариқ, дӯстию ҳамкории ин ду фарзанди барӯманди тоҷику ӯзбек барои мустаҳкам гардидани муносибатҳои ин ду халқ саҳми босазо гузоштааст. Ин дӯстию ҳамкорӣ имрӯз ҳам инкишоф ёфта, мустаҳкам мегардад.

**Савол ва супоришҳо**



1. Чаро дӯстии байни Ҷомӣ ва Навоӣ ба тимсоли дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек табдил ёфтааст?
2. Дӯстии Навоӣ ва Ҷомӣ чӣ гуна натиҷа додааст?
3. Навоӣ кадом асарҳои Ҷомиро ба забони ӯзбекӣ тарҷума кардааст?
4. «Хамсатул мутаҳаййирин» чӣ гуна асар аст?
5. Дар мавзӯи «Дӯст оинаи дӯст аст» иншо нависед.

## ҲИКОЯТҲО АЗ «ХАМСАТУЛ МУТАҲАЙЙИРИН»

Рӯзе мавлоно Шайх Абдуллоҳи котиб рисолаи муноҷоти мавсум ба «Илоҳинома»-и муқарраби ҳазрати борӣ Хоҷа Абдуллоҳи Ансориро ба назди фақир овард... Фақир сафҳаи аввали он рисоларо кушода, ба хондани қисмати ҳамди он оғоз кардам, бо чунин хаёл, ки як саҳифа ё ғояташ як варақ хоҳам хонд... аз хубӣ ва равонии сухан дар ҳеҷ ҷо бас карда натавонистам, то рисола ба итмом расид... Фардои он рӯз ҳазрати махдум ба бандахона ташриф оварданд. Он рисола ҳозир буд. Гирифта кушоданд ва назари муборакашонро

андохтанд. Ҳамон ҳамсӯҳбатон, чунон ки оин ва одоби аҳли рӯзгор аст, воқеаи рӯзи гузаштаро аз рӯйи тааҷҷуб ба хидмати он ҳазрат арз карданд. Он кас табассум карда, гуфтанд, ки:

– Аҷаб иттифоқи амр дар байни мову ту воқеъ гардидааст. Ду-се рӯз пештар мавлоно Шайх Абдуллоҳ ҳамин рисоларо ба назди мо оварда буд. Мо ҳам аз қисмати аввал сар кардем ва то охир дар ҳеҷ ҷо наистода, ба итмом расонидем.



* * *

Рӯзе он кас ба ҷойе мерафтанд. Махдум Ҳабиб ном як девонаи ҳаммории абтарӣ масту ошуфта аз пеши роҳи он кас баромада, суханони беадабона гуфтааст... Аммо он кас мутлақо эътино накарда ва ба ҷониби ӯ назаре ҳам наандохтаанд.

Боз як рӯзи дигар, ки фақир дар хизмати он кас раҳсипор будам, ҳамон девона ҳамроҳ рафта истодани фақирро дида, чун хаёлоти аҳли ҷунун ва хайли абтар фосид мешавад, ба гумони ин ки он кас шояд дар хусуси беадабии дирӯзаи ӯ ба фақир шаммае изҳор карда бошанд, ба он кас суханони номарбут гуфта, ба узрхоҳӣ шурӯъ намуд.

Фақир тааҷҷуб карда, аз он кас пурсидам, ки:

– Узрхоҳии парешони ин девона аз чӣ ҷиҳат аст?

Он кас болои гапро пӯшида, аз воқеаи рӯзи гузашта чизе изҳор накарданд. Аммо аз асҳоб суханони дирӯзаи он девона маълум гардид.

Ҳар гоҳ он девона беэътидолӣ кунад, ба вай таъзир ва адаб дода мешуд. Фақир хоҳиш намудам, ки адаб фармоям. Вале он кас гуфтанд, ки:

– Чизе магӯ, адаб худ ба ӯ хоҳад расид.

Чанд рӯз нагузашт, ки вай ба дасти девонаи дигар кушта шуд.

### Луғатҳо

**Маъҳуд** – бо аҳду паймон муқарраршуда.
**Мавсум** – исм додашуда, номидашуда.
**Абтарӣ** – бекора, парешон.
**Номарбут** – новобаста, тааллуқнадошта.
**Асҳоб** – сӯҳбаткунандагон, дӯстон, аҳли сӯҳбат.

## ЁДДОШТИ ВОСИФӢ ДАР БОРАИ ҲАМСӮҲБАТ ШУДАНИ ҚОЗИЗОДАИ СИИСТОН БО НАВОӢ ВА ҶОМӢ

Қозии Сиистонро писаре буд зариф ва хуштабъ ва ӯ қасидаи мазкури мавлоно Наҳвиро ҷавоб гуфта буд ва як байти он қасидаи ҷавобӣ ин аст:

Гар айби хоки поки Сиистон кунад касе,
Дарё палид менашавад аз даҳони саг.

Вақте ки қасида ба Мир Алишер расид, гуфт, ки писари қозии Сиистон фозили комил будааст, аҷаб аст, ки то ҳол бо вай маърифате надорем.

Чун ин меҳрубонии Мирро баъзе дӯстони ӯ ба вай расониданд, ба нияти ба ҳузури Мир Алишер расидан, аз Сиистон ба Ҳирот омад.

Вақте ки Қозизода ба сӯҳбати Мир Алишер расид, баъд аз пурсупос Мир ба ӯ гуфт:

– Шумо қасидаи мавлоно Наҳвиро ҷавоб гуфтаед, худ гӯед, ки шумо беҳтар гуфтаед ё Мавлоно Наҳвӣ?

– Ман беҳтар гуфтаам, – гуфт Қозизода дар ҷавоб.

Мир Алишер ин ҷавобро шунида дар андеша афтод, ки «Ин мавриди шикасти нафс ва хоксорӣ буд, бояд ӯ мегуфт, ки «Мавлоно Наҳвӣ беҳтар гуфтаанд», аз Қозизода, ки ба ҳуштабъӣ ва толибилмӣ машҳур аст, ин гуна худситоӣ ва худписандӣ бисёр аҷиб аст?». Мир бо ин мулоҳиза боз аз вай пурсиданд:

– Ба кадом далел шумо беҳтар гуфтаед?

– Мавлоно Наҳвӣ, – гуфт Қозизода дар ҷавоб, – ҳар чизе, ки дар ҳаққи сиистониён ва Сиистони мо гуфтаанд, ҳамагӣ рост ва ҳақиқат аст ва ҳар чизе, ки ман дар мадҳи он сарзамин гуфтаам, тамоман дурӯғ аст. Чун гузаштагон гуфтаанд, ки «дурӯғтарини шеър беҳтарини вай аст», шеъри ман, ки дурӯғтар аст, беҳтар аст.

Мирро ин ҷавоби Қозизода бисёр хуш омад ва ӯ дар хуштабъӣ ва ҳозирҷавобӣ, аз он дараҷае, ки шунида буд, ба назараш беҳтар ва болотар ҷилва кард ва ба ӯ аз ҳад зиёд инъом ва илтифот намуд.

Мир Алишер ҳамон рӯз ба мулозимати Мавлоно Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ расид ва дар вақти сӯҳбат таассуротеро, ки аз сӯҳбати Қозизода гирифта буд, ба мавлоно ҳикоят кард.

Ҷомиро аз ин ҳикоят ҳаваси сӯҳбати Қозизодаи мазкур пайдо шуд ва ба Алишер гуфт:

– Мо агар манзили Қозизодаро медонистем, ба мулозиматашон мерасидем.

Вақте ки Мир Алишер ба хонаи худ бозгашта омад, ба мулозимони худ фармуд, ки Қозизодаро ёфта бинанд ва ӯро бо ин илтифоти Мавлоно Ҷомӣ табрик намоянд ва ба ӯ гӯянд, ки зудтар ба хизмати ҳазрати Мавлоно равад.

Вақте ки Қозизода аз меҳрубонии Ҷомӣ хабардор шуд, зуд ба хонаи ӯ рафт, то ки ӯро зиёрат кунад.

Ҷомӣ дар тобистон ва зимистон ҷомаи оддии пахтадор мепӯшид ва ба сар тоқии убайдӣ (як хел каллапӯши сафед, пештар дар Самарқанд медӯхтанд) ниҳода, бар вай ду-се печ дасторчаи хурде мепечонд. Миёни худро фӯтаи ҳаммомиён мебаст ва ду нӯги фӯтаро аз пеш овезон мегузошт. Бар даст асои ҷавбеде мегирифт, ки аз қоматаш як ваҷаб баландтар буд.

Вақте ки Қозизода ба ҳавлии Ҷомӣ омад, ӯ дар долони дарвозаи вай поҳояшро овезон карда, ба болои суфача нишаст ва дар он ҷо касе дигар набуд. Дар ҳамин вақт Ҷомӣ бо қиёфате, ки дар боло тасвир рафт, асо дар даст аз хона баромад.

Қозизода гумон кард, ки ин мард бояд ошпаз, ё ҳезумкаш ва ё ягон хизматтори оддии Мавлавӣ Ҷомӣ бошад. Бинобар ин аз ҷой барнахост, эҳтироме ҳам накард ва пурсид:

– Ҳазрати Мулло дар хона ҳастанд?

– То ин замон дар хона буданд, – гуфт Ҷомӣ дар ҷавоб ва табассуме кард.

Қозизода худ ба худ гуфт: «Субҳоноллоҳ дар мулозамати ин гуна азизони бузург чӣ гуна мардум мебошанд ва ҷавоби нодуруст медиҳанд ва бесабаб механданд». Баъд аз қадре андеша карда истодан ба Ҷомӣ гуфт:

– Эй гӯли гаранг! Чӣ шавад ки равӣ ва ба ҷаноби Махдум арз кунӣ, ки писари қозии Сиистон омадааст, орзуи мулозамат дорад. Агар марҳамат намуда қадам ранҷа намоянд, ниҳояти илтифот аст.

Ҷомӣ бо шунидани ин супориш худдорӣ карда натавониста баландтар хандид. Қозизода бошад, рӯй турш карда ва оташин шуда гуфт:

– Ин хандаи шумо чӣ балое зебанда аст!

Дар ҳамин вақт якчанд нафар аз калонон, олимон ва фозилони Ҳирот савора ба зиёрати Ҷомӣ омаданд. Чун аз сари кӯча диданд, ки Ҷомӣ ба асо такя карда, ба пеши дарвоза рост истодааст, дар ҳамон ҷо аз аспҳо фаромаданд ва дастҳо пеш гирифта, бо камоли таъзим ба Ҷомӣ наздик шуда, ӯро зиёрат ва ба ӯ арзи эҳтиром карданд.

Қозизода бо дидани ин ҳол зиёдтар дар тааҷҷуб афтод ва дар дили худ мегуфт: «Субҳоноллоҳ ҳазрати Махдумиро чӣ қадар азимат ва бузургворист, ки бузургони шаҳр ба пасттарин хизматгори ӯ ин ҳама арзи эҳтиром менамоянд».

Хулоса ба меҳмонхона даромаданд. Ҷомӣ чунон ки одати ӯ буд, аз ҳама поинтар ва дар пеши дари даҳлез нишаст ва дигарон – ҳар кас ба қадри дараҷаи худ бар ҷойи худҳо нишастанд. Ҷои Қозизода дар паҳлӯи Амир Атоуллоҳ афтода буд ва оҳиста гӯшакӣ карда ба вай гуфт:

– Чаро ҳазрати Махдумро касе хабардор намекунад, ки азизон ба зиёраташон омадаанд ва мунтазири мулоқотанд?

– Махдумо, магар шумо аз ин шаҳр нестед? Ҳазрати Махдумӣ онанд, ки дар кафшгоҳ нишастаанд! – гуфт Амир Атоуллоҳ дар ҷавоб.

Қозизода бо шунидани ин ҷавоб фавран аз ҷой ҷаста берун давид ва Ҷомӣ ба мардум фармуд, ки:

– Қозизодаро нагузоред, ки гурезад ва ӯро дошта пеши мо оред!

Ӯро дошта оварданд ва «Алғарибу қалъамо – ғариб мисли кӯр аст. Худоро, маъзур доред ва аз банда даргузаред...» гӯён фарёд мекард.

Ҷомӣ ӯро таъзим ва ба ӯ меҳрубонии бисёре карда гуфт:

– Мо дар умри худ аз мулоқоти ҳеҷ кас он қадар хурсанд нашуда будем, ки аз мулоқоти шумо шудем.

### Луғатҳо

**Мулозим** – хизматгузори ҳамеша дар хизмат ҳозир.
**Фӯта** – миёнбанде аз матоъ.

### Савол ва супоришҳо

1. Кадом хислати писари қозии Сиистон ба Навоӣ маъқул шуд?
2. Барои чӣ Ҷомӣ низ Қозизодаро дидан хост?
3. Қозизода Ҷомиро чаро нашинохт?
4. Аз ҳикоят чӣ хулоса баровардед?

## УНСУРУЛМАОЛИИ КАЙКОВУС



Бесабаб нест, ки классикони адабиёти гузаштаамон қариб дар ҳамаи асарҳои худ боби «Насиҳат ба фарзанд»-ро дохил карда ва фикрҳои доир ба тарбияи насли наврас доштаашонро бо ҳамин роҳ тарғиб намудаанд.

Унсурулмаолии Кайковус (1020–1099) баъд аз пайдо кардани таҷрибаҳои ғании ҳаётӣ соли 1083 «Қобуснома»-ро навишта, дар он ҳикмат ва панду насиҳати

http://eduportal.uz

бисёреро гирд овард. Асарро Кайковус ба фарзанди худ Гелоншоҳи наврас бахшидааст. Ин китоб аз 44 боб иборат буда, ҳар як боб аз ҷиҳати мавзӯъ гуногун ва дар ҳар кадоме масъалаҳои муҳими одобу ахлоқ ба миён гузошта шудааст. Ба ин маъно муаллиф чунин ишорае кардааст: «Бидон, эй писар, ки ман дар ин чиҳилу чаҳор боби ин китоб дар ҳар фанне, ки донистам, чунон ки тавонистам, бо ту сухан гуфтам ва дар ҳар бобе сухане чанд туро насиҳат кардаму панде бидодам».

Ё худ: Бидон, эй писар, ки ин «Насиҳатнома» ва ин китоби мубораки шарифро бар чиҳилу чаҳор боб ниҳодам. Умед, ки бар мусаннифу хонанда ва нависандаю шунаванда муборак ва маймун афтода».

«Қобуснома»-и Кайковус агарчи дар боби зисту зиндагии ашрофзодагони ҷамъияти гузашта, дар бораи ахлоқи шоҳзодагон баҳс мекунад ва аз ин рӯ, завқ ва талаботи хонандаи имрӯзаро ҳартарафа қонеъ гардонида наметавонад, вале он як намунаи барҷастаи осори гузаштагони мост, ки панди падарро ба писар дар бар намуда, асосан, хислатҳои неки инсониро тарғиб намудааст. Даъват барои аз худ намудани касбу кор, меҳнат, донишомузӣ, ҳаётро мактаби бузурги зиндагӣ пиндоштан ва илова бар ин, нектарин панду ҳикмати халқро ҷамъ оварда, ба воситаи ҳикмат ва панд ба фарзанд орзуҳои неки одамиятро инъикос намудан, мазмуни асосии «Қобуснома»-ро ташкил медиҳад. Муаллифи асар чун падар яке аз онҳоест, ки роҳи халосиро аз нокомиҳои ҳаёту рӯзгор дар омӯхтани касбу кор, илму дониш дида ҷавононро ба он даъват намудааст. Ба воситаи образҳои Суқрот, Афлотуни ҳаким, Анӯшервони одил ақидаҳои неки одамӣ ва беҳтарин таҷрибаҳои аз зиндагии хеш ҳосил намудаашро пешкаши хонандаи ҷавон намудааст.

Асар аз ҳикоятҳои ҷудогонаи ахлоқӣ-дидактикӣ таркиб ёфта, бо забон ва услуби соддаву оммафаҳм навишта шудааст.

«Қобуснома» чун осори адабӣ-бадеӣ, дидактикӣ-ахлоқӣ қимати бузурги тарбиявӣ маълумотдиҳӣ дорад. Масалан, гуфтаи муаллифро аз боби VI «Андар шинохтани ҳаққи модар

ва падар» гирем. Ин ҷо дар боби нигоҳ доштани эҳтироми падару модар аз тарафи фарзанд сухан меравад: «Нигар, эй писар, ки ранҷи дили падару модар нахоҳӣ ва хор надорӣ... Ҳаққи модару падар агар аз рӯйи дин нангарӣ, аз рӯйи хирад ва мардумӣ бинигар... Бо падару модари хеш чунон бош, ки аз фарзандони хеш тамаъ дорӣ, ки бо ту бошанд, зеро ки он ки аз ту ояд, ҳамон тамаъ дорад, ки ту аз вай зодӣ».

### Савол ва супоришҳо

1. «Қобуснома» чӣ гуна асар аст? Асар ба кӣ бахшида шудааст?
2. Дар асар дар бораи ҳурмати падару модар чиҳо гуфта шудааст? Ҳамон ҷойҳои асарро ёфта аз ёд кунед.

## БОБИ «ДАР ОИНИ ДӮСТ ГИРИФТАН» АЗ «ҚОБУСНОМА»-И КАЙКОВУС

Бидон, эй писар, ки мардум то зинда бошанд, ногузир бошанд аз дӯстон, ки мард бебародар беҳ, ки бе дӯстон, аз он ки ҳакимеро гуфтанд, ки «дӯст беҳтар ё бародар?»

Гуфт: «Бародар низ, дӯст беҳ».

Байт:

Бародар бародар бувад, дӯст беҳ,
Чу душман бувад, бе рагу пӯст беҳ.

Пас агар андеша кунӣ аз кори дӯстон; нисор доштан ва ҳадя фиристодан ва мардумӣ кардан...

...Бо дӯстони бисёр айбҳои мардум пӯшида шавад ва ҳунарҳо густурда гардад. Валекин чун дӯсти нав гирӣ, пушт бар дӯстони куҳан макун. Дӯсти нав ҳаметалаб ва дӯсти куҳанро барҷой ҳамедор, то ҳамеша бисёрдӯст бошӣ, ки гуфтаанд: «Дӯсти нек ганҷе бузург аст».

Дигар андеша кун аз мардумоне, ки бо ту ба роҳи дӯстӣ раванду нимдӯст бошанд. Бо эшон некиву созгорӣ кун ва ба ҳар неку бадӣ бо эшон мушфиқ бош, то чун аз ту мардумӣ ёбанд, дӯсти якдили ту гарданд...

http://eduportal.uz

Ва он гоҳ андеша кун аз дӯстони дӯстон, ки онон ҳам аз ҷумлаи дӯстон бошанд ва битарс аз дӯсте, ки душмани туро дӯст дорад, ки бошад, ки дӯстии ӯ аз дӯстии ту бештар бошад.

Байт:

Бишӯй, эй хирадманд, аз он дӯст даст,
Ки бо душманонат бувад ҳамнишаст.

Пас бок надорад аз бад кардан бо ту аз қабили душмани ту. Ва бипарҳез аз дӯсте, ки мар дӯсти туро душман дорад. Ва дӯсте, ки бебаҳонае ва беҳуҷҷате ба гила шавад, дигар ба дӯстии ӯ тамаъ мадор.

Ва дӯстони қадаҳро аз ҷумлаи дӯстон машумор, ки эшон дӯсти қадаҳ бошанд, на дӯст...

Аммо бо бехирадон ҳаргиз дӯстӣ макун, ки дӯсти бехирад ба дӯстӣ он бикунад, ки сад душмани оқил ба душманӣ накунад. Ва дӯстӣ бо мардуми ҳунарӣ ва некаҳду некмаҳзар кун, то ту бад-он ҳунарҳо маъруф ва сутуда бошӣ, ки он дӯстони ту бад-он маъруф ва сутуда бошанд.

* * *

Дӯстро ба фарохиву тангӣ озмой, ба фарохӣ ба зарру ҳурмат доштан ва ба тангӣ ба суду зиён. Дӯсте, ки душмани туро душман надорад, вайро ҷуз ошно махон, чӣ он кас ошное бувад, на дӯст. Ва бо дӯстон дар вақти гила чунон бош, ки дар вақти хушнудӣ ва бар ин ҷумла дӯст онро донӣ, ки туро дӯст дорад ва дӯстро ба дӯстӣ чизе маёмез, ки агар вақте душман шавад, туро он зиён дорад ва пушаймонӣ суд накунад...

### Савол ва супоришҳо

1. Кайковус дар бораи дӯст ва дӯстӣ чиҳо гуфтааст?
2. Кадом фикрҳои пандомези Кайковус ба шумо бештар маъқул шуданд?
3. Шумо низ дӯст доред? Дар бораи дӯстатон нақл карда диҳед.



http://eduportal.uz

# САЪДИИ ШЕРОЗӢ



Саъдии Шерозӣ тахминан дар соли 1189 дар шаҳри Шероз, ки дар қисми ҷануби ғарбии Эрон воқеъ гардидааст, таваллуд шудааст. Вай дар айёми хурдсолӣ аз падар ятим монд ва ӯро амакҳояш тарбия карданд. Пас аз тамом намудани мактаби ибтидоӣ ба шаҳри Бағдод рафт ва дар машҳуртарин мадраса – мактаби олии ин шаҳр, ки мадрасаи Низомия буд, таҳсил намуд. Лекин аз илми мадраса дида, зиндагии одамони оддӣ ва ҳаёти кишварҳои гуногун диққати ӯро бештар ба худ мекашид. Ҳанӯз Низомияро тамом накарда, дар дили ӯ хоҳиши саёҳат пайдо шуд ва ба сафар баромад. Вай дар давоми 20 сол сафар кард. Чандин бор ба Арабистон рафт, Африкаи Шимолӣ, Фаластину Сурия, Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон, Осиёи Миёна ва дигар мамлакатҳоро дид.

Саъдӣ дар миёнсолӣ ба зодгоҳаш Шероз баргашт ва асарҳои бисёре навишт. Асарҳои панду ахлоқии ӯ «Бӯстон» ва «Гулистон» ном доранд. «Бӯстон» дар соли 1257 ва «Гулистон» дар соли 1258 ба охир расидааст. Ғайр аз ин як миқдори калон шеърҳои лирикӣ ҳам дорад, ки онҳоро дар солҳои гуногун эҷод кардааст.

Дар эҷодиёти Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ мавзӯи панду ҳикмат ва одобу ахлоқ, тарбияи ҷавонон мавқеи хосе дорад. Дар асоси асарҳои оламшумули «Бӯстон» ва «Гулистон» одамон фарзандони худро тарбия кардаанд. Аз ин сабаб аст, ки Саъдиро на танҳо дар Шарқ, балки дар Ғарб ҳам ҳамчун муаллими ахлоқ мешиносанд.

Саъдӣ ашъори ба ин мавзӯъ бахшидаашро на барои одамони алоҳида, балки барои оммаи халқ дар шакли ҷамъбасти муҳокимаҳо навиштааст.

Яке аз хусусиятҳои овозадор гаштани Саъдии бузург дар он аст, ки ҳикматҳоро аз худи ҳаёт гирифтааст. Аз ин ҷост, ки суханони Саъдӣ дар байни оммаи васеи халқ паҳн гашта, дар бисёр мавридҳо ҳамчун моли халқ истифода мешаванд. Саъдӣ маҳз мавзӯъ ва масъалаҳои ҳаётиро дарёфт карда, онҳоро дар шакли ҳикоятҳои хурди дилчаспи ибратбахш ба халқ баргардонидааст.

Саъдии бузург дар асарҳои худ «Бӯстон» ва «Гулистон» ҳаёти худро дар заминаи ҳаёту зиндагонии халқаш тасвир карда, он чиро ба қалам додааст, ки худ бо он дар ҳаёташ дучор шудааст. Ин аст, ки аҳамияти таълимии онҳо низ хеле калон мебошад.

Саъдӣ чун шахси таҷрибадору рӯзгордида ба неку бади зиндагӣ баҳо дода, роҳҳои хушбахтии халқро ҷуста, ба одамони табақаҳои гуногуни ҷамъият роҳи аз ҳаёт баҳравар шуданро талқин намудааст. Ӯ бар хилофи назарияи ирсият аз хурдӣ ба тарбияи фарзанд аҳамияти махсус доданро таъкид кардааст:

Туро панди Саъдӣ бас аст, эй писар!
Агар гӯш гирӣ чу панди падар!
Гар имрӯз гуфтори мо нашнавӣ,
Мабодо, ки фардо пушаймон шавӣ!..
Наёбӣ беҳ аз вай насиҳатгаре,
Бубар з-ин дарахт, эй бародар, баре!

Ҳамин гуна ақида дар ҳикоятҳои пандомези «Гулистон» низ ифода ёфтааст. Саъдӣ маънии донишмандии инсони ҳақиқиро дар ҳунари ӯ дида, ин фикрро чунон кӯтоҳ ифода намудааст, ки хонанда онҳоро зуд ҳифз менамояд:

Аъробии саҳроиеро дидам, ба писари худ мегуфт:

– Туро хоҳанд пурсид, ки ҳунарат чист, нагӯянд, ки падарат кист?

Писареро падар насиҳат кард,
К-эй ҷавонмард, ёд гир ин панд:
«Ҳар кӣ бо аҳди худ вафо накунад,
Нашавад дӯстрӯю донишманд».

Бесабаб нест, ки ҳар ду асари Саъдӣ – «Бӯстон» ва «Гулистон» ба сифати асарҳои ахоқӣ нақши муҳим мебозанд.

Саъдӣ гӯё ҳамаи он меваҳои болаззати дарахтони пандро чида, дар ин ду асараш ғунҷонидааст, ки он меваҳо то имрӯз халқро мунтазам ғизобахшандаанд.

Ин ду асари пурҳикмат на танҳо то охирҳои асри XIX дар мактабҳо ба сифати китоби дарсӣ таълим дода мешуд, балки ҳамчун оинаи ибрат барои ҷавонон хизмат карда, дар китобҳои дарсии муосири тоҷик низ ба тариқи интихоб порчаҳои бисёр дохил шудаанд.

Саъдӣ соли 1292 дар шаҳри Шероз вафот кардааст.

### Савол ва супоришҳо

1. Дар бораи Саъдии Шерозӣ ва эҷодиёти ӯ чиҳоро медонед?
2. Чаро «Бӯстон» ва «Гулистон»-и Саъдиро китобҳои ахлоқӣ меноманд?

## ҲИКОЯТҲО АЗ «ГУЛИСТОН» ВА «БӮСТОН»

### Ҳикоят

Овардаанд, ки Нӯшервони одилро дар шикоргоҳе сайде кабоб карданд ва намак набуд. Ғуломе ба русто рафт, то намак оварад. Нӯшервон гуфт: «Намак ба қимат биситон, то расме нашавад ва деҳ хароб нагардад». Гуфтанд: «Аз ин қадар чӣ халал ояд?» Гуфт: «Бунёди зулм дар ҷаҳон аввал андаке будааст, ҳар кӣ омад бар ӯ мазиде кард, то бад-ин ғоят расид».

http://eduportal.uz

Агар зи боғи раият малик хӯрад себе,
Бароваранд ғуломони ӯ дарахт аз бех.
Ба панҷ байза, ки султон ситам раво дорад,
Зананд лашкариёнаш ҳазор мурғ ба сих.

### Ҳикоят

Луқмонро гуфтанд: «Адаб аз кӣ омӯхтӣ?». Гуфт: «Аз беадабон. Ҳар чӣ аз эшон дар назарам нописанд омад, аз он парҳез кардам».

Нагӯянд аз сари бозича ҳарфе,
К-аз он панде нагирад соҳиби ҳуш.
В-агар сад боби ҳикмат пеши нодон
Бихонанд, оядаш бозича дар гӯш.

## ГИЛИ ХУШБӮЙ

Гили хушбӯй дар ҳаммом рӯзе
Расид аз дасти маҳбубе ба дастам.
Бад-ӯ гуфтам, ки: «Мушкӣ ё абирӣ,
Ки аз бӯи диловези ту мастам?»
Бигуфто: «Ман гиле ночиз будам,
Валекин муддате бо гул нишастам.
Камоли ҳамнишин бар ман асар кард,
Вагарна ман ҳамон хокам, ки ҳастам».

### Савол ва супоришҳо

1. Шеърро ифоданок хонед ва аз ёд кунед.
2. Аз мазмуни шеър чӣ хулоса баровардед?
3. Шеърро бо ёрии устодатон ба наср баргардонед.

# БОЛТА ОРТИҚОВ

**(1924– 2001)**



Нависандаи маҳбуби бачагон Болта Ортиқов соли 1924 дар деҳаи Работи Қозиёни Самарқанд дида ба дунё кушодааст. Аз хурдӣ ба деҳа ва одамони меҳнатқарини он меҳр баст. Дар ҳамон ҷо таҳсили ибтидоӣ гирифт ва бачагиаш гузашт. Соли 1952 факултети забон ва адабиёти тоҷики Дорулмуаллимини Самарқандро хатм кардааст. Вай дар ҳаёт ва эҷодиёт ба деҳааш ва мардумони он содиқ мондааст. Деҳаи Работи Қозиён бо меваҳои ширину шаккарин ва боғҳои серҳосилаш машҳур буд. Нависанда бо ҳасрат ва дард онҳоро тез-тез ёд мекунад. Ба тариқи мисол ба ин дарди дили адиби рӯзгордида як гӯш андозед: «Асрҳо инҷониб бо боғдориву токпарварӣ машғул будем. Ҳамин қадар, ки Шӯроҳо боғҳои лайли наҳори падару бобоҳоямонро кашида гирифта, худамонро зӯран ба колхоз аъзо кунонданд. Дувоздаҳ сотих рӯидарича томарқа дода гуфтанд, ки ба шумо ҳамин қадараш кифоя. Ба зиндагӣ карданатон пурра мерасад». Дар ин гуфтаҳои адиб як дарди ниҳонӣ, як армоне пинҳон аст, ки ба аксарияти мо шинос мебошад.

Болта Ортиқов дар кони меваҳо – деҳаи Работи Қозиён, ки дар он вақт ҳамагӣ аз чилу ду хонавода иборат буд, ба воя мерасад. Ҳудуди деҳаи мазкур аз шаршараи Боғи Баланд сар шуда, то роҳи оҳан кашол меёфт. Тахминан 130 гектар замини корам дошт. Рӯидарича ба ин дохил намешуд. Онро бригадаи боғдориву токпарварӣ меномиданд.

Болта Ортиқов як муддати муайян дар бригадаи деҳа табелчӣ шуда кор кардааст. Ин ҷараён ба ӯ имкон дод, ки одамонро аз наздик омӯзад ва аз таҷрибаҳои ширину талхи рӯзгор баҳраҳо бардорад. Нависанда ҳамин ҷараёни зинда-

гии хешро ба хотир оварда, таъкид мекунад, ки ҳангоме, ки ӯ дар деҳа табелчӣ буду Норов Саидмурод ном шахс бригадир шуда кор мекард, дар бригада 15 гектар токзор, ҳафт гектар анҷирзор, 2500 бех дарахти зардолу, 6000 бех дарахти олуболу, 1200 бех дарахти чормағз доштааст. Себу шафтолу, ноку ношпӯтӣ, тути балхиву биҳӣ, мурӯдро ба ин ҳисоб надаровардаанд. Адиб боз таъкид мекунад, ки тирамоҳи ҳамон сол 34 тонна мавиз, қариб ду баробари ҳамин ғӯлунг, аз даҳ тонна зиёдтар чормағз ба давлат супориданд. «Аммо ҳукумат ҳамаи онҳоро мегирифту як граммашро ҳам ба дӯконҳои шаҳрамон баровварда намефурӯхт. Намедонем, ки ҳамин қадар меваҳои хушкро ба куҷо мебурд. Илова ба ҳамин, ба онҳо пули бисёре ҳам намедод. Ба қавле, пишак ба офтоб намебаромад. Вале мардум шабу рӯз худову хӯҷам мегуфтанд, шукр мекарданд. Ҳама ҳалолу покиза мезистанд. Аз моли мардум сахт ҳазар мекарданд. Аз ин ҷост, ки дар ҳама хонадон барака буд».

Шоистаи ибрат аст, ки қариб дар ҳамаи асарҳои хоҳ барои хурдсолон ва хоҳ барои калонсолон навиштаи Болта Ортиқзода васфи деҳа ва Самарқанди бостонӣ барҷастаю зебо ба қалам гирифта мешаванд.

Миқдори китобҳои таълифкардаи Болта Ортиқов аз 40-то зиёд аст. Фаъолияти эҷодии ӯ серпаҳлӯ буда, чунин асарҳоро дар бар мегирад: маҷмӯаҳои «Ҷиянҳои қишлоқиам», «Ба калонкардаат раҳмат», «Конфет», «Себи орухӯр», «Мактуби секунҷа», «Дандони тилло», қиссаҳои «Таътил», «Полвон», «Гули садбарг», «Бачаҳои Лолазор», «Доғи хун», «Ғори ошиқон», «Писари Афандӣ», «Ҳирси дунё», «Достони Самарқанд», «Чор ҳикоят».

### Савол ва супоришҳо

1. Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Болта Ортиқзода нақл кунед.
2. Кадом асарҳои нависанда дастраси шумо гаштааст?
3. Нависанда оиди деҳаи худ ва мардуми он чиҳо гуфтааст?

## НОНИ САМАРҚАНД

Халқи мо анъанаҳои бисёр дорад. Ҳамаи онҳоро тасвир ё ҳатто номбар кардан душвор. Фақат ҳаминашро гуфтан мехоҳам, ки дар аксари деҳаҳои мо мардум мисли аъзоёни як оила зиндагонӣ мекунанд. Онҳо чунон тифоқ ва ба ҳамдигар меҳрубонанд, ки агар яке муддате ба назар нанамояд, даррав чор нафар даромада, аз ҳолаш хабар мегиранд ва агар лозим бошад, ёрӣ мерасонанд. Ана ҳамин хел мардуми софдил, кушодрӯ ва ҳимматбаланд ҳастанд онҳо. Ман дар шаҳр, дар Университети давлатии Самарқанд таҳсил мекунам. Ҳамин ки ба таътили тобистона баромадам, ҳамсояҳо бо навбат ҷеғ зада, маро меҳмон мекунанд. Ҳар чиз доранд, бароварда ба рӯйи дастархон мегузоранд.

Охирҳои моҳи август буд. Яке аз ҳамин хел меҳмондориҳо дар ҳавлии ҳисобчӣ барпо гардида буд. Дар пешгаҳи давра усто Маъруфи дуредгар, раис – Мардон ака, ман ва боз се-чор нафар ҳаққу ҳамсояҳо менишастем. Дар байни хона дастархони калон густурда шуда, рӯйи онро анвои меваҳо оро медод. Ҳисобчӣ дар поёни хона менишаст. Вай дам ба дам хеста чой дам мекард, таомҳои нав ба нав меовард. Меҳмононро ба хӯрдан таклиф менамуд.

Ба давраамон меҳмони нав, директори мактаби қишлоқамон омада ҳамроҳ шуд, ки як ҳафта пеш аз ин ба саёҳати шаҳри Самарқанд рафта буд. Ҳама аз ҷой хестем. Вай бо одамон якяк вохӯрӣ намуда, ду нони калони гулдорро, ки аз Самарқанд ба ҳисобчӣ савғотӣ овардааст, бароварда ба рӯйи дастархон гузошт. Кунгуракории атрофи нон сӯзаниҳои майдагули қадимаро ба хотир меовард. Дар байнаш бошад, бо ҳарфҳои калон «Аз Самарқанд ба ... савғо, соли ...» навишта шуда буд. Нонро ба даст гирифта нигоҳ кунед, дар рӯяш аксатон менамуд. Ба даҳон набурда аз ҳуснаш сер мешудед. Нон даст ба даст гузашта, давраро як маротиба давр зада баромад. Таърифи нони Самарқанд авҷ гирифт.

Усто Маъруф, ки мӯйсафеди пурдида, зиндадил ва ҳозирҷавоби қишлоқамон ба шумор мерафт, ривояти аҷибе гуфт. Нони Самарқанд дар Мовароуннаҳр аз замонҳои хеле қадим маълуму машҳур будааст. Дар ҳеҷ кадом шаҳру вилояти он ба нон то ба ин дараҷа бино монда, онро ин қадар зебо ва ширин пухта наметавонистанд. Ҳатто Заҳириддин Муҳаммад Бобур дар китоби худ «Бобурнома» навишта будааст, ки самарқандиён нонпазони хуб доранд.

– Рост-дия, ба таъриф меарзад, – усто Маъруф нонро ҳамчунон аз даст намонда гап мезад. – Бинед, ба шикастан дили кас намешавад. Фақат тамошо куну шин. Ба пазандаат офарин!

– Барои ҳамин ҳам дар урфият мегӯянд, ки «орди гандум ҳама ҷо, пазанда ҷо-ҷо» – луқма партофт яке.

Мардонака, ки чанд дақиқа ин ҷониб хомӯш менишаст, бо тамасхур норозиёна сар ҷунбонд.

– Усто, – гуфт вай ба Маъруфбобо нигариста: – гап фақат ба орду гандум не. Ин хӯриш дорад, хӯриш. Вақте ки ман дар Самарқанд мехондам, ҳамаашро пурсида гирифта будам. Ба ҳар килои ордаш чандсадграммӣ орди нахӯд ҳамроҳ мекардаанд. Ба ҷойи об бошад, фақат шири нав ҷӯшидагиро меандохтаанду сонӣ ин нони Самарқанд мешудааст. Агар ҳамин хӯришҳоро муҳайё кунед, зани шумо нони аз ин ҳам аълотар мепазад.

Мардонака суханашро гуфта аз як сар ба даҳони одамон зеҳн монда баромад. Ӯро ҳеҷ кас тарафдорӣ накард. Усто Маъруф бошад, чашмонашро нимкоф карда хандид. Ин нишонаи тан надодан буд.

Баъзеҳо боз нонро ба дасташон гирифта, ба пешу пушти он назар афканданд. Баъзеашон онро гаштаву баргашта бӯй карда мегуфтанд, ки ягон қатра ҳам шир қатӣ кардагӣ не. Агар мебуд, нон бӯи шир медод.

Ҳамин вақт ҳисобчӣ ҳам ҳунарашро ба кор андохта, аз ёд ҳисоб карда мегуфт, ки агар хӯриши Мардонака гуфтагиро ҳамроҳ кунанд, ба нархи харидаи директор рост намеояд.

Далели нав ба усто Маъруф қувваи тоза бахшид. Вай ба гуфтаҳояш мустаҳкамтар исрор мекард. Аммо Мардонака ҳам аз он касоне набуд, ки ба осонӣ сар хам кунаду аз фикри худ гардад. Мунозира қариб ним соат тӯл кашид. Ниҳоят, ҳозирон онҳоро бо чунин таклифе ба ифоқа оварданд, ки асрори нони Самарқандро ман гуфта диҳам. Вале ман чӣ гӯям? Рост, ки чор сол боз дар Самарқанд мехонам. Медонам, ки Самарқанд шаҳри хеле қадима буда, ба он қадами Абдулҳасани Рӯдакӣ барин одами бузург расидааст. Самарқанд ба Ҷомию Навоӣ барин симоҳои намоёни адабиёти тоҷику ӯзбек таълим додааст. Мирзо Улуғбек барин олимонро ба воя расонидааст, ки ӯро ҳамаи олам мешиносад. Медонам, ки Самарқанд бо манораҳои сар ба фалак кашидаву гунбазҳои осмонбӯсаш машҳури ҷаҳон гардидааст. Нақшу нигор, кошинкориҳои онро дида, ҳуш аз сари бинанда мепарад.

Ман медонистам, ки Самарқанд бо боғу бӯстонҳои хушҳаво, бо чаман-чаман гулзорҳои назаррабояш машҳур аст. Анҷири Боғи Баланду ҳусайнии Боғи Майдон, кишмиши Сочаку зардчаи Кони Гил дар ширинӣ қанду асалро ҳам ба як нӯл мезананд. Аммо намедонистам, ки нони вай то ин дараҷа маълуму машҳур будааст. Афсӯс мехӯрам, худамро даруннокӣ сарзаниш мекардам, ки чаро ба ҳамин гуна нонҳои зебои он эътибор надодаам? Чаро аз ягон рафиқи самарқандиам пурсида нагирифтаам, ки хамири онро аз чӣ хел орд мекунанду ба кадом тариқа мепазанд.

Илоҷи дигар набуд. Рости гапро гуфтаму ба усто Маъруфу Мардонака, ба аҳли сӯҳбат ваъда додам, ки ба Самарқанд мерavаму ба ин савол ҷавоб меёбам ва ба онҳо мактуб менависам. Онҳо розӣ шуданд.

* * *

Рӯзи аввали таҳсил хурсандии донишӯён интиҳо надошт. Ҳар кас чизҳои дар таътил дидаашро гуфта, таассуроти рафиқонашро мешунид.

http://eduportal.uz

Аммо ман дар ташвиш, дар фикри он будам, ки сирри нони Самарқандро аз кӣ пурсам. Чӣ кор кунам, ки аз ордбезӣ сар карда, то ба танӯр часпонидани нон – ҳамаашро худ бинам. Боз ду рӯзи дигар хаёл карда гаштаму аз ҳамкурсонам Назокатро ба каноре ҷеғ зада, мақсадамро ба ӯ гуфта додам.

– Шумо одами ғалатӣ-дия, Қосим ака – гуфт хандида Назокат, – худи ин ҳеҷ кор нею «хаёл карда гаштаам», мегӯед.

Назокат Ҳабиба ном дугонае доштааст. Мактаби миёнаро тамом карда, ду сол инҷониб дар заводи нонпазӣ кор мекардааст. Ба ғайр аз ин, Ҳабиба ба пухтани нонҳои гулдори Самарқанд ҳамто надоштааст. Кадом вақте ки ба шаҳр меҳмонҳои мӯътабар оянд, нони гулдорро ба Ҳабиба мефармудаанд.

– Табъи дили ман будааст, – шӯхиомез гуфтам бағоят хурсанд шуда. – Акнун дасти ману домони шумо.

Ҳавлии Ҳабибаино чандон васеъ набуд, аммо айвон ва хонаҳои бошукӯҳ дошт. Аз пеши айвон ҷӯйчае мегузашт, ки обаш зулол буд.

Саҳни ҳавлӣ пур аз гул: гулҳои кӯшкдорӣ, ҳиногӣ, тоҷи хурӯс, ошиқи печон, намозшомкушо. Хулоса, сад хел гул бо ҳазор ранг метофт, чашми касро мебурд.

Аз дари хона як кампири тақрибан шастсолае баромад, ки қоматаш андаке хамида бошад ҳам, бардаму далер ва мардона қадам партофта меомад. Ман салом додам.

– Биёед, биёед, писарам, – гуфт кампир алек гирифта. – Шарм надошта омадан гиред.

Кампир моро ба сояи дарахти дилафрӯз, ба рӯйи тахтакате таклиф кард, ки кӯрпачаҳои нав густурда шуда буд.

– Писарам, дурусттар шинед, – боз меҳрубонӣ намуд кампир.

– Шарм надоред.

Кампир тез-тез қадам партофта ба сӯйи хонааш рафт.

– Қосим ака, – гуфт ҳамин вақт Назокат, – шумо ҳам шарм медоштед-дия, ду бари рӯятон алав барин сурх шуд.

– Албатта, – иқрор шудам ман. – Охир, одами ҳеҷ гоҳ надидаам...

Ин буд, ки даричаи пешгаҳи ҳавлӣ кушода шуду аз он як духтари миёнақади мӯяш ғуллӣ ва сип-сиёҳ гузашта омад.

– Ҳабиба, – гуфт Назокат ба ман нигоҳ карда. Сӯҳбатамон бурида шуд. Ман аз ҷоям хестам.

– Ассалом, – гуфт бо чеҳраи кушод ба ман даст дода Ҳабиба. – Биёед, биёед.

– Мо кайҳо омада будем, – ба ҷойи ман сухан кард Назокат. – Соҳиби хона нестанд.

Кампир дастархон ва лаълии ширавор бардошта омад. Ман саросема ба ҷойи аввалаам баромада нишастам.

Кампир ҳам ба рӯйи кат баромаду дастурхони овардагиашро кушод. Лаълии шираворро дар мобайни он гузошта, якбора ду нони калонро шикаст.

Ҳабиба дар ду табақча мева гирифта омад. Чойники чойро дар пеши Назокат гузошту худаш ҳам дар як лаби тахтакат нишаст.

– Гиред, писарам, гиред, – гӯён кампир ба ҷону ҳолам намонд. – Ҳаргиз шарм надоред. Нон баҳонаю шумо омадед. Набошад, мо кучову шумо куҷо.

Риштаи сухан ёфт шуд. Ман воқеаи дар хонаи ҳисобчии хоҷагиамон рӯйдода ва баҳсу мунозираи усто Маъруфу Мардон акаро мухтасар гуфта додам. Ҳикояти маро онҳо бо завқи тамом гӯш карданд.

– Мақсади шуморо ман акнун фаҳмидам, – гуфт бо табассум чашмонашро бозӣ доронда Назокат. – Ҳа, шумоён балоча. Чӣ тавр пухтани нони Самарқандро мебинеду рафта ба раисатон мегӯед. Раисатон ба занаш мегӯяд. Сонӣ зани раис...

Ҳар сеяшон баробар хандиданду кампир:

– Майлаш, майлаш, – гуфт ва идома дод: «Орзуро айб нест» мегӯянд. Ба рӯйи як дафтар навишта гиранд. Зани раисмӣ, дигараш-мӣ, аз рӯи навишти ҳамин кас пухтан гирад, мешавад.

– Даррав ба навишта гирифтанатон розӣ намешавем-дия, – Ҳабиба ҳам ба гап қатӣ шуд. – Ҳар касе, ки нонпазиро омӯхтан мехоҳад, аввал бояд ба хамир об андозад, чорзону нишаста мушт кунад, ду-се маротиба ба танӯр алав монад, ана сонӣ...

Ҳазли Ҳабиба ба ман малҳам барин фориду беихтиёр хандида фиристодам.

Баъд аз ҳамин кампир ба дастархон фотиҳа хонд. Ҳама баробар хестем. Назокат кори зарур дорам, гӯён бо мо хайру хуш намуд.

Ҳабиба маро ба хамирхона бурд. Ордро пеш аз омадани ман бехта монда будааст. Аз як пуд чор кило чириш мебаровардаанд.

Ҳабиба дар таги дар, барои ман курсӣ оварда монду дасту остин бар зад, орди бехтаашро ба тағора андохт. Кампир ба тағора андак-андак об мерехт.

– Шуд, шуд, – гуфт Ҳабиба. – Мулоим мешавад. Кампир баромада рафт. Ҳабиба сари зону нишаста ба мушт кардани хамир сар кард.

Ман ба кори ӯ зеҳн мондам. Вале аз кораш дида ҳуснаш маро бештар ба худ мекашид. Дастони Ҳабиба сап-сафед буданд. Лабу даҳони базебаш ғунчаи нав шукуфтаи гулро ба хотир меовард. Чеҳраи гандумгунаш ҳам як ҷозибае дошт, ки чашм кандани кас намеомад.

Ҳабиба хамирро якзайл мушт мекард. Ба назарам, хамир об мебардошт. Агар модари ман мебуд, ба он як косаи дигар об меандохту хамирро ба рӯйи сурфа мегирифт.

Аммо Ҳабиба ин тавр намекард. Вай ба ҳеҷ чиз аҳамият надода, бо тамоми қувва, ҳамаи вазнашро бар болои хамир партофта мушт мекард.

Рости гап, ки ба Ҳабиба раҳмам омад. Гуфтан мумкин, ки вай танҳо аз орд, аз орди хушк хамир кард.

Боз чунин хамире сохт, ки резин барин бо кашидан канда намешуд.

– Меҳнаташ хеле зӯр будааст, – гуфтам ман.

– Як сирри нони Самарқанд ҳамин ки – гуфт Ҳабиба, – хамири онро аз ҳад зиёд сахт мекунанд. Мушт карда-мушт карда, ба як ҳисоб ордро дар тағора мепазанд. Дар хамир зарра барин ҳам об намемонад. Агар монад, нон дар танӯр намеистад. Ман ҳам ба нақли Ҳабиба гӯш мекардам.

Ҳабиба аллакай хамирро зувола гирифта, болои онро бо латтаи сафед мепӯшид.

– Қосимака, – гуфт вай бо табассум, – ба дафтаратон навишта нагирифтед-ку?

– Дар дилам навишта истодаам.

Ҳабиба қоҳ-қоҳзанон хандид.

– Дар дилатон фақат хамирро навишта истода бошед, майлаш-куя, метарсам, ки чизҳои дигарро ҳам нанавишта бошед.

Дуямон ҳам баробар хандидем. «Духтарак шӯх будааст» гуфтам дар дилам.

– Гардед, берун мебароем, – гуфт Ҳабиба.

Ҳар ду баромадем. Ман омада боз ба лаби кат нишастам. Ҳабиба хамири дастонашро ба оби ҷӯйча шуста, як даста чиннирайҳонро оварда ба ман тӯҳфа кард.

Кампир омад. Ҳабиба ба танӯрхона рафт. Сӯҳбатамон авҷ гирифт. Аввал хешу таборҳои маро кампир пурсид. Баъд худаш ҳикоят кард. Вай писар надоштааст. Ду духтари калонияш ба шавҳар баромада, бачаву качадор шуда будаанд.

Ҳабиба ана ҳамин модари пирашро гуфта, аз хондан, аз қатори дугонаҳояшон ҷудо шуда мондааст. Кампир боз чизҳои дигарро нақл кард. Лекин охири нақлаш ба гӯшам намедаромад. Зеро даҳонам ба кампир «ҳа, ҳа» мегуфту чашмонам Ҳабибаро ҷустуҷӯ мекарданд.

Инак, Ҳабиба омада гуфт, ки хамир расидааст. Вай хамирро рост карда, ба рӯяш гул мебарорад. Модараш бошад, ба танӯр алав мондан мегирад.

Боз дар болои курсӣ нишаста, ба кори Ҳабиба нигоҳ мекардам. Духтар дасту остинҳояшро бар зада, мӯйҳои сип-сиёҳи ғуллиашро ба пушти китфаш гирифта партофту ба кор сар кард.

Дасташ ба дасташ намерасид. Зуволаҳоро дар рӯйи тахтачаи сарпӯшмонанде рост карда, ба рӯяш аз хамири ресмон барин маҳин тофта гулҳо мебаровард. Ман аз курсӣ хеста ба наздаш омадам. Гӯё ба чашмонам бовариам наомада истода бошад, гулҳои рӯйи хамирро даст-даст карда дидам.

– Ин гулҳо дар вақти ба танӯр часпониданатон вайрон намешаванд?

– Не, хамираш сахт. Танӯрро бо алави тез муддаои табъ метасфонем. Фақат ба пушти хамир нағзакак об дода тавонем, нонро худи танӯр кашида мегирад. Гулҳо вайрон намешаванд.

Ҳабиба дар андак муддат хамири дувоздаҳто нони гулдорро рост кард. Онҳоро ба рӯйи нонсабад гузошта, ба назди танӯр гирифта омад.

Танӯр бағоят калон буд. Одам ба дарунаш бемалол даромада мерафт. Танӯр аз баландии оташ тафсида сап-сафед шуда буд. Лахчаи оташ то рафт баландтар ҳил медод.

Ҳабиба ба сараш рӯймолчаеро баста гирифту рӯйи лахчаи ҳил дода истодагиро бо тунукае пӯшид. Нонҳоро ба рӯйи рафида гузошта, тез-тез ба танӯр часпонидан гирифт. Ин кор устогӣ ва чолокиро талаб мекардааст. Ҳамин ки нон часпонида шуду алавпӯшакро аз рӯйи лахча гирифт, Ҳабиба як нафаси дароз кашида ба сӯям нигоҳ кард. Мулоимакак табассум кард. Чеҳраи вай лола барин суп-сурх шуда буд. Баъд аз чанд дақиқа вай ба даруни танӯр як чашм давонду ба рӯйи нонҳо об зад. Сонӣ дили алавро оҳиста-оҳиста кушод. Лахчаҳо суп-сурх шукуфта, аз сари нав ҳил доданд. Нонҳои гулдор майда-майда хол партофта, рӯяшон тадриҷан сурх мешуд...

* * *

Пухтани нони Самарқандро бо чашми худ дидам. Вале, ҳайҳот, акнун сухани муаллимон ба гӯшам намедаромад. Чеҳраи зебои Ҳабиба аз пеши назарам дур намерафт.

Фақат Ҳабибаро дидан мехостам. Чанд рӯзи дигар хаёл карда гаштаму фикру андешаҳо маро ба заводи нонпазӣ гирифта омад.

Зане ба дарун даромада истода буд. Номи Ҳабибаро гуфтам, мешинохтааст. Фурсате нагузашта Ҳабиба баромада омад.

– Салом, Қосимака, – гуфт вай бо даҳони пур аз ханда.

– Ин ҷоро чӣ хел ёфта омадед?

Чеҳраи кушоди ӯро дида хеле далер шудам.

– Дил амр кунад, кас ҳама ҷоро ёфтан мегирифтааст, – гуфтам.

– Дилатон нағз будааст, Қосимака! – гӯён боз хандид Ҳабиба. – Агар илоҷаш бошад, аз ҳамон дилатон камтарашро ба ман медодед.

– Камтарашро не, Ҳабибахон, – гуфтам ман ҳам ба шавқ омада,– ба шумо ҳамаашро ҳадя мекунам.

– Сонӣ худатон чӣ кор мекунед? – чашми шӯхашро бозӣ доронда пурсид Ҳабиба. – Одами бедил...

Ҳабиба ба соаташ нигоҳ карда гуфт:

– Понздаҳ дақиқа мунтазир мешавед? Ман корамро ба сменаи дуюм супорида мебароям.

Ҳабиба модараш барин духтараки хушфеълу содда, дилсафеди бекина буд. Муносибатҳоямон рӯз ба рӯз нағз шуда, муҳаббати ниҳониамон ошкор гардид. Инро на фақат ману Ҳабиба ва Назокат, балки ҳатто модараш ҳам медонист. Аммо худро ба нодонӣ мезад, кордор намешуд.

Ҳар боре, ки ба ҳавлиашон меомадам, кампир бо чеҳраи кушод ба пешвозам мебаромад.

– Биёед, биёед, писарам! – мегуфт. – Шарм надоред, омадан гиред.

Ба ҳавлӣ даромада баҳри дилам кушода мешуд. Ҳама, ҳама чизро фаромӯш мекардам. Вале як ҳолат ғашамро меовард. Ин ҳам бошад, Ҳабибаро ё дар назди танӯр ё ки дар сари тағораи хамир медидам. Нони гулдор мепухт.

Имрӯз фалончӣ ба Душанбе рафтанӣ, ҳашто нони гулдор фармудааст. Пагоҳ ба Самарқанд аз ким-куҷо меҳмонони мӯътабар меомадаанд, даҳто нони гулдор. Рӯзи дигараш боз ду одам ба Тошканд равон будааст. Ин нонпазии Ҳабибаву ба чор тараф савғотӣ бурдани одамон поён надошт...

### Савол ва супоришҳо

1. Ҳикояро бо диққат ва ифоданок хонда бароед.
2. Кадом ҷиҳатҳои ҳикоя ба Шумо маъқул шуд?
3. Сирри нонпазии самарқандиёнро ба аҳли оилаатон гуфта диҳед.
4. Аз ҳикоя чӣ хулоса баровардед?



## ПАНДУ ҲИКМАТҲО

- Ба як ҷавон чил ҳунар кам.
- Ҳар ки илми бештар дорад, ӯро бузургтар доред.
- Ҳар кӣ аз омӯхтан нанг дорад, ӯро мардум мадоред.
- Касе, ки фикр надорад, ба вай ватан ҳайф аст.
  Гуле, ки буй надорад, ба вай чаман ҳайф аст.
- Кори имрӯзаро ба фардо магузоред.
- Сабру қаноат сарватест, ки ҳаргиз поён намепазирад.
- Сабр калиди мушкилиҳост.
- Сӯҳбат бо ноаҳлон мадоред.
- Рози дил ба душман фош насозед.
- Душманро бузург донед, ҳоли худро аз дӯсту душман ниҳон доред. Ҷое, ки роз гӯянд, гӯш мадоред.
- Кори зимисгонро дар тобистон маяфканед.

*Анӯшервони Одил*



http://eduportal.uz

# Фасли 8. АСРОРИ ОЛАМИ БАЧАГӢ

## УБАЙД РАҶАБ – ШОИРИ БАЧАГОН



Убайд Раҷаб 15-уми майи соли 1932 дар ноҳияи Панҷакент дида ба дунё кушодааст. Падараш деҳқон буд. Соли 1954 Донишгоҳи давлатии педагогии Душанберо хатм намудааст. Солҳои 1954–1961 ходими адабӣ ва мудири шӯъбаи рӯзнома, ходими адабии маҷаллаи «Машъал», солҳои 1962–1975 мудири шӯъба ва сармуҳаррири маҷаллаи «Садои Шарқ» буд. Убайд Раҷаб шоири бачагон аст. Ашъори ӯ дар маҷмӯаҳои «Орзуҳои ширин» (1958), «Саду як барг» (1970), «Рӯйи замин» (1974), «Хӯшаи гандум»(1979), «Ману ҷӯраҳои ман»(1981), «Дурдона»(1984) чоп шудаанд.

Қаҳрамонҳои ашъори Убайд Раҷаб кӯдакони фаъолу ҳушёр, ростқавлу меҳнатдӯстанд. Шеърҳои ӯ барои бачагон аҳамияти калони тарбиявӣ доранд. Тарғиби ҳусну одоб ва ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ мавзӯъҳои марказии асарҳои ӯст. Шеърҳои Убайд Раҷаб аз ҷиҳати услуб ва забон равон буда, аз ҷиҳати мавзӯъ ва мазмун ба синну соли кӯдакон мувофиқанд. Убайд Раҷаб аз эҷодиёти даҳонакии халқ эҷодкорона истифода кардааст. Лирикаи Убайд Раҷаб дар маҷмӯаҳои «Пайроҳа» (1967), «Рози обшор» (1979), «Саррез» (1982) ва ғайра гирд омадааст. Дар шеърҳои ӯ мавзӯи Ватан, тасвири манзараҳои он мавқеи муҳим дорад. Шеъру достонҳои У. Раҷаб ба бисёр забонҳои халқҳои хориҷа ва бародар (чехӣ, сербу хорватӣ ва булғорӣ) тарҷума шудаанд. Шеърҳои шоирони рус, халқҳои бародар ва Фаронсаву Булғорияро ба забони тоҷикӣ тарҷума кардааст. Узви Шӯрои адабиёти кӯдакон ва наврасони Тоҷикистон, Лауреати Мукофоти ба номи Ҳ.Х.Андерсен (1984) мебошад.

Убайд Раҷаб нахустин шеърҳояшро дар матбуоти даврӣ аз соли 1951 ва дар маҷмӯаҳои ҷудогонаи адабӣ аз соли 1954

нашр намудааст. Маҳсули адабии Убайд Раҷаб барои бачагон дар маҷмӯаҳои «Орзуҳои ширин», «Қиссаҳои модаркалон» (1958), «Ҳамсӯҳбати ширинзабон» (1963), «Нинӣ чӣ ном дорад?» (1964), «Рӯйи замин» (1974) гирд оварда шудаанд. Ба ашъори бачагонаи Убайд Раҷаб низ дар қатори аксарияти адибони нисбатан ҷавони тоҷик, ки дар солҳои 50-ум ба адабиёти хурдтаракон дохил шудаанд, пайравӣ ба фолклор хос мебошад. Ӯ бо номи «Фароштурук» дар асоси мазмуни афсонаи халқии тоҷикӣ барои бачагони синни хурди мактабӣ афсонаи манзум навишта буд. Афсона хеле шавқовар буда, хонандагон онро ниҳоят дӯст медоранд.

Убайд Раҷаб соли 2004 вафот кардааст.

### Савол ва супоришҳо

1. Дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Убайд Раҷаб нақл кунед.
2. Кадом китобҳои ба бачагон бахшидаи шоирро медонед?
3. Мавзӯъҳои асосии ашъори шоирро номбар кунед.

## МОДАРАМ

– Маро саҳар кӣ хезонд?
– Модарам.
– Чой ба ман кӣ резонд?
– Модарам.
– Кӣ куртаи маро дӯхт?
– Модарам.
– Оши болаззат кӣ пухт?
– Модарам.
– Кӣ майда бофт мӯям?
– Модарам.
– Кӣ муччӣ кард рӯям?
– Модарам.
– Гул кӣ ба дасти ман дод?
– Модарам.
– Кӣ ба мактаб фиристод?
– Модарам.

– Маро кӣ гуфт қобил?
– Модарам.
– Кист ба ман ҷону дил?
– Модарам.

### Савол ва супоришҳо

1. Шеърро ифоданок хонед ва аз ёд кунед.
2. Дар шеър образи модари меҳрубон чӣ хел тасвир карда шудааст?

## НОНИ ГАРМ

Лахча чун гул шукуфта,
Лахча таги хокистар.
Танӯри пури лахча,
Чун кӯраи оҳангар.

Рӯйи сурфа пури нон,
Болои ҳам хобида.
Оромие надорад,
Остинчаву рафида.

Нон мечаспонад очам,
Андар танӯри тафсон.
Дар осмон ситора,
Мечаспад ба ҷойи нон.

Очам нӯги алавро
Андак-андак мекобад,
Ду рӯяш чун рӯйи нон,
Дар чашми ман метобад.

Оби хунук чун арақ,
Мешорад ба рӯйи нон.
Нони гандум мешавад
Монанди рӯйи деҳқон.

Нон, ки ғарам мешавад,
Рӯйи шиғ, пеши танӯр.
Бӯйи хуши тобистон
Хонаро мекунад пур.

Аз нони гарми очам,
Бӯйи марза меояд.
Бӯйи доси даравгар,
Бӯйи дарза меояд.

Бӯйи банду чигина,
Бӯйи вал, бӯйи хирман...
Ояд аз нони очам,
Бӯйи падарҷони ман.

### Савол ва супоришҳо

1. Шеърро ба истҳо риоя намуда хонед.
2. Дар шеър кадом хусусиятҳои нон тасвир шудааст?
3. Шумо ҳам ҷараёни нонпазии модаратонро оё тамошо кардаед? Аз нони пухтаи модаратон бӯйи чӣ меояд?

# АМИНҶОН ШУКӮҲӢ



Аминҷон Шукӯҳӣ 10-уми июни соли 1923 дар деҳаи Румони ноҳияи Хуҷанд, дар оилаи деҳқони камбағал дида ба дунё кушодааст. Таълими ибтидоиро дар деҳааш гирифта, сонӣ ба курси муаллимтайёркунӣ дохил мешавад ва онро бомуваффақият хатм мекунад. Баъд аз он дар мактабҳои Хуҷанд муаллимӣ кардааст. Дар солҳои муаллимиаш вай олами пурасрор ва бетакрори кӯдаконро аз наздик меомӯзад. Барои худаш олами онҳоро кашф менамояд. Ин олам ӯро як умр сеҳр карда мемонад ва намегузорад, ки аз он дил канад.

Солҳои 1947–1952 дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» ба вазифаи мудири шӯъба фаъолият нишон додааст. Соли 1955 муҳаррири рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» буд. Солҳои 1961–1967 котиб ва ҷонишини Раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон шуда кор кардааст.

Нахустин шеъри ӯ соли 1942 дар рӯзномаи «Стахановчӣ» чоп мешавад. Соли 1948 бошад, аввалин маҷмӯаи шоир – «Суруди чашмасор» аз нашр мебарояд. Ин ҳол ба ӯ боз ҳам илҳом мебахшад ва нисбат ба пештара бештар ҷустуҷӯ мекунад. Эҷодиёти хешро ҳам аз лиҳози мавзӯъ ва ҳам жанр васеътар гардонида, ба оҳистагӣ бошад ҳам, ба дили хонандагон роҳ меёбад. Дертар маҷмӯаҳои ӯ «Ватани сулҳ», «Рӯзҳои мо», «Муҳаббат ва оила», «Садои дил», «Нафаси гарм», «Арзи қалам» ва «Чормағз» рӯйи чопро мебинанд.

Аминҷон Шукӯҳӣ на танҳо шоири бомаҳорат буд, балки дар наср низ шӯҳрати хосае дорад. Аввалин асари насрии ӯ ҳикояи «Шаҳло» мебошад. Дертар повести «Имзои шахсӣ» ва «Печутоби роҳҳо» аз чоп мебароянд. Повести «Парии ҷазира»-и ӯ низ хонандагони хешро соҳиб гашт.

Аминҷон Шукӯҳӣ барои бачаҳо низ чӣ бо назм («Ил-18 омад», 1968; «Баррачаи гурезпо», 1964) ва чӣ бо наср («Об аз куҷо меояд?», 1969; «Асад ва Самад», 1973; «Боғи шакарханд», 1977) барин асарҳо навиштааст. Асоси мазмуну мундариҷаи ашъори бачагонаи ӯро ҳодиса ва воқеаҳои ҳаррӯзаи ҳаёти хурдсолон ташкил медиҳад. Яке аз хусусиятҳои барҷастаи назми шоир мазмуни завқовар ва образҳои воқеӣ мебошанд. Шоир бо роҳҳои гуногун ба табъу завқ ва руҳияти хурдтаракон мувофиқ, ба воситаи образҳои паррандаҳою ҳайвонот ҷиҳатҳои неку бади ҳаёти одамонро тасвир намуда, ҷаҳонбинӣ ва доираи дониши онҳоро васеъ мегардонад. Барои қаҳрамони хурдакаки шоир ҳама чизи гирду атроф аҷоибу ғароиб менамояд, ҳисси кунҷкобӣ, завқи фаҳмидани чизҳои дидаву шунидааш ӯро ором намегузорад.

Гов нашуда кал шуда монд
Гӯсолаи алочаям,
Алочаи балочаям,
Ду шох бар сараш дамид,
Зи шодӣ ҳар тараф давид.
Думаш ба мисли хода кард,
Мағал миёни пода кард:
Ки ман калону зӯрдаст,
Натарсам аз баланду паст.
Куҷост буққаи калон,
Ки очааш диҳам нишон?
Куҷост гургу шеру фил,
Ки табъашон кунам хиҷил?

Ба ин ғуруру ман-манӣ
Намуд бас занозанӣ.
Ба шох қабзаи алаф
Гирифту зад ба ҳар тараф.
Чӣ бар чалак, чӣ бар сабад,
Бизад ба қаҳр қӯшлагад,
Зи тасфи ин даводавӣ,
Кашокашию якравӣ,
Бизад ба шох калламех
Ду шох шуд ҷудо зи бех.
Гӯсолаи алочаям,
Алочаи балочаям,
Масъалааш ҳал шуда монд,
Гов нашуда кал шуда монд.

### Савол ва супоришҳо

1. Матнро бо диққат хонед.
2. Дар бораи роҳи ҳаёти адиб нақл кунед.
3. Адиб ба бачагон кадом асарҳоро тӯҳфа намудааст?
4. Шеърро ифоданок хонед ва ба наср баргардонед.

## ОБ АЗ КУҶО МЕОЯД?

**(Порча аз қисса)**

## МОҲИ АСАД

Аз ҳама гармтарин моҳ кадом аст? Моҳи июл. Деҳқонон ин моҳро моҳи асад меноманд. Дар ҳамин моҳ ҳамаи меваҳо мепазанд. Дар деҳаи Лаклакон бачагон чунин месароянд:

Дар моҳи асад,
Олу мепазад.
Мечинем аз он
Мо сабад-сабад.

Аммо ин суруд ба Асад, ки ҳоло шашсола аст, тамоман маъқул нест. Ба фикри ӯ, бачагон гӯё ин дубайтиро барои масхара кардани ӯ месароянд. Фақат Самад, ки ҳамсоли Асад буда, онҳо ҳамсояи девордармиён мебошанд, ин сурудро намехонад. Бинобар ин онҳо дӯсти наздиканд ва ҳама вақт ҳамроҳ бозӣ мекунанд. Асаду Самад бачаҳои хеле қобил ва дидадаро мебошанд ва онҳоро ҳама вақт падару модарони бачаҳои шӯху якрав ба фарзандони худ ҳамчун намуна нишон медиҳанд.

Имрӯз аз пагоҳ ҳаво хеле гарм буд. Дар ҳавои гарм аз ҳама машғулияти форамтар чист? Албатта, оббозӣ! Самад монанди ҳаррӯза ба ҳавлии Асадино омад. Аммо дар ҷӯй об набуд. Бинобар ин онҳо дар болои реги нами ҷӯй нишаста, ба бозӣ машғул буданд. Дар болои рег кӯчаҳои нав, каналу ҷӯйборҳои нав месохтанд.

Сагчаи гӯшбуридаи Асад, ки номаш Калта буд, ба бозии бачаҳо нигоҳ карда, гӯё дилаш танг мешуд ва ҳар боре ҷастухез карда, онҳоро ба даводавӣ даъват мекард. Аз байн қариб як соат гузашт. Ногоҳ шилдир-шилдири об ба гӯш расид. Асаду Самад ҳар ду беихтиёр ба ақиб нигоҳ карданд.

– Ура! Об омад! – Хурсандона фарёд карданд онҳо ва зуд куртаҳои худро кашида, дарун-даруни об давидан гирифтанд.

Ба Калта ин кори бачаҳо хеле маъқул шуд. Мурғҳое, ки дар таги анор якпоя рост истода, пичир-пичиркунон ба ҳам гӯё сӯҳбат мекарданд, аз ғалоғула ва ҷастухези Калта хӯсида, ба тарафи ҷӯ нигоҳ карданд.

Мурғҳо махлуқи хеле аҷибанд. Ҳаво ҳар қадар гарм шавад, онҳо оббозӣ кардан намехоҳанд.

– Барои чӣ мурғҳо оббозӣ намекунанд? – пурсид Самад.

– Метарсанд, ки либосашон тар мешавад, – ҷавоб дод Асад.

– Охир ҳаво гарм, зуд хушк мешавад. Биё, ба онҳо оббозиро ёд медиҳем, сонӣ мурғобиҳо барин обро, ки диданд, ба об даромадан мегиранд, – маслиҳат дод Самад.

– Аввал ба хурӯс ёд додан даркор. Хурӯс – раиси онҳо. Агар вай сар кунад, дигар мурғҳо ҳам ёд мегиранд, – илова кард Асад.

Ин фикр ба ҳар дуи онҳо маъқул шуду зуд аз паси хурӯс давиданд. Хусусан Калта бо завқи тамом хурӯсро пеш мекард. Аммо доштани хурӯс кори осон набуд. Бачаҳо аз даводавӣ монда шуданд. Ҳатто Калта забони худро як ваҷаб берун бароварда, тез-тез нафас мегирифт.

– Хурӯс ганда, бефаҳм. Мурғи чипорро медорем, – таклиф кард Самад.

Асаду Самад мурғи чипорро зуд дошта оварда, ба об ғӯтониданд. Аммо мурғ ба ин кор ҳеҷ розӣ набуд ва болу пар зада доду фиғон мекард. Хурӯс ба болои танӯр баромада, болҳои худро ба ҳам зада овозҳои гуногун мебаровард ва гӯё тамоми мурғҳои деҳа ва одамонро ба ёрӣ даъват мекард.

Асаду Самад ба оббозӣ доштани мурғи чипор машғул буданд. Аммо доду фиғони мурғҳо модари Асадро водор кард, ки бо дасти хамиролуд аз айвон барояд. Вай дар он ҷо хамир мекард.

– Аҳ, ин чӣ номаъқулӣ? – гуфт кори Асаду Самадро дида, – чаро мурғро азоб медиҳед? Сар диҳед!

– Мо мурғро оббозӣ медорем, аз гармӣ мурда истодаасту оббозӣ намекунад, – гуфт Асад.

– Мурғ моҳӣ не.

– Хола, мурғ оббозӣ накунад, баданаш чиркин намешавад? – пурсид Самад.

Модари Асад табассуме карду гуфт:

– Не, вай баданашро бо хок тоза мекунад. Хокбозии вай оббозию оббозиаш ҳам хокбозӣ.

Бачаҳо мурғро сар доданд. Вай зуд болу пари худро афшонда, ба назди хурӯс давида рафт. Хурӯс бошад, дар атрофи вай чарх зада, қуд-қудкунон гӯё мегуфт: «Ана, дидӣ, ман модари Асадро чеғ зада, туро халос кардам. Ман набошам, ҳаром мемурдӣ...»

Модари Асад боз ба айвон даромада рафт. Дар ин вақт Мошон як калламуши калонро дошта омада, дар болои заминкан бароварда хӯрд ва бо кайфи тамом мӯйлабҳояшро лесидан гирифт.

– Биё, Мошонро оббозӣ медорем, – гуфт Самад.

Бачаҳо аз паси мошон давиданд. Аммо Калта аз паси Мошон давидан нахост. Чунки вай аз Мошон метарсид. Ҳамин хел баъзе сагчаҳо аз гурба метарсанд ё натарсанд ҳам бо онҳо ҳазлу шӯхӣ кардан намехоҳанд.

Мошон аз одам намегурехт. Асаду Самад ӯро зуд дошта ба лаби ҷӯ оварданд. Аммо Мошон ҳам ба об даромадан намехост. Бинобар ин Асад аз ду пойи пеш ва Самад аз ду пойи ақибаш маҳкам дошта, ба об ғӯтониданӣ шуданд. Мошон аз нияти бачаҳо пай бурда, якбора бо тамоми қувват зӯр зад ва дасти Асаду рӯйи Самадро харошида хуншор карду халос шуда гурехт.

Асаду Самад баробар гиряро бардоштанд. Калта бошад, ба ду пойи ақибаш нишаста, чашмонашро милт-милткунон ба онҳо нигоҳ мекард ва гӯё мегуфт: «Нагуфтам, ки ба лаънатии Мошон кордор нашавед, вай ҳазлро намедонад».

Овози гиряро шунида, боз модари Асад аз айвон давида омад. Вай аз воқеа огоҳ шуда, ба ҷойи ин ки Мошонро коҳиш кунад, гуфт:

– Аҷаб кардааст, ҷудо хуб шудааст. Кӣ ба шумоён ёд дод, ки гурбаро оббозӣ доред? Ана, ҷазоятонро дидед. Кай ақли шумоён медарояд-а? Бо ин аҳвол соли оянда чӣ хел ба мактаб меравед? Одам ба гулҳо, ба ниҳолҳо бояд об диҳад, на ин ки гурбаю мурғро оббозӣ дорад.

Ба болои сӯхта намакоб гуфтагӣ барин, модари Асад ҷойҳои гурба харошидаро шуста, йод молид. Асад бошад, ба Мошон, ки ба лаби бом омада минг-минг мекард, мушташро нишон дод. Калта ҳам тарафи Асадро гирифта, се бор ба Мошон «ав-ав-ав» гуфт.

Мошон бо Асаду Самад «ҷангӣ» шуд...

### Савол ва супоришҳо

1. Ҳикояро ифоданок хонед
2. Ба Асаду Самад – қаҳрамонҳои ҳикоя тавсиф диҳед.
3. Аз ҳикоя чӣ хулоса баровардед?

## НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ

### Портрети қаҳрамони асари бадеӣ

Портрет калимаи фаронсавӣ буда, маънои тасвир, суратро ифода мекунад. Вай дар адабиёти бадеӣ тасвири симо, қадду қомат, сару либос ва умуман зоҳири қаҳрамони асар мебошад. Портрет дар асари бадеӣ вазифаҳои гуногунро иҷро мекунад. Дар баъзе ҳолатҳо фақат як ҷиҳати асосии симо ва қаду басти қаҳрамони асар портретро ташкил кунад, дар ҳолати дигар тасвири муфассали намуди зоҳирии қаҳрамон портрети ӯро дар бар мегирад.

Устод Садриддин Айнӣ дар портретофарӣ маҳорати калон доштааст. Портретҳои қаҳрамонҳои асарҳои ӯ ба дилу хотираи хонандагон тез ва дуру дароз нақш баста мемонанд.

http://eduportal.uz

Дар адабиёти бадеӣ портрети психологӣ низ бисёр мушоҳида мешавад. Дар портрети психологӣ эҷодкор дар ҷараёни тасвири зоҳирии қаҳрамон олами ботинӣ ва характери ӯро низ кушода медиҳад.

Умуман, дар офаридани образҳои хурду калони бадеӣ мавқеи портрет калон аст.

### Савол ва супоришҳо

1. Портрети асари бадеӣ чист?
2. Портретҳои асарҳои бадеии хондаатонро ба дафтарчаи алоҳида навишта гиред.



## ПАНДУ ҲИКМАТҲО

- Бо душманон эҳтиёт бошед.
- Бо мардуми нокасу бадасл роҳ маравед.
- Пеш аз харҷ ҳамёнро аз назар гузаронед.
- Аз ҳамсояи бад парҳез кунед.
- Бе дӯст сафар накунед.
- Аз беилмон илм омӯзед.
- Аз қарздорӣ ҳазар кунед.
- Аз навкиса қарз магиред.
- Таом пинҳон махӯред
- Ба нони касон чашм мадоред.
- Забонро ба бад гуфтан одат мадиҳед.
- Назди ошною ноошно суханро дониста гӯед.
- Ҳарфи носазо касро байни мардум беобрӯ мекунад.

*Муҳаммади Ҳиҷозӣ*

http://eduportal.uz

# ҒАФУР ҒУЛОМ



Дар адабиёти ўзбек симоҳои машҳури адабӣ бисёранд. Яке аз ҳамин гуна эҷодкороне, ки тамоми иқтидорашро ба пешрафти адабиёти ўзбек бахшидааст, Ғафур Ғулом мебошад. Ин эҷодкори номдор зодаи шаҳри бостонии Тошканд мебошад. Вай соли 1903 таваллуд шудааст. Дар синни 9 солагиаш аз падари меҳрубонаш ҷудо гаштааст. Вай маҷбур мешавад, ки барои ба модараш ёрдам додан кор кунад. То 15-солагиаш корҳои гуногунро карда гашт. Соли 1918 ба курси ҳаштмоҳаи муаллимтайёркунӣ, ки дар Боку кушода шуда буд, рафта мехонад. Аз соли 1919 сар карда фаъолияти омўзгориашро дар «Урфон» ном мактаби Тошканд оғоз мекунад.

Аввалин маҳсули қалами ў шеъри «Бачаҳои Фелекс» мебошанд. Вай бо ин шеъраш ба олами адабиёт қадам гузошт.

Ғафур Ғулом барои бачаҳо китобҳои бисёре иншо намудааст. Қалами сеҳрноки ў ба хонандагон китобҳои «Мукофот», «Шеърҳо», «Суруди субҳидам», «Ҳамааш аз они ту», «Бачаи шум», «Мурдаи зиндашуда», «Ёдгор» ва амсоли инҳоро тўҳфа намудааст. Ў соли 1966 аз олам чашм пўшидааст.

Шумо ҳар сол тавассути «оинаи нилгун»-и Ўзбекистон кинофилми «Бачаи шум»-ро тамошо мекунед. Асоси ин филми бадеиро қиссаи Ғафур Ғулом «Бачаи шум» ташкил менамояд. Дар қиссаи мазкур ҳаёти басо душвори овони бачагии худи шоир ва ҳамсолони ў ба қалам гирифта шудааст.

### Савол ва супоришҳо



1. Дар бораи роҳи ҳаёти Ғафур Ғулом нақл кунед.
2. Шоир кадом асарҳоро навиштааст?
3. Шумо кинофилми «Бачаи шум»-ро тамошо кардаед?

## БАЧАИ ШУМ

### (Порча аз қисса)

... Байни асру шом аз пешам як дарёи калон баромад. Азбаски бо ин ҷойҳо шинос набудам, намедонистам, ки ин кадом дарёест ва номаш чист? Аз дарё пиёда гузаштан мумкин не, шино карда гузаштан аз он ҳам мушкилтар буд. Ақиб гаштан ҳам мумкин нест. Дар лаби дарё мунтазири ягон роҳгузари савора шуда нишастам. Ашӯлаи сайёҳони машҳури аз пешашон дарёи калон баромадаро бо мавҷҳои пуршӯри дарё нигоҳ накарда мехондам:

Дарё равон аст, равон,
Наметонам, гузаштан-е, ёр-ёр.
Аспам харобу раҳ дур,
Наметонам расидан-е, ёр-ёр.
Кардаст хароб аспамро
Сангҳои чошу пош-е ёр-ёр.
Кардаст рангамро зард,
Вай қаламқош-е, ёр-ёр.
Ӯсма бикаш ба қошате,
Сурма бикаш ба чашмакат.
Гулъизорам-е, ёр-ёр,
Қадат чу навниҳол аст.
Дар само-е, ёр-ёр.
Дар баракат куртаи шол,
Чӣ дилбар-е ёр-ёр.

Магар аз мо ҳам хубтар
Ту дорӣ ёр-е, ёр-ёр?
Ӯсма бикаш ба қошакат,
Сурма бикаш ба чашмакат.
Эй дилфигорам-е, ёр-ёр.
Он сӯйи дарё кӯзааст,
Тиллогин-е, ёр-ёр.
Даркор аст аз барои
Нозанин-е, ёр-ёр.
Аз дарё то бигзарӣ,
Дил даркор-е, ёр-ёр.
Сурма бикаш ба чашмакат,
Ӯсма бикаш ба қошакат.
То равад он мусофир,
Ташнаи зор-е, ёр-ёр.

Ашӯла хонда, як каф обро бо лаззат нӯшида истода будам, ки аз дур чанг намоён шуд. Аз даруни чанг як пирамарди ангурфурӯши байталсавор пайдо шуд. Ман ба домани вай часпида, илтимос кардан гирифтам, ки маро ҳам аз дарё гузаронида монад. Ангурфурӯш: «Байталам лоғар, ба наздикӣ зоидагӣ, борам бисёр гуён баҳона оварад ҳам, ман шилқинӣ кардан гирифтам. Пирамард ноилоҷ ба гузаронда мондан розӣ шуд.

Номи ин дарё Калас будааст. Ҷойи ҳозир баромадаамон ба шарафи ин дарё Қури Калас ном доштааст. Ҷойи рафтан ва ошною шиносе надоштам. Ангурфурӯш бемакон будани маро фаҳмида, баъзе маслиҳатҳо дод. Дар ин қишлоқ Сарибойбӯлис ном як заминдори калон будааст. Дар ҳазор таноб барин себзори вай доим хизматгори чолоке зарур шуда мемондааст. Алалхусус, ҳозир дар вақти себпазӣ одамони мисли ман дар ғами шикам гаштаю кам муздгирандаро аз дари хонааш намерондааст. Қарор додам, ки имшаб дар хобгоҳи хизматгорони вай мехобам. Ангурфурӯш ба ман роҳбалад шуда, он ҷоро нишон дод. Тахминан бист нафар хизматгорони пиру солхӯрдаи бой ҷуворигӯҷаи шабона мехӯрданд.

– Ассалому алайкум, – гуфта даромадам ман. Хизматгорон маро бо меҳрубонии зиёд ба давраи худ қабул карданд. Арзу додамро ба онҳо гуфтам. Яке аз хизматгорони пиртар чунин маслиҳати муҷмал дод:

– Умрат дар хонаи Сарибой бекора гузашта меравад, ука, ҷавон будаӣ. Аз пайи ягон касби дигар равӣ, беҳтар мешуд. Хайр майлаш, то худатро андак дошта гирифтан даҳ-понздаҳ рӯз кор карда ист. Сонӣ шояд роҳатро ёфта гирӣ...

Ба як табақи сафолини холӣ як кафлес гӯҷа андохта доданд. Ин ошро бо ду бурда нони ҷойдорӣ мазза карда хӯрдам.

Дар байни ҳамин хизматгорон хобидам. Аз қуттиҳое, ки дар онҳо себҳои нағзро ҷой карда, ба шаҳрҳои дур фиристоданӣ буданд, дутоашро паҳлӯи ҳам гузошта кат сохтам. Ба таги сарам аз пешрандаҳои себ мепечондагӣ болишт сохта, роҳат карда хобидам.

Ин хоб назар ба хонақоҳи эшон хоби шоҳона буд. Ҳар чӣ бошад, дар ин ҷо дар вақти намози бомдод фарёд карда, ғулдурғулдур ҳар хел дуоҳо хондани сӯфиёни авродчӣ хоби касро вайрон намекард. Пагоҳӣ ба назди бӯлис рафтам. Бой баъд аз хеле талоши савдо ба ман барои ҳаққи хизмат ҳар моҳ ду пуду ҳафтдаҳ қадоқӣ себи хому пухтагӣ аралаши аз шири модар ҳам ҳалол доданӣ шуд. Дар ҳамин дам авзои бойро

дида, раги ҳилакории ман ҳам ба ҷунбиш даромад. «Аз ман чӣ меравад, як шарт монда бинам, ягон рӯз ба сарам мушкилие ояд, бо ҳамин баҳона шояд халос шуда равам» гӯён бо ин хаёл ба бой гуфтам:

– «Бойбобо, акнун-ку савдомо пухт. Аз рӯйи шариат дар вақти фурӯхтани мол кас ҳама айби молро гуфта фурӯшад, ҳалол мешудааст. Ман ҳам як айб дорам, ҳаминро пешакӣ гуфта монданам беҳтар».

– Хӯш, чӣ айб дорӣ? Мезакин ҳастӣ, касалии саръ дорӣ?

– Не, айбам ин не, айбам ин аст, ки як чиз аз бачагиам одат шуда мондааст: гоҳ-гоҳ беихтиёр дурӯғ гуфта мемонам, аз ин ваҷҳ коҳиш накунед, бас аст. Ҳаққи хизмат майлаш ба гуфти шумо шавад.

– Оббо бачағар-е, ҳилагар менамоӣ-а? Хайр, майлаш, майлаш. Лекин бисёр дурӯғ нагӯй.

Корҳои мекардагиам чандон ҳам душвор не. Ба дарахтҳои себ тиргак мемонам, себҳои ба замин рехтаро чида қоқ мекунам, боғро посбонӣ мекунам. Баъзан, агар ба хӯҷаин пул зарур шуда монад, себҳои хом-хаталаро ба ароба бор карда, ба қишлоқҳои ғаллакори атрофи Дарбоза, Сариоғоч бурда фурӯхта меоям. Себҳои ҳайвонот намехӯрдагиро ба дашт бурда, аз деҳқонони даравгар ба ивази як қадоқаш ду қадоқ гандум мегирам.

Сарибой бӯлис дар байни хӯҷаинҳои то ҳол дидаам аз ҳама худозадагӣ, зиқнатаринаш буд.

Агар ба назди вай бо ягон кор равед, одаташ ҳамин буд, ки даркору нодаркор «сонеш баъд» гуфта мепурсид. Ана ба ҳамин «сонеш баъд» ҷавоб дода натавонед, онетонро аз Учқӯрғон медидед. Бо қамчин ба китфатон мефуровард. Чунончӣ, ба пеши вай рафта «себи қандил пухтааст» гӯед, вай ба шумо «сонеш баъд?» гуфта мепурсад. Ва ҳол он ки дар ҳамин ҷо худи гап тамом, ба саволи «сонеш баъд?» ҳеҷ ҳоҷат нест. Ана дар ҳамин гуна маврид ҷавоб ёфта наметавонеду аз бой калтак мехӯред.

Сарибой бо Юсуф-контор, аз қишлоқи Чувалчи қиморбозӣ карда, мевазорҳо, қӯрғончаи даруну берун, тамоми дову дастгоҳи ӯро бурда будааст. Боғи Юсуф-контор, алалхусус шипанги барҳавои ба хӯҷаини мо маъқул шуда, вай дарҳол аз ҳамон ҷо як қирғиззани хушрӯякеро гирифта, як баромада равад, даҳ-понздаҳ рӯз ба Калас барнамегаштагӣ шуд. Себҳо пухта ба замин рехта истодааст. Бе рухсати хӯҷаин ба чидани себ ҳеҷ кас ҷуръат намекунад. Барои аспҳо ему хошок нест. Хизматгорон гурусна, лекин ҳеҷ кас ҷуръат карда наметавонад, ки ба назди вай равад. Ҳама аз саволи «сонеш баъд?», ки баъди ҳар гап дода мешавад, метарсанд.

Як бегоҳӣ бо хизматгорон нишаста маслиҳат кардам, ки чӣ навъ карда бойро ҷеғ зада биёрем. Фикр кардем, ки кӣ ба назди вай меравад ва чӣ гуфта ҷеғ зада меоварад, то ки аз дарди «сонеш баъд» худи бой ҳам безор шавад.

Қуръа ба ман афтод.

Пагоҳӣ ба аспе савор шуда, ба назди бой равон шудам. Дар роҳ ба ҳазор хаёл мерафтам. Ба «сонеш баъд» чӣ тавр карда ҷавоб ёфтан даркор?

Ба манзил расида, аз асп фуромадам. Бой дар шипанг бо гӯшти калла ношто карда нишаста будааст. Ман салом дода оҳиста ба пойгаҳ дузону нишастам.

– Хӯш?!

– Ҳамту худам, шуморо ёд карда, як диданӣ омадам.

– Бисёр хуб, бисёр хуб, боракалло. Чандон ҳам бекор наомадагистӣ, ягон корат будагист, хӯш барои чӣ омадӣ?

Дар ҳамин дам шарте, ки барои хизматгори бой шудан монда будам, ба ёдам расид. «Дурӯғи шарт мондаатро ҳозир нагӯӣ, кай мегӯӣ?», гуфтаму гап сар кардам:

– Ана ҳамон, инхелӣ, корди дастааш устухонии шумо шикаст, ҳамин хабарро расониданӣ омадам.

Ана баъд аз ҳамин гап саволи «Сонеш баъд» ба сарам боридан гирифт:

– Хӯш, сонеш баъд, чӣ хел шуда шикаст? Дар рӯзғор ғайр аз корди ман дигар корд набудааст-мӣ?



– Саги тозиатонро пӯст канда истода будем, ба устухон расида шикаст.

– Э?! – гуфт бой. – Саги тозиро бо корди устухондастаи ман пӯст меканедмӣ? Гӯй чӣ, барои чӣ пӯст кандетон?

– Саросема шудем-дия, саг, ки мурд, пӯсташ бекор наравад, гуфта пӯст кандем.

– Аз чӣ мурд?

– Аз гӯшти аспи ҳароммурда бисёр хӯрда будааст, аз пурхӯрӣ мурд.

– Гӯшти аспи ҳароммурда дар куҷо будааст?

– Ҳа, гӯшти аспи тӯруқи қашқаи худамонро хӯрда мурд-дия, аспи бегона не.

Бой саросема шуд.

– Ҳай-ҳай бача, дониста гап зан, аспи тӯруқи қашқа мурд гуфтӣ-мӣ? Хӯш, тӯруқи қашқа аз чӣ мурд?

– Ҳеҷ ба ароба баста нашуда будааст, мо вайро ба ароба баста об мекашондем, маъюб шуда мурд.

– Чӣ гуфта истодаӣ, ҳаромӣ, ҳамин қадар аспҳои боркаш истода, омада-омада ягона аспи кӯбкоритозии парваришкардаи маро ба обкашонӣ кор мефармоед-мӣ, падарлаънатҳо?!

– Ҳа, вақте ки сӯхтор рӯй дод, ба кӯбкоритозӣ будани вай нигоҳ карда мешинанд-мӣ, аспи рост омадаро ба ароба баста, як сатил бошад ҳам об кашондан мегиранд-дия.

Бой гӯшти яхнии хоидаистодаашро фурӯ дода натавонист. Гӯштро аз даҳонаш гирифта монду чашмонашро аз косахона бароварда, ба ман нигоҳ карда гуфт:

– Ту ҷиннӣ-пиннӣ шудӣ-мӣ? Сӯхтор шуд гуфтанат чӣ маъно дорад, куҷо сӯхт, барои чӣ сӯхт?

– Ман соқу саломат, хӯҷаин, аввал оғилхона сӯхт. Бечора аспҳо ҳама нобуд шуданд, хӯҷаин.

– Э, дар оғилхона алав аз куҷо пайдо шудааст?

– Фикри ман, фикри дигар хизматгорҳоятон ҳам ҳамин, ки оташ эҳтимол аз анбор гузашта бошад.

– Охир дар анбор чизи оташ мегирифтагӣ нест-ку! Гандум буд – дуруст, биринҷ буд – дуруст, равған буд, газвор буд – дуруст, аз ҳамин чизҳо оташ мебарояд-мӣ?

– Саросема нашуда гапро то охир шунавед, хӯҷаин, оташ аз қӯрғон ба анбор гузаштааст. Ба оғилхона аз анбор гузаштагист. Ҳамин тавр шуда аз яке ба дигаре гузаштааст-дия.

– Э, ҳоло қӯрғон ҳам сӯхт гӯй!

– Қӯрғон ҳам сӯхт, анбор ҳам сӯхт, оғилхона ҳам сӯхт, аспҳо мурданд, сагатон ҳам мурд, кордатон шикаст.

– Ба қӯрғон аз куҷо оташ афтодааст?

– Аз шамъ оташ гирифтааст, аз шамъ.

– Хӯҷаин, худатон ҳам одамро бисёр хит карда мефиристондед-дия! Ба арвоҳи як одами дуппа дуруст шамъ нагиронда, лампа мегиронанд-мӣ? Арвоҳи омадагӣ ба шӯълаи чӣ бозӣ мекунад? Охир, як коса об пур карда ба болояш шохчаи дарахти себро мемонанд. Арвоҳи омадагӣ аввал ба болои шохча мешинад. Баъд аз як муддат дам гирифтан бо шӯълаи лип-лип кардаистодаи ҳамон шамъ бозӣ мекунад.

Аз гапҳои подарҳавои ман бой саросема шуда монд. Гуё ки ин гапҳоро шунидан намехоста бошад, оҳиста тарсида-тарсида пурсид:

– Кӣ мурд?

– Дар ҳамин вакт ман чеҳраамро ғамгин нишон дода, ҳунгос зада гиря кардам.

– Писари кенҷаатон Бӯрибойбачча ба дарахт баромада, бачаи гунҷишк мегирам гуфта, ғалтида, як бор «дада» гуфту «ғиқ...» карда ҷон дод.

Бой ҷумлаҳои охирини гапи маро шунид-мӣ, нашунид-мӣ, намедонам. Пиёлаи чойи нӯшидаистодаашро ба сараш зада, чаккаашро кафонду торҳои ришашро канда, додгӯён гиря сар кард. Ман ҳам ба вай ҳамроҳ шуда гиря мекардам.

Баъд аз як муддат айюҳаннос гуфта гиря кардан ман гиряро бас кардам, бой ҳам бас кард. Азбаски шуши бойро хеле

пора кардам, акнун барои ӯро дилдорӣ додан аз худам ягон гап бофтанӣ шудам.

– Хӯҷаин, – гуфтам, – Худо аз додааш маҳрум накунад, хафа нашавед, гарчи писаратон мурда, хонаатон сӯхта, аспҳо мурда, саг нобуд шуда, корд шикаста бошад ҳам, ман як хушхабар овардам, ки ҷойи ҳамаи инҳоро мегирад.

Бой ӯҳ гуфта аз ҷой хеста пурсид:

– Марг ба хушхабарат, падарлаънат, чӣ хел хушхабар?

– Духтари миёнаатон Адолатапа ба дунё як писарчаи арзанда зоиданд.

– Э!.. гуфт бой чашмонашро аз косахона баровarda, – Адолатапаат ҳоло ба шавҳар набаромадааст-ку!

– Мо ҳам аз ҳаминаш ҳайронем, хӯҷаин. Худо медиҳам гӯяд, ба шавҳар набаромада ҳам медодааст. Бачаро гӯед, бачаро, набераатонро гӯед-а, хӯҷаин. Бадал ном аробакаш доред-ку, афташ айнан худи ҳамон барин.

Бой дигар тоқат карда натавонсит. Аз ҳуш рафта афтид. Ман ҳам зарбаи қамчинро нася карда, аз он ҷо баромада рафтам. Баъд аз ягон соати ба хона омадани ман, бой ҳам савори аспи саманди бидав, барҳои ҷомааш овезон, саросема, як чашм ба замин, чашми дигараш ба осмон, дастаи қамчинро ба қоши зин сахт зер карда, гирякунон даромада омад.

Ман «боз ягон фалокат рӯй надиҳад» гуфта худамро ба як канор кашидам. Аҳли хонадон гиря карда омадани бойро шунида, «эҳтимол ягон фалокат рӯй дода бошад» гӯён худашон ҳам аз хона гиря карда баромадан гирифтанд. Онҳо якдигарашонро оғӯш карда, чунон гиря мекарданд, ки арасоти қиёмат сар шуд.

Баъд аз тамом шудани гиря аз якдигарашон таги гапро пурсидан гирифтанд. Сонӣ маълум шуд, ки на асп мурдааст, на саг, на қӯрғон сӯхтааст, на корд шикастааст.

Бӯрибой бошад, оби даҳон резонда худаш баромада омад. Ҳамон рӯз ман худамро нишон надода гаштам. Рӯзи дигар бой маро кофта ёфта, аз ду дасту поям бардоронда гирифта

омад. Аввал сару чашм аралаш созакак бист қамчин шатта хӯрда гирифтам. Сонӣ бой пурсид:

– Ҳой сагбача, ин қилиқат чӣ маънӣ дорад?

– Охир, аввали кор байъ карда будем-ку, аз саратон гардам, хӯҷаин, гоҳ-гоҳ як гапи дурӯғ мезанам гуфта будам.

– Ин ҳамон гапи дурӯғат-мӣ?

– Лекин на ҳамааш.

– Э, ин ҳоло ҳамааш не-мӣ? Тамоми дурӯғро гӯӣ, ман хонавайрон мешудаам-дия. Хез-е, бар падарат лаънат, шикамат аз ош сер нашавад, ҷувонмарг шав! Пеш кунед, ин каззобро!

Маро пеш карда баровардани шуданд. Пеш аз рафтан аз бой ҳақ талаб кардам, чунки дар хонаи бой як моҳу нуздаҳ рӯз кор карда будам. Бой бисту ду тин чойпулии то ин вақт додаашро нигоҳ дошта, аз себҳои пӯсидаю кирмхӯрда ду пуд ба як халта андохта дод. Ман ба ҳамин ҳам шукр карда, ҳангоми намози шом ба роҳ баромадам.

Боз ҳамон балои дарбадарӣ, боз ҳамон бемаконӣ. Мисли бачаи аз лона ҷудошудаи куку барои нишастан шоху буток нест. Болотар аз Калас ба тарафи баландӣ мерафтам...

*(Тарҷумаи Ҳабиб Аҳрорӣ)*

**Савол ва супоришҳо**

1. Матнро ба қисмҳо тақсим намуда, ба ҳар яки он ном гузоред.
2. Образи бачаи шум ба шумо бо кадом ҷиҳаташ маъқул шуд?
3. Аз ҳикоя чӣ хулоса баровардед?

## НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ

### Характери бадеӣ

Дар ҳаёт одамони дар рафтору гуфтор, завқу шавқ, хислату одат ба ҳамдигар батамом монанд мавҷуд нестанд. Ҳар як инсон бо маҷмӯи хислату рафторҳояш аз ҳамдигар фарқ

мекунад. Ин ҳолат дар дугоникҳо низ мушоҳида мешаванд. Нависандагон ба қаҳрамонҳои худ маҷмӯи кирдор, рафтор, гуфтор, ҷаҳонбинӣ, хулоса карда гӯем, хислатҳои фардиеро муҷассам мекунанд, ки онҳоро дар якҷоягӣ ***характери бадеӣ*** меноманд.

Инсон бо характери хеш дар ҷамъият мавқеъ пайдо мекунад. Атрофиён низ ба ӯ, мувофиқи характераш баҳо медиҳанду муносибат мекунанд. Аз ин рӯ, нависандагон ба қаҳрамонҳои худ таваккал карда характер интихоб намекунанд. Қаҳрамонҳои офаридаи онҳо бо характери фардиашон ба дили хонандагон роҳ меёбанд, маҳбубият пайдо мекунанд. Хонандагони асарҳои бадеӣ ба қаҳрамонҳои характери мусбатдошта пайравӣ мекунанд, аз амалу рафтори онҳо ибрат мегиранд. Ба қаҳрамонҳои характерашон манфӣ бо назари нафрат нигариста, аз рафтору гуфтори онҳо ҳазар мекунанд.

Ба характерҳои қаҳрамонҳояш эътибори махсус додани нависанда аҳамияти бузурги тарбиявиро молик мебошад. Аз ин ҷост, ки онҳо ба дили хонандагон абадӣ монда, тӯли асрҳо хизмат мекунанд.

### Савол ва супоришҳо

1. Характери бадеӣ чист?
2. Аз матни дар боло хондаатон характери бачаи шум ва бойро нависед.

# ОЙБЕК



Ойбек (писари Мусо Тошмуҳаммад) 10-уми январи соли 1905 дар шаҳри Тошканд дар хонаводаи суфбоф ба дунё омадааст. Аввал дар мактаби миёна, сипас дар омӯзишгоҳи педагогӣ таҳсил мегирад.

Солҳои 1925–1930 ба факултаи фанҳои иҷтимоии Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна дохил шуда, баъди хатми донишгоҳ дар ҳаминҷо муаллимӣ низ мекунад.

Нахустин қадами Ойбек ба саҳнаи адабиёт маҷмӯаи шеърии «Эҳсосот» (1926) аст. Сипас достонҳои шоир аз қабили «Дилбар – духтари замон» (1931), «Қасос» (1932), «Бахтигул ва Соғиндиқ» (1933), «Ҷӯраи оҳангар» (1933) пайиҳам табъу нашр мешаванд.

Ойбек дар баробари истеъдоди шоирӣ доштанаш маҳорати насрнависӣ низ доштааст. Асарҳои насрии калони ӯ романҳои – «Хуни муқаддас» (1940), «Навоӣ» (1944), «Шаббодаи водии зарнисор» (1949), «Офтоб сиёҳ нагардад» (1958) мебошанд.

Ба қатори онҳо ҳикояҳои «Бобои чароғбон», «Мусича», «Умеди шикаста», «Бозёфти тилло» ва «Апаи Гулнор»-ро дохил кардан мумкин аст. Яке аз ҷиҳатҳои асосӣ дар он аст, ки баъзе қаҳрамонҳои ин асарҳо баъдтар ҳам дар тасаввур ва хаёли нависанда зиста, эҷодкорона ташаккул ёфтааст. Пас аз гузашти вақт қаҳрамонҳои болоӣ дар романҳои калон ҳамчун қаҳрамони асосӣ ба майдон баромадаанд. Яке аз чунин асарҳо «Бобои чароғбон» мебошад, ки дар солҳои 30-юми асри гузашта навишта шудааст.

Ойбек 1-уми июли соли 1968 дар синни 63-солагӣ аз дунё чашм мепӯшад. Пас аз вафоти ӯ асарҳояш дар бист ҷилд табъу нашр мешаванд. Ӯ соли 2001 бо нишони «Буюк хизматлари учун» (Барои хидматҳои шоиста) тақдир гардонида шудааст.

# БОБОИ ЧАРОҒБОН

**(ҳикоя)**

Кӯчаи тангу каҷҳукилеб дар шабҳои тира бо нурҳои парокандаи танҳо як чароғе, ки дар болои дарвозаи пӯсидаи Турсунқулака овезон буд, тобон мешуд. Ҳар рӯз як пирамарди қадпасти ожангрӯй омада он чароғро равшан мекард. Мо ӯро «Бобои чароғбон» ном мебурдем. Бобо бениҳоят фурӯтан ва камгап буд. Ҳар гоҳ ба назди дарвоза меомад, нардбони хурдаки худро такя гузошта, ба чобукӣ ба он мебаромад ва аз каш рӯмолчаи гардпоккуниашро ба даст гирифта, бо эҳтиёт шишаи чароғро тоза мекард. Чароғро равшан намуда, ба поин мефаромад ва ба мисли обкашҳо нардбончаи худро ба дӯш гузошта, бо як чашмпӯшӣ аз назарҳо ғоиб мешуд.

Замоне, ки чароғро гузошта буданд, тамоми аҳли маҳалла хурсанд шуда, ба он бо меҳр менигаристанд. Сабабҳое пеш омаду ин меҳру алоқа дер напоид. Бо мурури вақт одамон ба чароғ бепарво шуда монданд.

Ғайри чашмдошт, дар миёни чароғу мо – бачаҳои гузар душмании боварнакарданӣ ба вуҷуд омад. Ҳар гоҳ дар гирди он ҷамъ меомадем, ба ҳамдигар дарафтида, тӯппиҳои якдигарро  ба самти он ҳаво медодем. Ҳамин ки касе тӯппиро ба чароғ мепӯшонд, бо мергании худ мағрур шуда қабат-қабат гӯшт мегирифт. Чанде гузашту аз ин бозии худ дилзада шудем, чаро ки чароғ тӯппиҳои пистончадору бо наққоши ранг ба ранг муҷаллоро ба сар кашида боз ҳам зеботар намоён мешуд ва ин гӯё ба ғаши мо мерасид. Аз ин рӯ, ба даст сангу кулӯх гирифта ба сӯйи чароғ ҳуҷум карданро одат кардем. Дар муқобили ин ҳамлаҳо чароғак хеле нотавон буд: сели кулӯху сангчаҳо чашмаки шишагини чароғи бечораро шикаста ба замин мерезонд. Рафта-рафта Бобои чароғбон ноилоҷ монда, ҳафтае се-чор бор ба чароғ «чашмак»-и нав мебаст. Ба маҳзи ин ки дур мешуд, мо дубора чашмакро «кофта» мегирифтем. Бо ин ҳама, Бобои чароғбон лом-мим намегуфт. Ин одати ӯ бароямон маъқул набуд, мехостем моро поида гардад ва

http://eduportal.uz

ҳатто касеро аз байнамон дошта лату кӯб кунад. Аммо ин гуна орзуи мо амалӣ намешуд.

Як рӯз, ҳангоми намози шом буд, ки мо як гурӯҳ дар кӯча ҷамъ омадем. Дар байнамон бачаи аз ҳама нотарсу баттол Қосими ланг буд. Ӯ яке садо баланд карда ба гап даромад, ки ҳама бо чеҳраҳои хоколуд ба сӯяш дида андӯхтем:

– Бачаҳо! Ҳамин замон Бобои чароғбон меояд. Мо чароғро мешиканем, бубинем чӣ кор мекунад, – ва худаш, пеш аз ҳама, аз пайи чизе гашт, ки барои задан ба даст ояд...

Сангу кулӯхи беҳисоб шуввосзанон ба парвоз даромаданд ва дар як зум чашмаки шишагини чароғ сӯрох-сӯрох гардид. Ҳамин дам аз дур қомати кӯтоҳу хамидаи Бобои чароғбон намудор шуд. Ба маҳзи расидан ба ҷойи лозим, нардбонча аз дӯш поин омаду бо таъзим ба девор такя кард. Бобои чароғбон ба болои он баромад, «чирт» гӯгирд зад: чароғ ба монанди хонае, ки ба чор тараф афтида бошад, шакли аҷибу ғарибе дошт ва сараш ҳатто ба як сӯ кач шуда меистод. Мо ҳама бо ғурур гардан ёзонда нигоҳ мекардем, баъзеҳо «пиқ-пиқ» бо мазоҳ хандида монданд. Пирамард ба сони одамҳои бемор баргашту оҳиста ба поин фаромад. Ӯ аз зери абрувони ғафс бо чашмони пӯшида илтиҷоомез ба сӯйи мо рӯ овард ва бо овози маҳин арз кард:

– Эй бачаҳои аз худ рафта, ин чӣ гап? Ба ҳамин чароғ нарасед, осмон омада ба замин мечаспад? Он дар боло сари ҷояш истаду шумо ҳам дар поин бозӣ карда гардед намешавад?

Бачаҳо ҷиму сокит ду дида ба мӯйсафед шуданд.

– Шумо ҳоло ҷавон, чашмони тез доред. Бароятон чи торикию чи равшанӣ фарқе надорад. Вақти хуфтан нарасида ҳамаатон дар оғӯши модарони худ хур-хур ба хоб меравед. Барои мо – пирони солхӯрда бошад, чароғ бениҳоят зарур аст, – гуфт Бобои чароғбон. Бачаҳо гӯшу ҳуш ба ӯ буданд. – Парерӯз шабона борони сахте омад. Гузорам ба ҳамин тарафҳо афтид, кӯча тип-торик буд. Аз шишаи сӯрохи чароғ шамол даромада онро хомӯш кардааст. Чун аз канори ҷӯй мегузаштам, пай бурдам, ки чизе обро шалаппос мезанонад. Ё пирам, чӣ бошад гӯён нури фонусчаи кисагиамро ба сӯйи ҷӯй

равона кардам. Дидам, пирамарде аз ман ҳам солхӯрдатар наметавонист аз об берун ояд. Ҳамоно аз дасташ дошта, бо як азоб ба соҳил кашидам, тамоми сару танаш лойолуд ва шип-шилта тар буд.

Яке аз бачаҳо гуфт:

– Эҳ бечора, тасаввур мекунам он лаҳза чӣ сурату ришу фаше дошт...

Мӯйсафед илова кард:

– Ҳама ҷояш касифу гилолуд буд... Баъд ӯро кашола карда то хонааш бурдам.

Бобои чароғбон ҳар чӣ мегуфт, дар пеши назари ман возеҳу равшан муҷассам мешуд. Қосими ланг сухан дар миён овард:

– Дурӯғ, ин гап дурӯғ!

Аз байни бачаҳо яке бо эътироз сухани ӯро бурид:

– Бобо рост мегӯяд!

Ба таъйиди ин эътироз Аҳмад бо субот гап зад:

– Акнун ҳар кӣ чароғро шиканад, ӯро дастгир карда ба бобо месупорем!

Бобои чароғбон хушҳол шуд:

– Боракаллоҳ, дигар намешиканед-а?

Ҳамоно бо як овоз ҷавоб додем:

– Не, не!

Мӯйсафед нардбони хурдакро ба дӯш гузошта дар торикӣ ғоиб шуд.

Аз он пас, дар ҳақиқат, касе ба чароғ зарар нарасонд. Ҳоло ба ҷойи он як чароғаки барқӣ аз даруни тӯри симин атрофро мунаввар месозад. Барои он на касе лозим аст, ки равшан кунад, на кибрит, на равған. Ягон бача ҳам беодобӣ карда санг намезанад. Дар равшании ин чароғак гашта лавҳаҳоеро аз наврасӣ ва Бобои чароғбон ба ёд меоварам.

*Тарҷумаи Юнуси Имомназар*

**Савол ва супоришҳо**

1. Дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Ойбек нақл кунед.
2. Ҳикоя ба кадом мавзӯъ бахшида шудааст?
3. Ҳикояро хонед ва мазмуни онро гуфта деҳед.



http://eduportal.uz

## САРЧАШМАҲОИ ИСТИФОДАШУДА

1. Алла, ҷонам, аллаё/Мураттибон Баҳроми Шермуҳаммадиён ва Дадоҷони Обидзода. – Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. – 53 с.

2. Афсонаҳои халқи тоҷик/Масъули чоп Дадохони Эгамзод. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2005. – 374 с.

3. Баёзи фолклори тоҷик. Иборат ва 6 ҷилд. Ҷилдҳои 1–6. – Душанбе: Ирфон, 1985–1986.

4. Бобоев Ю. Назарияи адабиёт. Қисми 1. Муқаддимаи адабиётшиносӣ. – Душанбе: Маориф, 1987, 234 саҳ.

5. Гулчини зарбулмасалу мақолҳои халқҳои ҷаҳон. Гирдоварӣ, тарҷума ва таҳияи Дилшод Раҳимов. – Душанбе: Истеъдод – 2012, 136 саҳ.

6. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан. Нашри чорум. – Душанбе: Адиб, 2007.

7. Коллектив. Каҳкашони орзу. – Тошканд: Ӯзбекистон, 2000, 136 саҳ.

8. Қамарзода А. Гулистони адаб (Маъҷмӯаи интихобии асарҳои адибони муосири тоҷикони Ӯзбекистон). – Тошканд: Шарқ, 2007, 686 саҳ.

9. Маниёзов А., Мирзоев А. Луғати имло. – Душанбе: Маориф, 1991, 248 саҳ.

10. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт. – Душанбе: Маориф, 1970, 234 саҳ.

11. Тазкираи адабиёти бачагонаи тоҷик. Иборат аз 5 ҷилд. Ҷилди 1. – Душанбе: Маориф, 1980, 376 саҳ.

12. Тазкираи адабиёти бачагонаи тоҷик. Иборат аз 5 ҷилд. Ҷилди 2. – Душанбе: Маориф, 1980, 342 саҳ.

13. Тазкираи адабиёти бачагонаи тоҷик. Иборат аз 5 ҷилд. Ҷилди 3. – Душанбе: Маориф, 1982, 350 саҳ.

14. Тазкираи адабиёти бачагонаи тоҷик. Иборат аз 5 ҷилд. Ҷилди 4. – Душанбе: Маориф, 1982, 303 саҳ.

15. Тазкираи адабиёти бачагонаи тоҷик. Иборат аз 5 ҷилд. Ҷилди 5. – Душанбе: Маориф, 1984, 480 саҳ.

16. Унсурулмаолии Кайковус. Оини рӯзгор. (Аз «Қобуснома»). – Душанбе: Адиб, 1991, 62 саҳ.

17. Ӯзбекистон миллий энсиклопедияси. 1–12-жилдлар. «Ӯзбекистон миллий энсиклопедияси» Давлат илмий нашриёти. – Тошкент, 2000–2006 йиллар.

18. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 1. – Москва, 1969, 951 саҳ.

19. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 2. – Москва, 1969, 950 саҳ.

20. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). Ҷилди 1. Душанбе, 2008.

21. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). Ҷилди 2. Душанбе, 2008.

22. Чаҳор китоб. Душанбе: Адиб, 1990.

http://eduportal.uz

## МУНДАРИЧА

Дарси аввал – дарси истиқлол....................3
Назарияи адабиёт. Асари бадеӣ....................5

### Фасли 1. Савту садои суруду тарона

Суруд ва хелҳои он....................7
Навъҳои суруди алла....................8
Сурудҳои таърихӣ....................10
Чистон....................14
Чистон-афсона ва чистон-масъала....................17

### Фасли 2. Дар олами афсонаҳо

Афсона – намуди қадимтарини эҷоди бадеӣ....................22
Назарияи адабиёт. Муболиға....................36
Чингиз Айтматов....................38
Момогавазни чанбаршох (порча аз қиссаи «Киштии сафед»)....................40
Адаш Истад....................54
Овозаи Рустам....................55
Назарияи адабиёт. Нақлу ривоятҳо....................61
Ривоятҳо оиди Луқмони Ҳаким....................62
Ҳикматҳои Луқмони Ҳаким....................68
Абӯалӣ ибни Сино....................70
Ривоятҳо дар бораи Ибни Сино....................71
Зайниддин Восифӣ....................76
Ҳикояти «Фирдавсии Тӯсӣ»....................77
Назарияи адабиёт. Ғояи асари бадеӣ....................85

### Фасли 3. Лутфи латиф – гуфтори зариф

Латифа....................88
Латифаҳо дар бораи Мулло Мушфиқӣ....................89
Латифаҳо дар бораи Насриддин Афандӣ....................90
Убайди Зоконӣ....................92
Ҳикоятҳо аз «Рисолаи дилкушо»....................93
Абдусалом Деҳотӣ....................96

### Фасли 4. Саёҳат ба олами одобу ахлоқ

Зарбулмасал ва мақолҳо – дурдонаҳои панду ҳикмат....................101
Зарбулмасал ва мақолҳо....................102
Назарияи адабиёт. Маҷоз....................103
Зарбулмасал ва мақолҳо дар ҳикоёт ва тамсилот....................104
Назарияи адабиёт. Тамсил....................109
Панду андарзҳо....................110
Намунаҳо аз панду андарзҳо....................111
«Зафарнома» – маҷмӯаи панду андарзҳо....................114
Мухтасари «Зафарнома»....................114
Носири Хисрав....................117



http://eduportal.uz

Уқоб (тамсил) ........ 119
Назарияи адабиёт. Вазни ҳиҷо ва арӯз ........ 120
Абдураҳмони Ҷомӣ ........ 123
Панду ҳикматҳои Абдураҳмони Ҷомӣ ........ 124
Ҳикоятҳо аз «Баҳористон» ........ 126
Камолиддин Биноӣ ва ҳикояти «Касби адаб кардани Беҳрӯз» ........ 128
Достони «Беҳрӯзу Баҳром» ........ 129
Назарияи адабиёт. Қофия ва радиф ........ 132
Асарҳои панду ахлоқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ ........ 133
Ҳикояти «Оқибати ҳасуд» ........ 136
Муҳаммад Авфии Бухороӣ ва «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт»-и вай ........ 138
Ҳикояти «Заргар ва наҷҷор» ........ 140

## Фасли 5. Имон ва эътиқод

Исмоили Бухороӣ ........ 146
«Чаҳор китоб» – махзани имону эътиқод ........ 149
Порчаҳо аз «Чаҳор китоб» ........ 155
Шугунҳо ........ 156

## Фасли 6. Биҳишт – зери қадами модарон

Эраҷ Мирзо ва «Модарнома»-и вай ........ 158
Лоиқ Шералӣ ........ 162

## Фасли 7. То тавонӣ дӯстонро гум макун

Дӯстии Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ ........ 168
Ҳикоятҳо аз «Хамсатул мутаҳаййирин» ........ 170
Ёддошти Восифӣ дар бораи ҳамсӯҳбат шудани қозизодаи Сиистон бо Навоӣ ва Ҷомӣ ........ 172
Унсурулмаолии Кайковус ........ 175
Боби «Дар оини дӯст гирифтан» аз «Қобуснома»-и Кайковус ........ 177
Саъдии Шерозӣ ........ 179
Ҳикоятҳо аз «Гулистон» ва «Бӯстон» ........ 181
Болта Ортиқов ........ 183
Нони Самарқанд ........ 185

## Фасли 8. Асрори олами бачагӣ

Убайд Раҷаб – шоири бачагон ........ 195
Модарам ........ 196
Аминҷон Шукӯҳӣ ........ 198
Об аз куҷо меояд? (Порча аз қисса) ........ 200
Назарияи адабиёт. Портрети қаҳрамони асари бадеӣ ........ 203
Ғафур Ғулом ........ 205
Бачаи шум (Порча аз қисса) ........ 206
Назарияи адабиёт. Характери бадеӣ ........ 213
Ойбек ........ 215
Бобои чароғбон (ҳикоя) ........ 216



http://eduportal.uz

**Азимов, Юнус.**
А 37 Адабиёт: Умумий ўрта таълим мактабларининг 5-синф ўқувчилари учун дарслик / Ю. Азимов, Ж. Эшонқулов. – Т.: «O‘zbekiston», 2020. – 224 с.
I. Эшонқулов, Жуманазар.

ISBN 978-9943-01-740-5

**УДК: 821.512.133(075)+133(075)**
**ББК 83.3(0)**

*O‘quv nashri*

Yunus Azimov, Jumanazar Eshonqulov

# АДАБИЁТ

Umumiy o‘rta ta’lim maktablarining 5-sinf o‘quvchilari
uchun darslik

(Tojik tilida)

Рассом *М. Юлдашев*
Муҳаррир *И. Эшонқулов*
Муҳаррири бадеӣ *Х. Кутлуков*
Рассоми муқова *К. Зокирова*
Муҳаррири техникӣ *Т. Харитонова*
Саҳифабанди компютерӣ *Ф. Хасанова*

Литсензияи нашриёт AI №158, 14.08.2009. Ба чопаш 17-уми июни соли 2020 иҷозат дода шуд. Коғази офсетӣ. Андозаи $70\times90^{1}/_{16}$. Гарнитураи Arial Tj. Кегли 12, 10. Бо усули офсет чоп шудааст. Ҷузъи чопии шартӣ 16,38. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 10,29. Адади нашр 7255 нусха. Шартномаи № 20-277.

Дар хонаи эҷодии табъу нашри «O‘zbekiston» чоп карда шуд.
100011, Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30.

http://eduportal.uz

## Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора додашуда

| № | Ному насаби донишомӯз | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои роҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои роҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | |
| 2. | | | | | | |
| 3. | | | | | | |
| 4. | | | | | | |
| 5. | | | | | | |

## Ҷадвали боло ҳангоми ба иҷора дода шудан ва дар охири соли хониш баргардонида гирифтан, китоб аз тарафи роҳбари синф аз рӯйи меъёрҳои зерин пур карда мешавад:

| Аъло | Ҳолати китоб ба дарҷаи аъло аст |
|---|---|
| Хуб | Муқоваaш яклухт, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, надаридааст, ҷудо нашудааст, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест |
| Қаноатбахш | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида шудаанд, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир шудааст. Вароқҳои ҷудошудааш аз нав таъмир гардидаст, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| Ғайри-қаноатбахш | Дар муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё ки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир гаштааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда шудааст, китоб барқарор карда намешавад. |

http://eduportal.uz

**Азимов, Юнус.**
А 37 Адабиёт: Умумий ўрта таълим мактабларининг 5-синф ўқувчилари учун дарслик / Ю. Азимов, Ж. Эшонқулов. – Т.: «O‘zbekiston», 2020. – 224 с.
I. Эшонқулов, Жуманазар.

ISBN 978-9943-01-740-5

**УДК: 821.512.133(075)+133(075)**
**ББК 83.3(0)**

*O‘quv nashri*

Yunus Azimov, Jumanazar Eshonqulov

# АДАБИЁТ

Umumiy o‘rta ta’lim maktablarining 5-sinf o‘quvchilari
uchun darslik

(Tojik tilida)

Рассом *М. Юлдашев*
Муҳаррир *И. Эшонқулов*
Муҳаррири бадеӣ *Х. Кутлуков*
Рассоми муқова *К. Зокирова*
Муҳаррири техникӣ *Т. Харитонова*
Саҳифабанди компютерӣ *Ф. Хасанова*

Литсензияи нашриёт AI №158, 14.08.2009. Ба чопаш 17-уми июни соли 2020 иҷозат дода шуд. Коғази офсетӣ. Андозаи $70\times90^{1}/_{16}$. Гарнитураи Arial Tj. Кегли 12, 10. Бо усули офсет чоп шудааст. Ҷузъи чопии шартӣ 16,38. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 10,29. Адади нашр 922 нусха. Шартномаи № 20-278.

Дар хонаи эҷодии табъу нашри «O‘zbekiston» чоп карда шуд.
100011, Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30.

http://eduportal.uz